# Имдодҳои ғайбӣ дар зиндагии башар

*Муртазо Мутаҳҳарӣ*

**Баргардон ва таҳия аз:**

***Сайидюнуси Истаравшанӣ***

# Феҳрист

**Имдодҳои ғайбӣ дар зиндагии башар**...1
**Феҳрист**...**2**
Муқаддима...4
Пешгуфтор...6
Хуршеди ин дин ғуруб намекунад...8
Оё дин аҷал ва поён дорад?...9
Меъёри ҷовидонагиҳо...10
Фитрӣ будани дин...13
Назариёт дар бораи илали пайдоиши дин...14
Назарияи фитрӣ будани дин...17
Дин, сармояи зиндагӣ...21
Дин, пуштвонаи ахлоқ ва қонун...23
Ишколот...24
**Имдодҳои ғайбӣ дар зиндагии башар...30**
Ғайб яъне чӣ?...32
Пардаи ғайб...34
Маҳдуд ва номаҳдуд...34
Ҷаҳони ғайб...39
Мададҳои ғайбӣ...41
Анвои имдодҳо...41
Тафовути тафаккури илоҳӣ ва тафаккури моддӣ...45
Илҳом ва ишроқ...46
Хулоса...49
Мададҳои ғайби иҷтимоӣ...49
Маҳдавият дар ислом...50
Ояндаи ҷаҳон...52
**Мудирият ва раҳбарӣ дар ислом...58**
Рушд дар истилоҳоти исломӣ...59
Таърифи рушд...60
Рушди миллӣ...61
Рушди фардӣ ва ахлоқӣ...61
Мудирияти ҳофиза...61
Рушд дар ибодат...63
Имомат ва раҳбарии уммат...64
Иброҳим, раҳбар ва имом...65
Инсон, ниёзманди раҳбарӣ аст...67

Решаи тафовути инсон ва ҳайвон аз назар раҳбарӣ ........ 67
Қавонини хосси ҳоким бар зиндагии башар ........ 68
Раҳбарии Расули Акрам ........ 68
Зарурати мутолеаи сираи авлиё ........ 69
Вазоифи хосси раҳбар ........ 70
Дастуроти ислом дар мавриди раҳбарӣ ........ 71
**Рушди исломӣ ........ 75**
Таъриф ва ақсоми рушд ........ 76
Рушди ҳайвон ғаризӣ ва рушди инсон иктисобӣ аст ........ 77
Шароит ва имкони рушд ........ 78
Рушди исломӣ ........ 79
Қуръонҳои нафис ........ 79
Биноҳои таърихӣ ........ 81
Донишмандони исломӣ ........ 82
Муқаррароти исломӣ ........ 82
Муҷозоти дуздӣ ........ 83
Адами таваҷҷӯҳ ба масъулиятҳо ........ 85
Бехабар аз он чи дар ҷаҳони ислом мегузарад ........ 85
Рушд аз назари омӯзишу парвариш ........ 86
Вусъати майдони рушди инсонӣ ........ 87
Қудрати пешбинӣ ........ 87
Алоими мусбати берушдӣ ........ 87
Интишорот ва матбуот ........ 88
Масорифи нерӯҳои мағзӣ ........ 88
Ҳассосиятҳо ........ 89
Инфоқот ........ 91
Бархӯрд бо фурсатҳо ........ 92
**Дар перомуни муҳаллил ........ 93**
Муҷозоти талоқҳои мукаррар ........ 94
Ҳалоли мабғуз ........ 94
Тадбири отифӣ ........ 95
Митлоқият ........ 97
Нигоҳе ба ҷомеаи худамон ........ 97
Ибтизоли ҳунарӣ ........ 98

بسم الله الرحمن الرحيم

## Муқаддима

Он чи акнун ба сурати як рисола аз назари хонандаи мӯҳтарам мегузарад, маҷмӯъи панҷ гуфтор аст, ки дар замонҳо ва маконҳои дур аз якдигар таквин ёфтаанд.

Ду гуфтор аз ин панҷ гуфтор, то кунун мукаррар ба чоп расидааст, ду гуфтори дигар барои аввалин бор чоп ва мунташир мешавад. Ва гуфтори панҷум саргузашти хоссе дорад, ки ишора хоҳам кард.

Гуфтори аввал ("Хуршеди дин ҳаргиз ғуруб намекунад") замонан бар ҳамаи инҳо муқаддам аст. Ин гуфтор матни як суханронӣ аст, ки дар соли 1345 шамсӣ (1966 мелодӣ) муқорини айёми Мабъаси Расули Акрам дар Донишкадаи нафти Ободон эрод ва билофосила аз забти савт истихроҷ шуд ва пас аз ислоҳ ва тадвин ва тафсили бештар, чопу мунташир гашт.

Гуфтори дуввум ("Имдодҳои ғайбӣ дар зиндагии башар) дар соли 1346 шамсӣ (1967 мелодӣ) муқорини нимаи Шаъбон дар Донишгоҳи Паҳлавии Шероз эрод шуд ва пас аз истихроҷ ва ислоҳ ва як силсила изофот, бо гуфтори аввал тавъам гашт ва ҳар ду гуфтор ба сурати рисолаи кучаке ба номи "Имдодҳои ғайбӣ дар зиндагии башар" мукаррар чопу нашр ёфтанд.

Дар муқаддимае, ки бар ҳамин рисолаи кучак дар соли 1348 шамсӣ (1969 мелодӣ) навиштам, орзу кардам, ки тавфиқ ёбам лоақал се гуфтори дигар замимаи ин ду гуфтор бишавад. Ин орзу муҳаққақ нашуд, то имсол, ки тавфиқ ҳосил шуд ва се гуфтори дигар замима гашт.

Гуфтори севвум, ки унвони "Раҳбарӣ ва мудирият дар ислом"-ро ёфтааст, матни як суханронӣ аст, ки дар чанд сол қабл муқорини айёми беъсат, дар Мадрасаи олии мудирияти Кирмон, таҳти унвони боло эрод шудааст. Ин гуфтор тақрибан айни ҳамон суханронӣ аст, яъне ислоҳот ва изофоти каме дар он сурат гирифтааст.

Гуфтори чаҳорум дар бораи рушди исломӣ аст. Ин гуфтори ислоҳшуда ва тафсилёфтаи як суханронӣ аст, ки он ҳам дар чанд сол қабл дар Ҳусайнияи исфаҳониҳо дар Ободон эрод шуд ва пас аз истихроҷ аз забти савт дар ихтиёри ин банда қарор гирифт. Ин банда боз ҳам таҳти ин унвон суханронӣ кардаам. Аз ҷумла дар ҳудуди панҷ сол пеш дар Ҳусайнияи Ҳидояти Лоҳиҷон ба муносибати ифтитоҳи он муассиса. Вале матне, ки дар ин ҷо мавриди истифода ва ислоҳ қарор гирифт, ҳамон аст, ки дар Ободон эрод шуд.

Гуфтори панчум, ки унвони “Филми муҳаллил“ дорад, ба сурати суханронӣ эрод нашудааст, балки айни мақолае аст, ки дар баҳманмоҳи 1350 шамсӣ (1971 мелодӣ) дар интиқод аз як филми муғризона, ки дар ҳамон айём нишон дода мешуд, дар рӯзномаи “Кайҳон” навиштм ва мавриди истиқбол қарор гирифт. Ин мақола то он ҷо, ки ман иттилоъ дорам, дар Шероз дар ҳамон айём ба сурати мустақил чопу пахш шудааст.

***Аввали тирмоҳи 1354 ҳиҷрии шамсӣ (1975 мелодӣ)***

***Муртазо Мутаҳҳарӣ***

# Пешгуфтор

***Суханронии оқои Беҳрӯзи Бушаҳрӣ, раиси Анҷумани исломии донишҷӯён***

Меҳмонони арҷманд, устодони гиромӣ ва дӯстони азиз! Бидуни шак мо дар як нуқтаи ҳассос аз ҳаёти таърихи иҷтимоии хеш воқеъ шудаем: дар миёни ду фазои ғайримувофиқ ва ду мавқеияти мухолиф.

Гузаштае дорем бо фарҳанги саршор ва гаронбаҳояш аз як тараф ва он чиро, ки тамаддуни имрӯзи ҷаҳон ва махсусан тамаддуни ғарб барои мо ба армуғон овардааст, аз тарафи дигар.

Мо дар ин миён вазифае устувор ва сангин дорем, зеро ки гусастани паймони ҳамаҷониба бо гузашта хирадмандона нест ва аз тарафе, таслими бидуни андеша ба тамаддун ва раҳоварди имрӯз ҳам корест ғайриоқилона. Мо кӯшидаем, ки аз миёни фарҳанги гузашта ва асили худ усули олӣ ва зиндаашро бишносем ва бо диди ҳар чи равшантар усули зиндаи тамаддуни имрӯзро низ фаро гирем. Албатта мо метавонистем ҳамчун хошоке бошем ва бар рӯйи амвоҷи таъассубот ва хурофоти гузаштагон ба ҳар тараф кашида шавем ва ё он ки дар гирдоби фасоди тамаддуни ғарб сукут кунем.

Вале мо тасмим гирифтем, худ мавҷе бошем, ҷӯше дошта бошем ва хурӯше ва бад-ин хотир мубориза пайгир дар пеш гирифтем, ҳам бо хурофот ва таъассуботи гузаштагон ва ҳам бо зиштиҳо ва бадандешиҳои ҷаҳони тоза. Ин такопӯ ва пайкори муқаддасро барои шинохти ҳар чи бештар ва ҳамаҷонибаи усули олии инсонӣ идома медиҳем, ба хотири мусбат будан ва ба хотири инсон будан. Аммо дур аз тангназариҳо ва возадагиҳо. Дар роҳи хеш нисбат ба тамоми идеяҳо ва ақоид аз ҳар навъ, мувофиқ ё мухолиф, бурдбор будаем ва бурдбор низ хоҳем буд ва аз тамоми андешаҳо ҳарчанд, ки гирди ақоиди мухталиф ҳам давр занад, самимона ва бо оғӯши боз истиқбол мекунем.

Дар сайри ин такопӯ ва кӯшиш фаъолиятҳое доштаем, ки намунаи иштиёқи гарми дӯстон аст дар роҳе, ки интихоб кардаем.

Китобхонаи шабонарӯзиро, ки дар солҳои пеш бино ниҳодаем, ҳамроҳ бо ҳамкории ҳамаҷонибаи дӯстон равнақи бештаре бахшидем. Намози ҷумъа тартиб додем ва дар ҷаласоти баҳсу гуфтугӯи он ширкат кардем, то муҳите бо самимият ва ҳамфикрии бештар эҷод кунем, ҷаласоти суханронӣ ва баҳсу интиқод доштем, то ин ки он усули асил ва инсониро дар андешаҳои танҳоямон ва ба ҳамроҳии якдигар бозшиносем, килосҳои тақвиятӣ ташкил додем, то дар роҳе, ки интихоб кардаем, бештар мусбат бошем.

Чанд кӯшиши дигар низ доштем, ки ҳар кадом ёдовари муҳаббат ва маърифати самимияти дӯстонаи тамоми мо донишҷӯён аст. Ва ҷашне дорем, ки хотираи ин муваффақиятҳоро ҳамасола зинда мекунад. Он ҷашнро имшаб баргузор кардем ба хотири бузургдошти Рӯзи мабъаси ҳазрати Расул, рӯзи баргузида шудани Муҳаммад (с); марде, ки аз саҳрои Арабистон бархост ва дар он муҳите, ки меъёр ва миқёси санҷиши арзишҳо бар пояи моддиёт буд, фарёд зад:

إن أكرمكم عند الله أتقيكم

Яъне эй мардум, гиромитарин ва баргузидатарини шумо дар назди Худованд дурусткортарин ва парҳезкортарини шумост. Бад-ин хотир мо имрӯзро мӯҳтарам мешуморем.

Ман ин рӯзро табрик мегӯям ба тамоми касоне, ки барои он арзиш мениҳанд ва онро гиромӣ мешуморанд ва ташаккур мекунам аз ҳамагии шумо, меҳмонони арҷманд ба хотири ин ки лутф намуда ва қадам ранҷа карда ва дар ҷашни мо ширкат фармудед. Ва ҳақиқатан, ки ба он равнақ бахшидед. Бахусус сипосгузорам аз ҷаноби оқои Мутаххарӣ, устоди мӯҳтарами Донишгоҳи Теҳрон, ки лутф фармуданд ва бо вуҷуди ҳамаи гирифториҳое, ки аз назари кори тадрис дар донишгоҳ ва ғайра доштанд, аз роҳи дур барои эроди суханронӣ дар ҷашни мо аз Теҳрон ба Ободон ташриф оварданд.

Ташаккур мекунам аз авлиёи мӯҳтарами донишкада ба хотири кӯмакҳои онҳо, ки моро дар баргузории ин ҷашн ёрӣ карданд ва сипосгузорам аз тамоми дӯстони донишҷӯи худ ба хотири ҳамроҳӣ ва ҳамфикрии самимонаи эшон ва заҳамоте, ки дар баргузории ин ҷашн кашиданд ва ба хусус аз аъзои Кумитаи тафреҳоти Шӯрои донишҷӯён муташаккирам, ки тазйини солунро ба ӯҳда гирифтанд.

Дар поён изофа мекунам: он чи ки ба пешгоҳи дӯстон тақдим доштаем, ба хотири ҳадафе будааст инсонӣ, ки ба миқёси гарми конуни донишҷӯии мо маҳдуд шудааст.

## Хуршеди ин дин ғуруб намекунад

**Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим**

Қабл аз он ки вориди сӯҳбат шавам, ин иди саъидро, ки рӯзи мабъаси Хотамуланбиёст, рӯзи тавҳид аст ва ба ҳамин ҷиҳат рӯзи озодии башар аст, рӯзи растохези ҷаҳони инсонист, рӯзи ақлу илм аст, ба ҳамаи ҳуззори мӯҳтарам табрик арз мекунам.

Арз кардам, ки рӯзи тавҳид ва рӯзи озодӣ аст. Оре, бидуни шак ислом мунодии тавҳид дар ҷаҳон аст. Фарёди:

لا إله إلا الله

— ро, фарёди ин ки ҷуз Худо чизи дигаре шоистаи парастиш ва ибодат, хузӯъу курниш нест ва башар ҷуз дар пешгоҳи Ҳақ дар пешгоҳи ҳеч мавҷуде аъамм аз муҷаррад ва моддӣ набояд хузӯъ намояд, ин фарёдро ислом баровард:

تَعَالَوْا إِلَىٰ كَلِمَةٍ سَوَاءٍ بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا اللَّهَ وَلَا نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللَّهِ

(*Оли Имрон/64*)

Ин оят ҳамон ояте аст, ки Расули Акрам ба унвони бахшнома ба номи сарони ҷаҳони он рӯз фиристод. Рӯзи ақлу илм аст.

Ростӣ оё аҷиб нест марде уммӣ ва дарснахонда ва дар сарзамини уммият, барои аввалин бор, ки мабъус мешавад ва инқилоби руҳӣ ва маънавӣ пайдо мекунад; инқилобе, ки иттисол ба ғайб ва малакути ҷаҳон дорад, бо ин ҷумлаҳо бо башарият мувоҷеҳ мешавад:

اقْرَأْ بِاسْمِ رَبِّكَ الَّذِي خَلَقَ

*“Қироат кун ба номи парвардигор, ки офарид.*

خَلَقَ الْإِنْسَانَ مِنْ عَلَقٍ

*Инсонро аз хун баста (ё ҳайвони золушакл) офарид.*

اقْرَأْ وَرَبُّكَ الْأَكْرَمُ

*Бихон, ки парвардигори ту аз ҳама каримтар аст.*

الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ

*Он ки қалам ба дасти башар дод.” (Алақ/1-4*) Хондан омӯхт, навиштан омӯхт, илм омӯхт ва фикр дод.

Нависандаи китоби “*Муҳаммад, пайғамбаре, ки аз нав бояд шинохт*“ дар китоби худ мегӯяд:

“*Ман воқеан ба ҳамаи мусалмонони ҷаҳон табрик мегӯям, ки пайғамбари онҳо бо ин ки дар сарзамини уммият мабъус шуд, сухани худро бо илм ва савод ва маълумот ва дафтар ва китоб ва қалам шурӯъ кард*.”

Арз кардам, ин рӯз, рӯзи растохези инсоният аст. Зеро дар ин рӯз танҳо ӯ барангехта ва мабъус нашуд, ӯ барангехта ва мабъус шуд ва аз мабъус шудани ӯ ҷаҳоне барангехта ва мабъус шуд, дунёе бапо хост, инқилобе азим ва ҳамаҷониба бапо шуд. Инқилобе, ки дар они воҳид дар ду ҷабҳа буд: дар ду ҷабҳаи мутахолиф ва мутазодд, ҳам берунӣ ва ҳам дарунӣ, ҳам ахлоқӣ ва ҳам иҷтимоӣ, ҳам маънавӣ ва ҳам дунёӣ.

Медонем, ки инқилоботи муқаддаси иҷтимоӣ мунтаҳои ҳунарашон ин аст, ки дар табақаи маҳрум ва мазлум руҳи ҳаётӣ бидаманд ва онҳоро ба қиём дар баробари табақаи истисморгар водор кунанд.

Моҳияти инқилоби исломӣ танҳо ин набуд, ки табақаеро ба ҷони табақаи дигар биандозад. Албатта ин корро кард, ин руҳро дамид ва мардумро ба қиём дар баробари зулм водор кард, аммо кораш танҳо ин набуд. Коре болотар ва инқилобе азимтар низ бапо кард, ки ҷуз аз ӯ ва касоне аз тирози ӯ яъне пайғамбарон, сохта нест. Инқилоби дарунӣ эҷод кард, яъне башарро ҳатто алайҳи табаҳкориҳои худаш ба қиём водошт. Ин хусусият мунҳасиран аз мазҳаб аст, ки қодир аст одамиро алайҳи табаҳкорӣ ва ҷинояткории шахси худаш ба қиём водорад, ки аз худ ҳисоб бикашад, худро маломат кунад ва худро ба пойи маҳкамаи адлу инсоф бикашад.

Биравем дунболи матлаби аслии худамон. Унвони ин суханронӣ чунонки медонед, ин аст: “*Хуршеди дин ҳаргиз ғурубкарданӣ нест!*“ Бояд бигӯям, ҳамин маҷлиси имшаби мо дар ин маҳалл ва дар ин конун, гувоҳи содиқе аст бар ин ки хуршеди дин ғуруб намекунад ва рӯз ба рӯз дар осмони инсоният зоҳиртар мешавад.

Шумо мебинед, ки ислом пас аз чаҳордаҳ қарн дар мисли ин конун, ки конуни дониш аст, як маркази фарҳангӣ аст таҷаллӣ мекунад ва конунҳое назири ин конунро, ки мусалламан на аввалини онҳо хоҳад буд ва на охиринашон фатҳ мекунад.

Ин чӣ чизе аст? Ин чӣ нерӯе аст? Ин чӣ қудрате аст? Оё ин қудрат ғурубкарданӣ аст? Тамомшуданӣ аст ё на?

## Оё дин аҷал ва поён дорад?

Ман имшаб мехоҳам дар ҷавоби як суол баҳс кунам. Он суол ин аст: ин дунёи мо дунёи тағйиру таҳаввул аст, дар ин дунё ва аз ин умуре, ки мо ба чашми худ мебинем, ҳеч чизе нест, ки барои ҳамеша боқӣ бимонад, ҳама чиз иваз мешавад, кӯҳна мешавад, барчида

мешавад, даврони умраш мунқазӣ мешавад ва ба ниҳоят мерасад. Оё дин низ ҳамин тавр аст? Оё дин дар таърихи башар давраи бахусусе дорад, ки агар он давраи бахусус гузашт, дин ҳам ҳатман ва ба ҳукми ҷабр бояд биравад ва ҷойи худро ба чизи дигаре бидиҳад? Ё ин тавр нест? Барои ҳамеша дар миёни мардум боқӣ хоҳад буд, ҳар андоза алайҳи дин наҳзат ва қиём бишавад, боз дин ба шакли дигар зоҳир мешавад.

Ин ки арз кардам, ба шакли дигар, мақсудам ин аст, ки баъд аз муддати муваққате дубора бозмегардад, рафтанӣ нест.

Уилям Дюрант, ки шахсан бедин аст, дар китоби "Дарсҳои таърих" зимни баҳс дар бораи "таърих ва дин" бо навъе асабоният мегӯяд: "*Дин сад ҷон дорад, ҳар чизе агар як бор миронда шавад, барои ҳамеша мемирад, магар дин, ки агар сад навбат миронда шавад, боз зинда мешавад*." (*Дарсҳои таърих, бахши дин ва таърих, с.66*)

Инро, ки дин мурданӣ нест, мехоҳам бар пояи илмӣ барои шумо баён кунам, ки тибқи қонуни табиат чӣ чиз дар дунё аз миён рафтанӣ аст ва чӣ чиз барои ҳамеша боқӣ хоҳад монд. Албатта намехоҳам роҷеъ ба ашёи хориҷ аз иҷтимои башар сӯҳбате карда бошам, баҳсам феълан роҷеъ ба падидаҳои иҷтимоӣ аст, роҷеъ ба он чизҳое аст, ки дар зиндагии иҷтимоии мо ҳаст. Бибинем, тибқи қонуни хилқат, чӣ чизҳое барои ҳамеша боқӣ хоҳад монд ва чӣ чизҳое аз миён мераванд ва замон онҳоро фарсуда ва кӯҳна мекунад.

## Меъёри ҷовидонагиҳо

Падидаҳои иҷтимоӣ дар муддате, ки боқӣ ҳастанд, ҳатман бояд бо хостаҳои башар татбиқ кунанд. Ба ин маънӣ, ки ё худи он падидаҳо хостаи башар бошанд ва ё таъминкунандаи хостаҳои башар буда бошанд. Яъне ё бояд башар худ онҳоро бихоҳад, аз умқи ғариза ва фитраташ онҳоро бихоҳад ва ё бояд аз умуре бошанд, ки ҳарчанд ин ки инсон аз умқи ғариза онҳоро намехоҳад ва худашон матлуби табиати башар ва ҳадафи тамоюлоти башар нестанд, аммо васила мебошанд, яъне василаи таъмини хостаҳои аввалии башар мебошанд ва ҳоҷатҳои ӯро бармеоваранд.

Дар миёни хостаҳои башар боз ду ҷур хоста дорем: хостаҳои табиӣ ва хостаҳои ғайритабиӣ, яъне эътиёдӣ. Хостаҳои табиӣ он чизҳое аст, ки ношӣ аз сохтмони табиии башар аст, як силсила умур аст, ки ҳар башаре ба мӯҷиби он ки башар аст, хоҳони онҳост ва рамзи онҳоро ҳам ҳанӯз касе муддаъӣ нашуда, ки кашф кардааст. Масалан, башар алоқаманд ба таҳқиқ ва ковиши илмӣ аст, ҳамчунин ба мазоҳири ҷамол ва зебоӣ алоқа дорад, ба ташкили конуни хонаводагӣ ва тавлиди насл бо ҳамаи заҳматҳо ва мароратҳояш алоқаманд аст. Ба ҳамдардӣ ва хидмат ба ҳамнавъ алоқаманд аст.

Аммо чаро башар алоқаманд ба таҳқиқ аст? Ин ҳисси ковиш ва ҳақиқатҷӯӣ чист? Чаро башар алоқаманд ба ҷамол ва зебоӣ аст? Чаро вақте маҷлиси ҷашне мисли ин маҷлис тартиб дода мешавад, ҳам ҳайати мудираи он ҷашн ва ҳам ҳуззор, аз ин ки вазъи солун мураттаб ва музайян бошад, хушашон меояд ва лаззат мебаранд? Чаро ба ташкили конуни хонаводагӣ алоқаманд аст? Чаро дар инсон ҳисси ҳамдардӣ ва тараҳҳум нисбат ба дигарон вуҷуд дорад?

Инҳо як силсила суолоте аст, ки вуҷуд дорад, мо хоҳ ҷавоби ин "чаро"-ҳоро бидиҳем ва хоҳ натавонем бидиҳем, чизе, ки барои мо қобили тардид нест, ин аст, ки ин хостаҳо табиӣ аст.

Ғайр аз ин хостаҳои табиӣ аҳёнан як силсила хостаҳои дигаре ҳам дар миёни бисёре аз афроди башар ҳаст, ки эътиёдот (одатҳо) номида мешаванд. Эътиёдот қобили тарк додан ва иваз кардан аст. Аксарияти қариб ба иттифоқ, шояд беш аз сади 99 ва ё ҳазори 999 мардум одат ба чой доранд, иддаи касире ба сигор одат доранд ва аз онҳо камтар ба машруб ва тарёк одат доранд, аз онҳо камтар ба ҳеруин одат доранд, инҳо кам-кам ба сурати хоста дармеояд ва инсон ба ҳамон андоза, ки як амри табииро мехоҳад, ин амреро, ки табиати сонавии ӯ шудааст, мехоҳад. Аммо ин хостаҳо маснуъӣ аст, аз ин рӯ қобили тарк додан аст, қобили ин аст, ки ин фардро ба тавре, ки ба куллӣ он корро фаромӯш кунад, тарк диҳанд. Ё насли ояндаро тавре тарбият кунем, ки асосан фикри ин чизҳоро ҳам накунад.

Аммо умури табиӣ ин тавр нест, қобили тарк додан нест, ҷилави як наслро агар бигирем, насли баъдӣ худаш ба дунболи ӯ меравад. Ба унвони мисол: дар аввалҳои коммунизм, танҳо мавзӯъи иштироки мол матраҳ набуд, мавзӯъи аз миён рафтани усули хонаводагӣ ҳам дар байн буд, таҳти унвони ин ки ихтисос ҳар ҷо, ки бошад, сабаби бадбахтии башар аст, чӣ ба сурати моликияти молу сарват ва чӣ ба сурати ихтисоси зану шавҳарӣ, вале ин мавзӯъ натавонист дар дунё ҷойе барои худш боз кунад. Чаро? Барои ин ки алоқа ба ташкили хонавода, алоқаи фитрӣ аст. Яъне ҳар фарде дар табақаи худаш моил аст зан дошта бошад ва он зан инҳисор ба худаш дошта бошад, барои ин ки фарзанде, ки аз ин зан пайдо мекунад, фарзанди худи ӯ бошад, яъне алоқа ба фарзанд, алоқа ба ин ки вуҷудаш дар наслаш идома пайдо кунад, як алоқаи фитрӣ аст, инсон фарзандро имтидоди вуҷуди худ медонад. Гӯӣ инсон бо доштани фарзанд, вуҷуди худро боқӣ мепиндорад. Вақте фарзанд надорад, худашро мунқатеъ ва бурида фарз мекунад. Ҳамчунон ки инсон мехоҳад бо гузаштаи худаш низ иртибот дошта бошад, мехоҳад падари худашро бишносад, табори худашро бишносад. Башар наметавонад ин тавр зиндагӣ кунад, ки надонад аз лиҳози наслӣ аз куҷо омадааст? Аз кадом модар? Аз кадом

падар? Ва ҳамчунин наметавонад тавре зиндагӣ кунад, ки нафаҳмад чӣ гуна ва ба чӣ шакле вуҷудаш имтидод пайдо мекунад ва аз ин афроде, ки баъд ба вуҷуд омадаанд, кадом як аз инҳо фарзанд ӯянд? На, инҳо бар хилофи хостаи табиии башар аст.

Ба ҳамин хотир, дунё дигар зери бори ин ҳарф нарафт, ин ҳарф маскут монд, якбор дар ду ҳазору сесад сол пеш Афлотун ин пешниҳодро кард, мунтаҳо барои як табақа на умуми табақот (табақаи ҳокимони файласуф ва файласуфони ҳоким) ва онро танҳо роҳи ҷилавгирӣ аз суистифодаҳо ташхис дода буд, аммо баъд худи Афлотун аз ин пешниҳоди худ пушаймон шуд, баъд дар қарни нуздаҳум ва авоили қарни бистум дубора ин пешниҳод шуд ва ин бор низ башар онро қабул накард. Чаро? Чун бар хилофи табиат аст.

Ҳукамо қоъидае доранд, мегӯянд:

### القسر لا يدوم

Яъне як амри ғайритабиӣ давом пайдо намекунад, ҳар ҷараёне, ки ғайритабиӣ бошад боқӣ намемонад ва танҳо ҷараёне, ки табиӣ бошад, қобили давом аст.

Мафҳуми мухолифи ин сухан ин аст, ки ҷараёнҳои табиӣ қобили давом аст, имкони бақо дорад, вале ҷараёнҳои ғайритабиӣ имкони давом надорад.

Бар ҳамин асос, агар дин бихоҳад дар ин дунё боқӣ бимонад, бояд дорои яке аз ин ду хоссияте, ки арз кардам буда бошад: ё бояд дар ниҳоди башар ҷой дошта бошад, дар жарфнои фитрат ҷо дошта бошад, яъне худ дар даруни башар ба сурати як хостае бошад, ки албатта дар он сурат то башар дар дунёст, боқӣ хоҳад буд ва ё лоақал агар худаш хостаи табиии башар нест, бояд васила бошад, бояд таъминкунандаи хоста ё хостаҳои дигари башар бошад. Аммо ин ҳам ба танҳоӣ кофи нест, бояд ончунон василаи таъминкунандае бошад, ки чизи дигаре ҳам натавонад ҷойи ӯро бигирад. Яъне бояд чунин фарз кунем, ки башар як ришта эҳтиёҷот дорад, ки он эҳтиёҷотро фақат дин таъмин мекунад, чизи дигаре ғайр аз дину мазҳаб қодир нест он эҳтиёҷотро таъмин кунад. Вагарна агар чизе дар ин дунё пайдо шуд, ки тавонист мисли дин ё беҳтар аз дин он ҳоҷат ва он хостаро, ки дин таъмин мекардааст таъмин кунад, он вақт дин аз миён меравад, хусусан агар беҳтар аз дин ҳам таъмин кунад.

Дар пешрафти тамаддун чӣ қадр чизҳост, ки ба чашми худамон мебинем зуд ба зуд иваз мешавад, як чизе меояд ва фавран ҷойи онро мегирад. Як мисоли махсус арз кунам, хеле содда: то чанд сол пеш ҳамаи мо ҷӯроби нахӣ мепӯшидем, якмартиба ин ҷӯробҳои нойлонӣ омад. То омад, билодиранг ҷӯробҳои нахӣ аз байн рафт ва ҳатто косибҳо ва он касоне, ки корашон ва шуғлашон кори ҷӯроби нахифурӯшӣ буд, агар ба кори дигаре

тағйири шуғл надоданд, ҳама аз байн рафтанд, чун башар ошиқи чашму абрӯи ҷӯроби нахӣ нест, ҷӯроб мепӯшад барои ин ки ҷӯроб дошта бошад, пӯшише барои по дошта бошад, мехоҳад давом дошта бошад, қашангу зебо бошад, латиф бошад. Вақте як чизе омад, ки давомаш аз ин беҳтар ва худаш ҳам латифтар ва сарфааш низ бештар аст, ин бояд биравад дунболи кораш, зеро замоне хостаҳои башарро таъмин мекард ва то он замон ҳам ҷо дошт, ҳоло чизе дигаре пайдо шуда, ки он хостаро хеле беҳтар аз он таъмин мекунад.

Чӣ гуна аст, ки вақте чароғи барқ омад, чароғи равғаниро бояд аз кор хориҷ кард? Башар чароғи равғаниро барои чӣ кор мехост? Онро барои ҳоҷате мехост? Чароғи барқ омад, ҳам нураш аз он беҳтар буд ва ҳам дуд намекард, пас дигар чароғи аввалиро меандозад дур. Бояд биравад, чун хостаеро, ки ӯ таъмин мекард, барқ хеле беҳтар аз он таъмин мекунад.

Аммо агар чизе бошад, ки дар иҷтимоъи башар essential онҷунон мақом ва мавқеияте дошта бошад, ки ҳеч чизи дигар қодир набошад ҷойи онро бигирад, он хостаеро, ки ӯ таъмин мекунад, ҳунаре, ки ӯ дорад, коре, ки ӯ дорад, ҳеч чизи дигар натавонад кори ӯро анҷом диҳад, натавонад ҳунари ӯро дошта бошад, ночор боқӣ мемонад. Шумо дар ин ширкати нафти худатон агар дар ҷойе коргаре дошта бошед ва коргаре беҳтар аз ӯ пайдо кунед, хеле дилатон мехоҳад он коргари аввал худаш истеъфоъ дода канор равад ва он касе, ки беҳтар аст биёяд ҷойи ӯро бигирад. Аммо агар коргари аввали ҳунари мунҳасир ба фарде дошта бошад, имкон надорад бигузоред биравад, нозашро мекашед ва нигаҳаш медоред.

Пас дин агар бихоҳад боқӣ бошад, ё бояд худаш ҷузъи хостаҳои башар бошад, ё бояд таъминкунандаи хостаҳои башар бошад, он ҳам бад-ин шакл, ки таъминкунандаи мунҳасир ба фард бошад.

Иттифоқан дин ҳар ду хоссиятро дорад, яъне ҳам ҷузъи ниҳоди башар аст, ҷузъи хостаҳои фитрӣ ва отифии башар аст ва ҳам аз лиҳози таъмини ҳавоиҷ ва хостаҳои башарӣ мақомеро дорад, ки ҷонишин надорад. Ва агар таҳлил кунем, маълум мешавад, аслан имкон надорад чизи дигаре ҷояшро бигирад.

## Фитрӣ будани дин

Қуръон роҷеъ ба қисмати аввал, ки динро Худо дар ниҳоди башар қарор дода, ин тавр мефармояд:

فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفًا ۚ فِطْرَتَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا

(*Рум/30*) Таваҷҷӯҳи хешро ба сӯйи дин ҳақгароёна пойдору устувор кун. Ҳамоно ин фитрати Аллоҳро, ки ҳамаи мардумро бар он офарида, нигаҳдор.

Алӣ (а) низ анбиёро ин тавр таъриф мекунад:

“*Худо анбиёро яке пас аз дигаре фиристода, то ин ки вафои он паймонеро, ки дар ниҳоди башар бо дасти хилқат баста шуда, аз мардум бихоҳанд. Аз мардум бихоҳанд, бо он паймоне, ки бо забон баста нашуда ва рӯйи коғаз наомада, балки рӯйи сафҳаи дил омада, рӯйи умқи зот ва фитрат омада, қалами хилқат ӯро дар сари замир, дар аъмоқи шуъури ботини башар навиштааст, ба он паймон бовафо бошанд.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи аввал*)

Ғаразам истишҳод набуд, ки аз роҳи истишҳод ба Қуръон, муддаъои худро исбот карда бошам, балки хостам арз кунам, ки ин назарияро барои аввалин бор Қуръон иброз доштааст, ки дин ҷузъи ниҳоди башар аст. Ва қабл аз ислом чунин тезе дар ҷаҳон вуҷуд надошт, то қарни 17-ум ва 18-ум ва 19-уми мелодӣ башар дар ин заминаҳо ҳазор гуна фикр мекард, дар ҳоле ки акнун мебинем, ковишҳои равонӣ ҳамоҳанг бо Қуръон мегӯяд:

فِطْرَتَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا

## Назариёт дар бораи илали пайдоиши дин

Роҷеъ ба ин ки дин чӣ гуна дар миёни мардум пайдо шуд ва оё аз миён хоҳад рафт ё на, ҳарфҳо ва фарзияҳо он қадр зиёд аст, ки агар бихоҳем ҳамаи онҳоро баршуморем, вақти зиёде мегирад, ба иҷмол бароятон арз мекунам: замоне омаданд гуфтанд, дин мавлуди тарс аст, башар аз табиат метарсида, аз садои ғурриши раъд метарсида, аз ҳайбати дарё метарсида ва натиҷаи тарс сабаб шуда, ки фикри дин дар сари мардум пайдо шавад. Яке аз ҳукамои қадими Рум ба номм Лукретсий гуфтааст: “*Нахустин падари худоён тарс аст*.” (*Дарсҳои таърих, бахши дин ва таърих, с.56*)

Дар замони мо ҳам буда ва ҳастанд касоне, ки ҳамин фарзияи қадимӣ ва кӯҳнаро таъйид мекунанд ва мукаррар дар суханони худ ба унвони як фикри тоза онро бозгӯ менамоянд. Баъзе гуфтанд, иллати пайдоиши дин, ҷаҳл ва нодонии башар аст, башар мехоста ҳаводиси ҷаҳонро таълил намояд ва барои онҳо иллат зикр кунад ва чун иллатҳоро намешинохтааст, иллати моварои табиӣ барои ҳаводис фарз кардааст.

Баъзе дигар гуфтаанд, иллати ин ки башар ба сӯйи дин гароида алоқае аст, ки ба назм ва адолат дорад, вақте, ки дар дунё аз тарафи табиат ё иҷтимоъ беадолатӣ мебинад, барои ин ки таскине ҷиҳати оломи дарунии худ пайдо кунад, динро барои хештан месозад.

Соҳибони фарзияҳои фавқ гуфтанд: илмро тавсиъа бидиҳед, дин аз миён меравад. Чунин фарз карданд, ки бо тавсиъаи илм худ ба худ дин аз миён меравад, олим шудан мусовӣ аст бо бедин шудан.

Баъзе омаданд, барои пайдоиши дин як иллати дигар фарз карданд ва гуфтанд, дин василаест барои касби имтиёз дар ҷомеаҳои табақотӣ. Ин фарзияи марксистҳост; гуфтанд, башар дар ибтидо зиндагии иштирокӣ доштааст, он вақте, ки зиндагӣ ибтидоӣ ва қабилаӣ будааст, дар он замон асосан дине вуҷуд надошта, ба иллатҳои хоссе моликият пайдо мешавад. Ҷомеаи табақотӣ ба вуҷуд меояд, феодализм ба вуҷуд меояд, баъд аз феодализм капиталисм пайдо мешавад, табақаи ҳоким ба вуҷуд меояд ва табақаи маҳкум, мазлум ва ранҷбар ва заҳматкаш, билохира дар ҷомеаи феодалӣ ва капиталистӣ табақаи ҳокима барои ин ки манофеъи худро ҳифз кунад, динро ихтироъ мекунад, то табақаи маҳкум дар муқобили ӯ қиём накунад. Дин василае аст, афсоре, пӯзбанде аст барои табақаи мазлум ва маҳкум аз тарафи табақаи золим ва ҳоким.

Соҳибони фарзияҳои дигар гуфтанд, илм чоракунандаи дин аст, агар илм биёяд, дин аз миён меравад. Аммо ин фарзия, яъне фарзияи марксистҳо, илмро чоракунандаи дин намедонад, инҳо баъд аз ин ки диданд, илм омад ва дин боқӣ монд ва диданд, донишмандони тирози аввал ҳамчун Пастор ва ғайра дар остонаи дин зону заданд, гуфтанд, хайр, илм чоракунандаи дин нест, дин асосан мавлуди ҷаҳл нест, мавлуди тарс ҳам нест, мавлуди алоқаи фитрии инсон ба назм ва адолат ҳам нест, дин, ихтироъи табақаи ҳокима дар муқобили табақаи маҳкум аст. То вақте, ки ҷомеаи табақотӣ вуҷуд дорад, ҳарчанд ки илм ба арш ҳам бирасад, боз дин ҳаст. Ҷомеаи иштирокӣ ба вуҷуд биёваред, табақотро аз миён бибаред. Табақотро, ки аз миён бурдед, дин ҳам худ ба худ аз миён хоҳад рафт. Дин як абзоре аст, як доме аст, як шабакае аст, ки табақаи ҳоким насб кардааст. Вақте худи он табақа аз байн рафт, абзори кораш ҳам аз миён меравад. Хулоса ин ки мусовоти комил барқарор кунед, дин аз миён хоҳад рафт.

Ин фарзия низ натавонист дар дунё барои худ ҷойе боз кунад. Зеро аз тарафе, уламо собит карданд, дин аз моликият қадимтар аст, дар даврони иштирокии аввалӣ ҳам дин будааст, дар ҳамон даврони иштироки аввалия ва пеш аз пайдоиши ҷомеаҳои табақотӣ ҳам дин будааст ва парастиш вуҷуд дошта. Аз тарафи дигар, ин тавҷеҳ ва тафсир бо воқеияти таърих татбиқ намекунад ва таърихи даврони гузашта ҳатто хилофи ин назарияро низ нишон медиҳад, дин ҳамеша аз миёни табақоти заъиф ва маҳкум зуҳур кардааст. Раҳбарони динӣ ашхосе чун Мӯсо будаанд, бо гурӯҳе зердаст ва бечора дар муқобили қавме ҳоким ва мусаллат, яъне Фиръавн ва фиръавниён.

Вақте Пайғамбари ислом зуҳур кард, чӣ касоне аз ӯ ҳимоят карданд? Мутанаффизин ва пулдорҳо ва рибохорҳо? Онҳо ҳамонҳо ҳастанд, ки Пайғамбари Акрам алайҳи онҳо қиём кард. Қуръон инҳоро бо калимаи "малаъ" таъбир мекунад, яъне ашроф, инҳо ҳама мухолиф будаанд. Инҳое, ки ин табақаро ташкил медоданд, ҳамон раҳбарони мухолифини он ҳазрат буданд аз қабили: Абӯсуфён, Абӯҷаҳл, Валид ибни Муғира, инҳо ҳама аз гарданкулуфтони дараҷаи аввали Арабистон будаанд.

Аммо онҳое, ки ба унвони ёрон ва гаравандагони Пайғамбари Акрам исмшонро дар таърих мебинем аз қабили: Аммори Ёсир, Абӯзари Ғифорӣ, Салмони Порсӣ, Абдуллоҳ ибни Масъуд ва назоири онҳо ҷузъи табақоти зердаст ва маҳкум ва мазлум иҷтимоъ будаанд.

Тақрибан дар як солу ними пеш, ки Хрушев ҳанӯз сукут накарда буд, дар рӯзномаҳои "Иттилоот" ва "Кайҳон" хабареро хондам ва иттифоқан ҳамон вақт дар суханроние, ки дар Теҳрон доштам, онро нақл кардам ва гуфтам, бихонед ва тааҷҷуб кунед, он вақт Бен Белла, раисиҷумҳури пешини Алҷазоир ҳанӯз бар сари кор буд, Бен Белла гуфта буд, вақте Хрушев ба Алҷазоир омад, ман ба ӯ гуфтам, ки ислом метавонад дар шимоли Офриқо ба унвони нерӯи муҳаррик ва нерӯи инқилобии азиме ба кор равад, Хрушев тасдиқ кард ва гуфт, бале, як нафари дигар ҳам аз назарияпардозони коммунист, ки гӯё аз Фаронса ё Италиё ба Алҷазоир омада буд, ӯ ҳам пазируфта буд, ки ислом дар шимоли Офриқо метавонад омили таҳарруки иҷтимоъ ва омили мубориза бо империализм буда бошад, ман инро дар маҷлис он шаб нақл карда ва гуфтам, оқоён инҳо ҳамон касоне ҳастанд, ки то 50 сол пеш мегуфтанд, дин афюни миллатҳост, ихтироъе аст, ки табақаи ҳоким алайҳи табақаи маҳкум кардааст, вале ҳоло, ки исломро аз наздик мебинанд ва як мусалмони инқилобӣ мисли Бен Белла исломро барои онҳо ташреҳ мекунад, тасдиқ мекунанд, ки ислом метавонад муҳаррики таърих бошад.

Бинобар ин, фарзияи фавқ ҳам роҷеъ ба мабдаъ ва маншаъи пайдоиши дин мансух шуд ва аз байн рафт.

Фарзияе ҳам Фрейд овард. Ин фарзияро ҳам барои шумо нақл мекунам. Аз нақли ин фарзияҳои гуногун ҳадди ақал ин қадр метавонед истинбот кунед, ки дар Мағрибзамин дар миёни мухолифини дин ваҳдати назаре вуҷуд надорад, ҳар як аз мухолифин чизе махсус ба худ гуфтааст. Фрейд гуфт: дин, на ношӣ аз тарс аст, на аз ҷаҳл аст, на аксуламал дар муқобили беназмиҳо аст ва на омиле аст дар роҳи касби имтиёзот табақотӣ. Ӯ, ҳамон тавре ки ҳамаи ҳаводиси иҷтимоъро бо ғаризаи ҷинсӣ таҳлилу тавҷеҳ мекард, хост динро ҳам аз ин роҳ тавҷеҳ кунад ва натиҷатан гуфт: башар дар иҷтимоъ аз назари ҷинсӣ маҳрумиятҳое пайдо мекунад, ки мӯҷиб мешавад ғаризаи ақиб рондашуда

ва ба шуъури нохудогоҳ равад. Вақте, ки он ҷо рафт, қайдҳои иҷтимоӣ ҷилавашро мегирад, ки берун наёяд, аммо дар он сурат ин маҳрумиятҳо аз роҳҳо ва ба шаклҳои дигаре буруз мекунад, ки яке аз онҳо дин аст. Дин решааш тамоюли ҷинсӣ аст ва на чизи дигар. Ӯ ҳамчунин мегуфт, ки решаи ахлоқ ҳам тамоюлоти ҷинсӣ аст, илм ҳам решааш ҷинсӣ аст.

Агар аз ӯ мепурсидем, оё ба ақидаи шумо, дин чӣ мавқеъе аз миёни мардум хоҳад рафт, мегуфт: озодии ҷинсии мутлақ бидиҳед, ба тавре, ки ҳеч маҳрумияти ҷинсӣ вуҷуд надошта бошад, дар он сурат дин ҳам вуҷуд нахоҳад дошт. Аммо тӯле накашид, ки Фрейд худаш ҳам аз ҳарфи худаш пушаймон шуд. Шогирдҳояш низ аз ӯ напазируфтанд. Дар ҳамин ҷост, ки назарияи фитрӣ будани дин ва ин ки дин ҷузъи ниҳоди башар аст пайдо мешавад.

## Назарияи фитрӣ будани дин

Дар мавриди фитрӣ будани дин, донишмандони зиёде назар додаанд. Яке аз онҳо равоншиноси бисёр маъруфи ҷаҳонӣ ва шогирди Фрейд, Юнг аст. Ӯ мегуфт, ин ки оқои Фрейд мегӯяд, дин аз ниҳоди нохудогоҳи башар таровуш мекунад, дуруст аст. Вале ин ки ӯ хаёл мекунад, аносири равони нохудогоҳи башар мунҳасир ба тамоюлоти ҷинсие, ки ба шуъури ботин гурехтаанд мебошад, беасос аст. Инсон як равони нохудогоҳи фитрӣ ва табиӣ дорад. Равони нохудогоҳи башар бар хилофи иддаъои Фрейд, сирфан анборе, ки аз шуъури зоҳир дар он чизҳои рехташуда ва пуршуда бошад нест. Ба иборати дигар, шуъури ботин ҳаргиз ба сурати як зарфи холӣ, ки фақат аз шуъури зоҳир чизе бигурезад ва он ҷо рафта ва онро пур кунад нест. Ӯ мегуфт: Фрейд ба қазияи равони нохудогоҳ хуб пай бурда буд, аммо баъдан ба иштибоҳ хаёл кард, ки равони нохудогоҳ фақат аз аносири матруд аз шуъури зоҳир ташкил мегардад. Хайр! Равони нохудогоҳ ҷузъи сиришт башар аст, аносири рондашуда мераванд он ҷо ва ба он мулҳақ мешаванд, дин ҷузъи умуре аст, ки дар равони нохудогоҳи башар ба таври фитрӣ ва табиӣ вуҷуд дорад.

Равоншинос ва файласуфи маъруфи омрикоии Уилям Ҷеймс китобе навишта, ки хаёл мекунам ба номи “*Дин ва равон*“ чоп шуда. Ман чопшудаи онро надидаам, дар 5 ё 6 сол пеш, ки яке аз дӯстон онро тарҷума карда буд, нусхаи хаттии тарҷумаро овард пеши ман, ки бибинамаш. Тарҷумаашро он вақт хондам, дар он мавқеъ ҳанӯз исме рӯйи китоб нагузошта буд, шунидаам ҳоло чоп шуда. Уилям Ҷеймс равоншиносии таҷрибиро ба сабки махсуси худ ибдоъ кардааст ва рӯйи масоили равонии мазҳабӣ солҳо мутолеа

карда, солҳо афродро, беморонро ва ғайри беморонро мавриди таҷриба ва озмоиш қарор дода ва рӯйи эшон мутолеа кардааст. Ин шахс дар китоби худ мегӯяд:

“*Дуруст аст, ки сарчашмаи бисёре аз амёли даруниии мо умури моддии табиӣ аст, вале бисёре аз онҳо ҳам аз дунёе мовароӣ ин дунё сарчашма мегирад.” (Дин ва равон, тарҷумаи Маҳдии Қоинӣ*)

Ӯ ҳамчунин мегӯяд:

“*Далели ин ки усулан бисёре аз корҳои башар бо ҳисобҳои моддӣ ҷур дарнамеояд ҳамин аст.” (Ҳамон манбаъ*)

Мегӯяд:

“*Ман дар ҳар амри “мазҳабӣ“ ҳамеша навъе виқору самимият, ваҷду лутф, муҳаббату исор мебинам, ҳолоти равонии мазҳабӣ хавоссе дорад, ки он хавосс бо ҳеч ҳолат аз ҳолоти башар татбиқ намекунад.” (Ҳамон манбаъ*)

Мегӯяд:

“*Ба ҳамон далел, ки як силсила ғароизи моддӣ моро бо ин дунё пайванд медиҳад, ғароизи маънавӣ ҳам моро бо дунёи дигар пайванд медиҳад.” (Ҳамон манбаъ*)

Ин мард таъбироти аҷибе дорад. Гоҳе мегӯяд:

“*Ин фалсафаҳое, ки башар ба вуҷуд оварда, яъне фалсафаҳои мовароӣ табиӣ, ба манзилаи тарҷумаҳоест, ки инсон аз забони дигаре анҷом дода бошад.” (Ҳамон манбаъ)*

Яъне инҳоеро, ки башар хаёл мекунад, дар масоили мовароӣ табиат бо фикру ақли худ бад-он расида, инҳо дар воқеъ нидои дили худи ӯст. Қалби ӯ ва дили ӯ бо забони дигаре, бо нури дигаре, бо рӯшноии дигаре онҳоро дарёфта ва баъд бо забони ақл ба онҳо шакли фалсафӣ додааст.

Алексис Каррел, ҷарроҳ ва физиулужисти маъруфи фаронсавӣ, ки баъдҳо муқими Омрико шуда, ҳамон шахсе, ки китоби “*Инсон мавҷуди ношинохта*“-ро, ки бисёр ҷолиб ва амиқ аст навишта ва як бор ҳам барандаи ҷоизаи Нобел шуда, роҷеъ ба ҳақиқати дуо китобе дорад ба номи “*Ниёиш*“, ки тарҷума ҳам шудааст. Ӯ мегӯяд:

“*Дуо, олитарин ҳолати мазҳабӣ дар инсон аст ва ҳақиқати он парвози руҳи башар аст ба сӯйи Худо.” (Ниёиш, бахши аввал*)

Ҳам ӯ мегӯяд:

“*Дар виҷдони инсон шӯълаи фурӯзоне аст, ки гоҳу бегоҳ инсонро мутаваҷҷеҳи хатоҳои хеш мекунад, мутаваҷҷеҳи гумроҳиҳо ва каҷфикриҳояш месозад, ҳамин шӯълаи фурӯзон аст, ки инсонро аз роҳи каҷӣ, ки меравад, бозмедорад.” (Ҳамон манбаъ*)

Ӯ мегӯяд:

“*Гоҳе инсон дар ҳолоти маънавии худ ҷалолу убуҳҳати омурзишро эҳсос мекунад.” (Ҳамон манбаъ*)

Дар ин замина гуфтаҳо зиёд аст. Инҳоро барои ин гуфтам, ки аввалан бидонед, дар миёни худи мункирини дин, роҷеъ ба маншаъи дин ва ин ки дин ношӣ аз чист, оё ношӣ аз тарс аст, ношӣ аз ҷаҳл аст ва ё аз чизи дигаре аст, ваҳдати назаре вуҷуд надорад. Ва сониян, бисёре аз донишмандони маъруф ва машҳури ҷаҳон, ба фитрӣ ва табиӣ будани ҳисси динӣ назар додаанд ва онро ҷузъи лоянфакки вуҷуди башар ба шумор овардаанд.

Дар ин ҷо бад нест, назарияи маъруфтарин донишманди асри моро дар бораи ҳисси динӣ ва мабно ва маншаъи он низ барои шумо нақл кунам. Ахиран маҷмӯае мунташир шудааст, ки ҳовии як силсила нома ё мақола ё суханронӣ аз физикдон ва риёзидони маъруф ва бузурги асри мо Алберт Эйнштейн аст. Дар ин маҷмӯа фасле дорад таҳти унвони “*Мазҳаб ва улум*“, дар ин ҷо Эйнштейн назари худро дар бораи мазҳаб ва вазифае, ки улум ва ҳунарҳо дар заминаи мазҳаб доранд, баён мекунад. Ин донишманд муддаъӣ аст, ки эҳсосоти ба вуҷудоварандаи мазҳаб мутафовит аст, иллати гароиш ба мазҳабро дар ҳамаи табақот наметавон яксон донист.

Ӯ мегӯяд:

“*Барои як инсони ибтидоӣ, тарс; тарс аз марг, тарс аз гуруснагӣ, тарс аз ҳонвари ваҳшӣ, тарс аз мараз эҷодкунандаи заминаи мазҳабӣ аст. Фикри маҳдуд ва адами рушди ақли инсони бадавӣ барои худи мавҷудот каму беш шабеҳе месозад, ин мавҷудотро бо даст ва фикри худ месозад ва баъд аз ин офаридан, ба ин фикр меафтад, ки чӣ гуна аз хашми онҳо ҷилав бигирад, чӣ тавр бар сари лутфашон биоварад. Ин гуна мазҳабро мазҳаби тарс бояд номид ва худое, ки дар ин мазҳаб парастида мешавад, худои воқеӣ нест, мунҷар ба навъе бутпарастӣ мешавад.“ (Нақл аз маҷмӯаи номаҳо ва мақолоти Алберт Эйнштейн, фасли “Мазҳаб ва улум”*)

Мегӯяд:

“*Хасисаи иҷтимоии башар низ яке аз табалвуроти мазҳаб аст. Як фард мебинад, падару модар, хешон ва раҳбарон ва бузургон мемиранд, як-як атрофи ӯро холӣ мегузоранд, пас орзуи ҳидоят шудан, дӯст доштан, маҳбуб будан ва иттикоъ ва умед доштан ба касе, заминаи қабули ақида ба Худоро дар ӯ эҷод мекунад.“ (Ҳамон манбаъ*)

Ба ақидаи Эйнштейн, худое, ки ношӣ аз ин эҳтиёҷ аст низ худои воқеӣ нест, сифоте, ки барои ӯ фарз мешавад, ҳама сифоти инсонӣ аст. Китоби мазҳабии яҳудиён ва ҳамчунин Инҷил инчунин худоеро муаррифӣ мекунанд. Ин мазҳаб нисбат ба мазоҳиби тарс як дараҷа такомулёфта аст. Он гоҳ чунин мегӯяд:

“*Вале фаромӯш нашавад, ки дар ин байн иддаи қалиле аз афрод ва иҷтимоъот ёфт мешаванд, ки як маънии воқеӣ аз вуҷуди Худоро варои ин авҳом дарёфтаанд, ки воқеан дорои хасоис ва мушаххасоти бисёр олӣ ва тафаккуроти амиқ ва маъқул буда, бе ҳеч ваҷҳ қобили қиёс бо он умумияти ақида нестанд.“ (Манбаъи пешин*)

Мақсудаш ин аст, ки гумон наравад дар миёни ичтимоъоте, ки он ду навъ мазҳаб вуҷуд дошта ва дорад, ҳамаи афрод фикрашон дар бораи Худо сатҳӣ аст, афроде ҳам дар ҳамон ҷамоъот ёфт мешаванд, ки Худоро ончунон, ки шоистаи қудс ва ҷалоли ӯ ҳаст, дар назар меоваранд ва парастиш менамоянд. Он гоҳ чунин мегӯяд:

“*Як ақида ва мазҳаби солис бидуни истисно дар зеҳни ҳама вуҷуд дорад, гарчӣ бо шакли холис ва якдаст дар ҳеч кадом ёфт намешавад. Ман онро “эҳсоси мазҳабии офариниш ё вуҷуд“ меномам. Бисёр мушкил аст, ки ин эҳсосро барои касе, ки комилан фоқиди он аст тавзеҳ диҳам, бахусус, ки дар ин ҷо дигар баҳсе аз он худо, ки ба ашколи мухталифа тазоҳур мекунад нест. Дар ин мазҳаб, фард ба кучакии омол ва ҳадафҳои башар ва азамат ва ҷалоле, ки дар моварои умур ва падидаҳо дар табиат ва афкор тазоҳур менамояд пай мебарад. Ӯ вуҷуди худро як навъ зиндон мепиндорад, чунонки мехоҳад аз қафаси тан парвоз кунад ва тамоми ҳастиро якбора ба унвони ҳақиқати воҳид дарёбад.“ (Ҳамон манбаъ*)

Мутобиқи ин баён, дар инсон ва ҳадди ақал дар афроди рушдёфтаи инсонҳо чунин эҳсосе вуҷуд дорад, ки мехоҳад аз вуҷуди маҳдуди худ хориҷ шавад ва худро ба қалби ҳастӣ расонад. Дар инсон майле вуҷуд дорад, ки ором намегирад, магар он ки худро бо Худо ва манбаъи ҳастӣ муттасил бибинад. Ин ҳамон аст, ки Қуръони Карим фармудааст:

الَّذِينَ آمَنُوا وَتَطْمَئِنُّ قُلُوبُهُمْ بِذِكْرِ اللَّهِ ۗ أَلَا بِذِكْرِ اللَّهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ

(*Раъд/28*) “*Танҳо бо ёди Худо ва ҷой гирифтани Худо дар қалб аст, ки дили одамӣ оромиши хешро бозмеёбад.*“

Мавлавии маънавии мо ин ишқ ва эҳсосеро, ки Эйнштейн “эҳсоси офариниш“ ном ниҳодааст, чӣ хуб ва олӣ дар ҳафт қарн қабл аз Эйнштейн баён кардааст:

*Ҷузвҳоро рӯйҳо сӯйи кул аст,*
*Булбулонро ишқ бо рӯйи гул аст…*
*Он чи аз дарё ба дарё меравад,*
*Аз ҳамон ҷо, к-омад, он ҷо меравад.*
*Аз сари кӯҳ селҳои тезрав*
*В-аз тани мо ҷони ишқомезрав.*

Ва ман намедонам, мо чӣ ҷур одамҳое ҳастем, ҳамин қадр, ки касе дар як ҷо навишт, дин ба таври куллӣ ношӣ аз тарс ё ҷаҳл аст, хаёл мекунем, ҳамон тавре, ки кашф шуда об таркибе аз оксиген ва гидроген аст ва дар лабараторияҳои муъаззами дунё ҳам мусаллам ва қатъӣ шудааст, ин матлаб ҳам, ки дин ношӣ аз тарс ё ҷаҳл аст, ба ҳамин сурат аст! На оҷо! Ин тавр нест. Агар андак таваҷҷӯҳе бикунед, мебинед ҳатто дар миёни худи мункирини дин роҷеъ ба ин ки дин аз чӣ ношӣ шуда ва аз куҷо омада, ваҳдати назаре вуҷуд надорад. Назариёти мухталифе аз тарафи онҳо иброз шуда ва ҳама рад шудааст, ҳатто аксарияти донишмандони имрӯз тавҳидро пазируфтаанд, усули динро пазируфтаанд.

Агар дин ҳақиқатан мавлуди ҷаҳл буда, оё маънӣ дошт, ки Эйнштейн, донишмандтарин инсони асри ҳозир ҳам Худопараст бошад?! На танҳо ӯ, ки донишмандтарин инсони асри худ буд, балки дунёи илм ба сӯйи қабули:

فِطْرَتَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا

— пеш меравад.

## Дин, сармояи зиндагӣ

Аммо қисмати дуввум, боядароизамро хеле кӯтоҳ кунам. Қисмати дуввум ин ки бигӯем, чӣ гуна дин таъминкунандаи хостаҳои башар аст ва ҷонишин ҳам надорад.

Замоне хаёл мекарданд, агар тамаддун пешрафт кард, дигар ҷойе барои дин нест. Имрӯз дигар маълум шуда, ки пешрафти илм ва тамаддун ниёзеро, ки башар ба дин барои як зиндагии хуб дорад, рафъ намекунад.

Башар, ҳам аз лиҳози шахсӣ эҳтиёҷ ба дин дорад ва ҳам аз лиҳози иҷтимоӣ ниёзманди дин аст. Ҳамин қадр, ки абадият ба фикри башар меояд, ба ҷаҳони дигар пайванд пайдо мекунад, ин қудрати фикрӣ ва тасаввурӣ дар ӯ эҳсосот ва тамоюлоти абадиятхоҳӣ ба вуҷуд меоварад.

Пайдоиши ингуна тасаввуроти васеъ ва густарда ва пайдоиши ингуна тамоюлот ва хостаҳои азим ва паҳновар дар инсон, бо сохтмони баданӣ ва ҷисмонии маҳдуд ва фонишавандаи инсон ба ҳеч ваҷҳ ҷур намеояд. Яъне вақте, ки аз як тараф он тасаввурот ва тамоюлоти азимро дар худ эҳсос мекунад ва аз тарафи дигар ба сохтмони маҳдуд ва фонишаванда ва зудгузари моддии худ менигарад, мебинад, иштиҳои луқмае дар ӯ пайдо шуда, ки ба истилоҳ барои даҳонаш хеле бузург аст. Орзуи кулоҳеро пайдо кардааст, ки на танҳо барои сари ӯ, балки барои сари чарху фалак ҳам гушод аст.

Ин ҷост, ки як адами таъодули аҷиб ва нороҳаткунандае миёни орзуҳо ва хостаҳо аз як тараф ва миёни истеъдоди ҷисмонии худ аз тарафи дигар мебинад. Тасаввури маҳрумият аз абадият ӯро хурд мекунад, ғибта мебарад ба ҳоли ҳайвонот, ки ҳудуди фикрашон бо ҳудуди истеъдоди ҷисмониашон мунтабиқ аст, дар бораи бақо ва абадият фикр намекунанд, то орзуяш дар дилашон пайдо шавад ва аз тасаввури расидан ба он орзу ва аз тасаввури фано ва нестӣ ранҷ бибаранд.

Ростӣ ҳам агар бино бишавад инсон фонишаванда бошад, адами таъодул ва адами таносуби аҷибе миёни афкор ва тамоюлоти руҳияш аз як тараф ва миёни истеъдод ва тавоноияш аз тарафи дигар вуҷуд дорад, ин суол пеш меояд, ки агар биност ин мавҷуд нест шавад, ин тафаккурот ва тасаввурот ва тамоюлоти васеъ ва паҳновар чӣ қадр беҳуда ва озордиҳанда ва хурдкунанда аст!

Бисёре аз талошҳои башар барои ҷовид мондани ному унвон ва ёдгорҳояш баъд аз худаш, мавлуди ҳамин эҳсос ва орзу аст, вале албатта ба сурати ғайримантиқӣ хаёл мекунад, агар коре кунад, ки номаш, муҷассамааш, ёдгорҳояш, осораш, саргузаштҳояш баъд аз худаш ҷовид бимонад, худаш ҷовид мондааст ва худро аз чанголи фано ва нестӣ наҷот додааст. Бисёре аз ҷиноятҳоро башар барои расидан ба ин навъ ҷовидона шудан анҷом медиҳад, аммо кист, ки дар ҳамон вақт надонад, ки ин талошҳо беҳуда аст, ман, ки несту нобуд бошам, шӯҳрату номи ман чӣ лаззате метавонад барои ман дошта бошад?!

Лаззат аз шӯҳрат ва ифтихор ва ному унвон фаръ бар бақо ва ҳаёти худ ман аст.

Танҳо чизе, ки ин эҳсос ва ин эҳтиёҷро ба сурати комил ва мутмаин таъмин мекунад, эҳсосот ва ақоиди мазҳабӣ ва парастиш аст.

Марҳуми Фурӯғӣ дар ҷилди дуввуми китоби “*Ойини суханварӣ*” суханрониҳо ва хитобаҳои бузургеро, ки дар дунё эрод шуда тарҷума кардааст. Дар байни онҳо чанд хитоба аз Виктор Гюго, нависандаи маъруфи фаронсавӣ аст. Гюгю дар яке аз хитобаҳои хеле олиаш мегӯяд:

“*Ростӣ агар инсон ин тавр фикр кунад, ки адам аст ва баъд аз ин зиндагӣ, нестии мутлақ аст, дигар аслан барои ӯ зиндагӣ арзише нахоҳад дошт. Он чизе, ки зиндагиро барои инсон гуворо ва лаззатбахш месозад, кори ӯро шодиовар месозад, ба дили ӯ ҳарорат ва гармӣ мебахшад, уфуқи диди инсонро хеле васеъ мекунад, ҳамон чизе аст, ки дин ба инсон медиҳад, яъне эътиқод ба ҷаҳони абадият, эътиқод ба хулуд, эътиқод ба бақои башар, эътиқод ба ин ки ту эй башар! Фонӣ нестӣ ва боқӣ хоҳӣ буд, ту аз ин ҷаҳон бузургтарӣ, ин ҷаҳон барои ту як ошёни кучак ва муваққатӣ аст, ин ҷаҳон фақат*

*як гоҳвора аст, барои даврони кӯдакии туст, даврони бештар даврони дигаре аст.“ (Ойини суханварӣ, с.325*)

Аз Толстой, ҳакими маъруфи русӣ мепурсанд, имон чист, онро барои мо таъриф кун. Мегӯяд:

“*Имон ҳамон чизе аст, ки инсон бо он зиндагӣ мекунад, сармояи зиндагӣ аст.*”

Воқеан аҷаб ҷумлаи содда ва пурмағзе аст! Имон ҳамон чизе аст, ки башар бо он зиндагӣ мекунад. Шумо ин ҷумларо муқоиса кунед бо тарзи тафаккури як идда сабукмағзи бехабар ва беиттилоъ, ки хаёл мекунанд, дин барои башар “ сарбор“ аст, бединӣ навъе озодӣ ва сабукборӣ аст! Инҳо хаёл мекунанд, побанд набудан баҳри чизе, номаш озодӣ аст, бинобар ин побанд набудан ба ақл ва инсоният ва ахлоқ ва шарофат чун билохира ҳар чи ҳаст, побанд набудан аст, сабукборӣ ва озодӣ аст. Аммо ин ҳакими олиқадри русӣ чӣ қадр хуб арзиши “сармоя“-ҳои маънавиро дарк кардааст! Ӯ намегӯяд, имон “сарбор“ аст, мегӯяд, “сармоя” аст.

Ман ҳангоме, ки ин сухани Толстойро дидам, ба ёди шеъри маъруфи Носири Хусрав афтодам, он ҷо, ки ба фарзандаш хитоб карда мегӯяд:

*Зи дунё рӯй зи дин кардам ийрок,*
*Маро бедин ҷаҳон чаҳ буду зиндон…*
*Маро, пуро, зи дин мулкест дар дил,*
*Ки он ҳаргиз нахоҳад гашт вайрон.*

## Дин, пуштвонаи ахлоқ ва қонун

Рукни асосӣ дар иҷтимоъоти башарӣ ахлоқ аст ва қонун, иҷтимоъ қонун ва ахлоқ мехоҳад ва пуштвонаи қонун ва ахлоқ ҳам, фақат ва фақат дин аст.

Ин ки мегӯянд, ахлоқ бидуни пояи динӣ ҳам истеҳкоме хоҳад дошт, ҳаргиз бовар накунед, дуруст мисли исканоси (банкноти) бидуни пуштвона аст, ки эътиборе надорад, мисли Эъломияи ҳуқуқи башар аст, ки фарангиён мунташир карданд ва мекунанд ва худашон ҳам қабл аз дигарон алайҳи он қиём карда ва мекунанд. Чаро? Чун муттакӣ ба имоне, ки аз умқи виҷдони башар бархоста бошад нест.

Жорж Бидо (сиёсатмадори фаронсавӣ), ки замоне худаш раҳбари сотсиалистҳои Фаронса буд, вақте, ки хостанд ба Алҷазоир истиқлол бидиҳанд, омад ҷузъи созмонҳои одамкушиҳо қарор гирифт, ки чаро ба инҳо истиқлол медиҳед! Бале инҳо ҳастанд имзокунандагони Эъломияи ҳуқуқи башар. Қонун ҳам ҳамин тавр аст.

Озодӣ чӣ тавр? Озодӣ ҳам ҳамин тавр аст, тамоми муқаддасоте, ки иҷтимоии башар дорад: адолат, мусовот, озодӣ, инсоният ва ҳамдардӣ, ҳар чи ки ба фикри шумо бирасад, то пойи дин дар миён набошад, ҳақиқат пайдо намекунад.

Алексис Каррел мегӯяд:

"*Мағзҳо хеле пешрафта, аммо афсӯс, ки дилҳо ҳанӯз заъиф аст, дилро фақат имон қавӣ мекунад.*"

Тамоми мафосид башарият аз ин аст, ки мағзҳо нерӯманд шуда ва дилҳо заъиф ва нотавон боқӣ мондаанд.

Тамаддун чӣ мекунад? Тамаддун барои инсон абзор месозад, абзорҳои хуб, инсофан абзорҳои хуб ихтироъ мекунад.

Аммо одамҳоро чӣ тавр? Чӣ чиз метавонад одамҳоро иваз кунад? Чӣ чиз метавонад ба одамҳо ҳадафҳои муқаддас ва олӣ бидиҳад? Чӣ чиз аст, ки метавонад арзишҳои башариро иваз кунад? Коре кунад, ки ҳамдардӣ ва соҳибдилӣ то бад-он ҳадд арзиш дошта бошад, ки аз самими қалб бигӯяд:

*Дунё наярзад он ки парешон кунӣ диле,*

*Зинҳор бад макун, ки накардаст оқиле.*

*(Саъдӣ)*

Инсоният мусовӣ аст бо дину имон ва агар дину имон набошад, инсонияте нест.

## Ишколот

Хуб, дигар ароизи худро бояд хотима диҳам. Матолибе буд, ки дигар тафсилан ба баёни онҳо намерсам, аз он ҷумла ин ки агар дин фитрӣ аст, чаро гурӯҳҳое аз мардум аз дин хориҷ мешаванд?

Роҷеъ ба ин мавзӯъ андаке шарҳ медиҳам: ин матлаб худ матлабе аст, ки иллатҳои рӯй гардондани гурӯҳи зиёде аз мардум аз дин чист? Ин суол махсусан барои касоне, ки таваҷҷӯҳ ба Худо ва диёнатро амре фитрӣ медонанд, бештар тарҳ мешавад. Ҳатто баъзе ин суолро бо таъаҷҷуб тарҳ мекунанд.

Мо нахуст сухани яке аз донишмандони омрикоиро дар ин замина нақл мекунем, баъд назари худро баён хоҳам кард. Зикри ин матлаб аз он ҷиҳат лозим аст, ки дар ёфтани роҳи ислоҳи иҷтимоъ ба мо кӯмак менамояд.

Дар китоби "Исботи вуҷуди Худо", ки маҷмӯаи мақолоте аст аз иддае донишмандон дар бораи Худо, мақолае аст тахти унвони "Ба кор бурдани равишҳои илмӣ" аз як донишманди омрикоӣ ба номи " Уолтер Оскар Лундберг. Ин мард дар муқаддимаи

гуфтори худ дар бораи иллати адами имони баъзе аз донишмандон ба Худо баҳс мекунад, мегӯяд:

“*Ин ки таваҷҷӯҳи баъзе аз донишмандон дар мутолеоти илмӣ, мунъатиф ба дарки вуҷуди Худо намешавад, иллатҳои мутаъаддиде дорад, ки мо аз он ҷумла ду иллатро зикр мекунем: нахуст, ин ки ғолибан шароити сиёсии истибдодӣ ё кайфияти иҷтимоӣ ва ё ташкилоти мамлакатӣ инкори вуҷуди сонеъро эҷоб мекунад. Дуввум ин ки фикри инсонӣ ҳамеша таҳти таъсири баъзе авҳом қарор дорад ва бо он ки шахс аз ҳеч азоби руҳӣ ва ҷисмӣ бим надошта бошад, боз фикри ӯ дар ихтиёр ва интихоби роҳ дуруст комилан озод нест. Дар хонаводаҳои масеҳӣ ағлаби атфол дар аввалҳои умр ба вуҷуди Худое шабеҳи инсон имон меоваранд, мисли ин ки башар ба шакли Худо офарида шудааст. Ин афрод ҳангоме, ки вориди муҳити илмӣ мешаванд ва ба фаро гирифтан ва тамрини масоили илмӣ иштиғол меварзанд, ин мафҳуми инсонишакл ва заъифи Худо наметавонад бо далоили мантиқӣ ва мафоҳими илмӣ ҷур дарбиёяд. Ва дар натиҷа баъд аз муддате, ки умеди ҳар гуна созиш аз байн меравад, мафҳуми Худо низ ба куллӣ матрук ва аз саҳнаи фикр хориҷ мешавад. Иллати муҳимми ин кор он аст, ки далоили мантиқӣ ва таърифоти илмӣ виҷдониёт ё мӯътақадоти пешини ин афродро иваз намекунад ва эҳсоси ин ки дар имон ба Худо қаблан иштибоҳ шуда ва ҳамчунин омилҳои дигари равонӣ боис мешаванд, ки шахс аз норасоии ин мафҳум бимнок шавад ва аз Худошиносӣ рӯй баргардонад ва инсироф ҳосил кунад.“ (Исботи вуҷуди Худо, с.51*)

Ин донишманд ду иллат барои эъроз (рӯй гардондан) аз дину Худо зикр кардааст: яке, номусоид будани баъзе аз муҳитҳои иҷтимоӣ, ки илзоман материализмро як ақидаи расмӣ мешиносонад.

Дигар суитафоҳуме, ки дар масъалаи Худо барои донишмандон пайдо мешавад. Иллати ин суитафоҳум он аст, ки фикру ақидаи Худоро дар кӯдакӣ аз касоне фаро мегирад, ки муддаъии Худошиносӣ ҳастанд, вале Худоро намешиносанд, зоти Худо ва сифоти Худо ва тарзи дастандаркор будани Худо дар кори оламро тавре таълим мекунанд, ки бо ақл ва илму мантиқ ҷур намеояд, як мафҳуми номаъқуле аз Худо ва дин ба мардум таълим мекунанд.

Бадеҳӣ аст, ки донишманд пас аз он ки бо ақл ва илму мантиқ ошно шуд, наметавонад маъонӣ ва мафоҳими номаъқул ва ғайримантиқиро бипазирад. Ночор он имони номаъқул ҷойи худро дар зеҳни донишманд ба инкор ва нафй медиҳад. Ва чун мепиндорад, ақида ба Худо ҷуз ба ҳамон шакли ғайримантиқӣ набояд бошад, мункири Худо мешавад.

Ин сухан, сухани бисёр дурусте аст, мусалламан иллати инкор ва эърози бисёре аз афроди таҳсилкарда ин аст, ки мафоҳими мазҳабӣ ва динӣ ба тарзи саҳеҳе ба онҳо таълим нашудааст, дар воқеъ он чизе, ки онҳо инкор мекунанд, мафҳуми воқеии Худо ва дин нест, чизи дигаре аст.

Афроде монанди ман, ки бо пурсишҳои мардум дар бораи масоили мазҳабӣ мувоҷеҳ ҳастем, комилан ин ҳақиқатро дарк мекунем, ки бисёр аз афрод таҳти таъсири талқиноти падарону модарони ҷоҳил ё мубаллиғони бесавод афкори ғалате дар заминаи масоили мазҳабӣ дар зеҳнашон русух кардааст ва ҳамон афкори ғалат асари суъ бахшида ва онҳоро дар бораи ҳақиқати дину мазҳаб дучори тардид ва аҳёнан инкор кардааст. Аз ин рӯ кӯшиши фаровоне лозим аст сурат бигирад, ки усул ва мабонии мазҳабӣ ба сурати саҳеҳ ва воқеии худ бо афрод таълим ва илқо шавад.

Ин банда шахсан солҳост, ки ин матлабро эҳсос кардаам ва вазифаи худ донистаам, ки фаъолиятҳои мазҳабии худро то ҳудуде, ки тавоноӣ дорам, дар роҳи таълими саҳеҳ ва маъқули мафоҳими динӣ ва мазҳабӣ мутамаркиз кунам. Таҷриба нишон додааст, ки ингуна фаъолиятҳо бисёр самарбахш аст.

Вале иллати эърoз аз дин мунҳасир ба инҳо нест, иллатҳои дигар ҳам дар кор аст. Яке аз чизҳое, ки мӯҷиби эъроз ва танаффури мардум аз Худо ва дин ва ҳамаи маънавиёт мешавад, олуда будани муҳит ва ғарқ шудани афрод дар шаҳватпарастӣ ва ҳавопарастӣ аст, муҳити олуда ҳамвора мӯҷиботи таҳрики шаҳавот ва танпарварӣ ва ҳайвонсифатиро фароҳам мекунад. Бадеҳӣ аст, ки ғарқ шудан дар шаҳавоти пасти ҳайвонӣ бо ҳар гуна эҳсоси таолӣ аъамм аз таолии мазҳабӣ ё ахлоқӣ ё илмӣ ё ҳунарӣ мунофот дорад. Ҳамаи онҳоро мемиронад. Одами шаҳватпараст на танҳо наметавонад эҳсосоти олии мазҳабиро дар худ бипарваронад, эҳсоси иззат ва шарофат ва сиёдатро низ аз даст медиҳад, эҳсоси шаҳомат ва шуҷоат ва фидокориро низ фаромӯш мекунад. Он ки асири шаҳавот аст, ҷозибаҳои маънавӣ аъамм аз динӣ ва ахлоқӣ ва илмӣ ва ҳунарӣ камтар дар ӯ таъсир дорад. Бинобар ин ақвом ва миллатҳое, ки тасмим мегиранд руҳи мазҳаб ва ахлоқ ва шаҳомат ва шуҷоат ва мардонагиро дар миллати дигар бикушанд, васоили айёшӣ ва шаҳватронӣ ва саргармиҳои нафсонии онҳоро фароҳам ва такмил мекунанд.

Дар таърихи Андалуси исломӣ яъне Испанияи феълӣ, мехонем, ки нақшае, ки масеҳиён барои тасарруфи Андалус ва берун кашидани он аз дасти муслимин кашиданд ин буд, ки ба сурати дӯстӣ ва хидмат васоили айёшӣ барои онҳо фароҳам карданд. Боғҳо ва бӯстонҳо вақфи сохтани шароб ва нӯшонидани муслимин шуд, духтарони зебо ва танноз дар хиёбонҳо ба дилрабоӣ ва ошиқсозӣ пардохтанд. Саргармиҳои шаҳавонӣ аз ҳар ҷиҳат

фароҳам шуд ва руҳи имон ва ҷавонмардӣ мурд. Пас аз ин ҷараён буд, ки тавонистанд мусалмононро бедиранг аз дами теғ бигузаронанд.

Истеъмори Ғарб низ ин барномаро дар қуруни ахир ба сурати дақиқе дар кишварҳои исломӣ иҷро кард. Ба ҳар ҳол ғарқ шудан дар шаҳавоти ҳайвонӣ омили дигаре аст барои ин ки таъолии динӣ дар вуҷуди башар заъиф ва аҳёнан манфур гардад.

Дар забони дин ин матлаб ин тавр баён шуда, ки вақте дилҳоро кудурат ва тирагӣ ва қасоват мегирад, нури имон дар дилҳо роҳ намеёбад:

إِنَّ اللَّهَ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الْفَاسِقِينَ

(*Мунофиқун/6*)

Яке дигар аз мӯҷиботи эъроз ва рӯгардондан аз дин, ҷангу ситезе аст, ки бархе аз доъиён ва мубаллиғони динии бехирад миёни дин ва соири ғароизи фитрӣ ва табиии башар эҷод мекунанд ва динро ба ҷойи ин ки муслеҳ ва таъдилкунандаи ғароизи дигар муаррифӣ кунанд, онро зидд ва мунофӣ ва душмани соири фитриёти башар муаррифӣ мекунанд.

Ин матлаб эҳтиёҷ ба тавзеҳ дорад. Башар фитриёти зиёде дорад. Дар сиришти башар тамоюл ба бисёр чизҳо ниҳода шудааст. Ҳамаи ин тамоюлот марбут ба умуре аст, ки башар дар сайри такомулии худ ба онҳо эҳтиёҷ дорад. Яъне ҳеч тамоюли беҳуда ва лағве, ки эҳтиёҷ ба куштан ва миронодан дошта бошад, дар вуҷуди башар ниҳода нашудааст. Ҳамчунон ки ҳеч узви лағв ва беҳудае дар бадани башар халқ нашудааст, дар сиришти инсон тамоюлоти зиёде ҳаст. Аз он ҷумла аст тамоюл ба сарват, тамоюл ба маҳбубияти иҷтимоӣ, тамоюл ба илм ва ҳақиқатҷӯӣ, тамоюл ба ташкили хонавода ва интихоби ҳамсар ва амсоли инҳо.

Тамоюли динӣ низ яке аз тамоюлоти табиии инсон аст. Ҳеч як аз ин тамоюлот бо якдигар сари ҷанг надоранд, байни онҳо тазодд ва таноқузи воқеӣ нест. Ҳар кадом аз онҳо саҳме ва ҳаззе ва баҳрае дорад. Агар саҳм ва ҳазз ва баҳраи ҳар як аз онҳо ба адолат дода шавад, ҳамоҳангии комил миёни онҳо барқарор мешавад. Нороҳатӣ ва ҷангу ситез он гоҳ бармехезад, ки инсон бихоҳад саҳми баъзе аз онҳоро ба дигаре бидиҳад. Якеро гурусна нигаҳ дорад ва дигареро беш аз ҳадди лозим ишбоъ намояд.

Яке аз мухтассоти дини ислом ин аст, ки ҳамаи тамоюлоти фитрии инсонро дар назар гирифта. Ҳеч кадомро аз қалам наяндохта ва барои ҳеч кадом саҳми бештаре аз ҳаққи табиии онҳо надодааст. Маънии фитрӣ будани қавонини исломӣ ҳамоҳангии он қавонин ва адами зиддияти онҳо бо фитриёти башар аст. Яъни ислом, гузашта аз ин ки аз назари имон ва парастиши Худо парваришдиҳандаи як эҳсоси фитрӣ аст, аз назари қавонин ва муқаррарот низ бо фитрат ва табиат ва эҳтиёҷоти воқеии башар ҳамоҳанг аст.

Баъзе аз муқаддасмаобон ва муддаъиёни таблиғи дин, ба номи дин бо ҳама чиз ба ҷанг бармехезанд, шиорашон ин аст: агар мехоҳӣ дин дошта бошӣ, пушти по бизан ба ҳама чиз, гирди молу сарват нагард, тарки ҳайсият ва мақом кун, зану фарзандро раҳо кун, аз илм бигурез, ки ҳиҷоби акбар аст ва мояи гумроҳӣ аст, шод мабош ва шодӣ накун, аз халқ бигурез ва ба инзиво паноҳ бибар ва амсоли инҳо. Бинобар ин агар касе бихоҳад ба ғаризаи динии худ посухи мусбат бидиҳад, бояд бо ҳама чиз дар ҳоли ҷанг бошад.

Бадеҳӣ аст, вақте, ки мафҳуми зуҳд, тарки васоили маъош ва тарки мавқеияти иҷтимоӣ ва инзиво ва эъроз аз инсонҳои дигар бошад, вақте, ки ғаризаи ҷинсӣ палид шинохта шавад ва муназзаҳтарин афрод касе бошад, ки дар ҳамаи умр муҷаррад зистааст, вақте, ки илм душмани дин муаррифӣ шавад ва уламо ва донишмандон ба номи дин дар оташ афканда шаванд ва ё сарҳошон зери гиютин (василаи эъдом) биравад, мусалламан ва қатъан мардум ба дин бадбин хоҳанд шуд.

Мураббиёни дин бояд аввал бикӯшанд худашон олим ва муҳаққиқ ва диншинос бишаванд ва ба номи дин мафоҳим ва маъонии номаъқуле дар азҳони мардум ворид накунанд, ки ҳамон маъонии номаъқул маншаъи ҳаракатҳои зидди динӣ мешаванд. Сониян дарислоҳи муҳит бикӯшанд ва аз олудгиҳои муҳит то ҳудуди имкон бикоҳанд. Солисан аз ҳама муҳимтар ва болотар ин ки ба номи дин ва ба исми дин бо фитриёти мардум муъориза ва мубориза накунанд. Он вақт аст, ки хоҳанд дид, мардум –

يَدْخُلُونَ فِي دِينِ اللَّهِ أَفْوَاجًا

(*Наср/2*)

Аз Худованди Мутаъол масъалат менамоем, ки ҳамаи моро ба роҳи рост ҳидоят фармояд ва моро аз диндорони воқеӣ қарор диҳад!

Бор дигар имшабро, ки шаби мабъаси хотами паёмбарон (с) аст, ба ҳамаи ҳуззори мӯҳтарам табрик мегӯям ва ба зикри дуое сухани худро хотима медиҳам. Дуо ба қавли Алексис Каррел, парвози руҳ аст. Оқоён хаёл накунанд, дуо кӯҳна мешавад ё тамаддун ва таҷаддуд эҷоб мекунад, ки дуо накунанд. Хайр! Дуо изҳори убудийят аст, имтиноъ аз дуо истикбор бар Худованди Мутаъол аст, ки зишттарини истикборҳост:

وَقَالَ رَبُّكُمُ ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ ۚ إِنَّ الَّذِينَ يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِي سَيَدْخُلُونَ جَهَنَّمَ دَاخِرِينَ

(*Ғофир/60*) Дуо, камоли инсоният аст. Дуо, барқарор шудани пайванди банда бо Худост. Пайванди Худо бо банда қатъношуданӣ аст, аз он сар ҳамеша иртибот ҳаст. Бо дуо аз ин тараф низ пайванд ва иртибот барқарор мешавад ва заминаи файзгирӣ фароҳамтар мегардад. Ва инсон дар ҳоли дуо бо ботин ва замири худ мутаваҷҷеҳи офаринанда ва

мабдаъ ва нуқтае, ки аз он ҷо омада, мешавад ва аз ӯ истимдод мекунад ва саодат ва саломат ва тавфиқ металабад, мағфират ва омурзиш масъалат мекунад.

Дуои имшаби ман як ҷумла бештар нест: Худоё! Ба ҳамаи мо ирода ва ҳиммат иноят фармо, ки аз ин барномаи саодатбахши исломӣ, ки дар мисли имшабе аз ҷониби ту тарҳ шуда ва ба василаи хотами паёмбарони ту ба мо расидааст, баҳра бибарем ва истифода кунем ва ба он амал намоем.

Чӣ хуб гуфта Иқболи Лоҳурӣ:

*Ба манзил кӯш монанди маҳи нав,*
*Дар ин нилӣ фазо ҳар дам фузун шав.*
*Мақоми хеш агар хоҳӣ дар ин дайр,*
*Ба Ҳақ дил банду роҳи Мустафо рав.*

# Имдодҳои ғайбӣ дар зиндагии башар

Қабл аз он ки вориди баҳси худам башавам, ин иди саъидро, ки иди умеду орзуст ва мутаъаллиқ ба ояндаи башарият аст, яъне таъаллуқ дорад ба шахсияте, ки барои ояндаи башарият захира шудааст, ба ҳамаи ҳуззор мӯҳтарам табрик арз мекунам.

Мавзӯъи баҳс ҳамон тавр, ки дар кортҳои даъват мулоҳиза фармудаед, "Имдодҳои ғайбӣ дар зиндагии башар" аст.

Худам таваҷҷӯҳ дошта ва дорам, ки ин мавзӯъ ва ин унвон дар зеҳни бисёре аз афрод аъамм аз ин ки дар ин ҷаласа ширкат карда бошанд ва ё ширкат накарда бошанд, таваҳҳумоте ба вуҷуд меоварад, фикр мекунанд, ки биност ба истилоҳ як силсила мавзӯъоти хурофӣ дар ин ҷо матраҳ шавад. Шояд баъзе он қадр соддадил бошанд, ки хаёл кунанд, шояд мавзӯъоте аз қабили тасхири ҷинну тилисмоту ғайра, қарор аст дар ин ҷаласа баҳс шавад.

Мусалламан иддае бо шунидани унвони "мададҳои ғайбӣ" хоҳанд гуфт, дар асри илму дониш ва таҷрибаву озмоиш, ки башар ҳама чизро таҳти тасаллути мушоҳидоти айнӣ ва ҳиссӣ ва ламсии худ даровардааст, мададҳои ғайбӣ яъне чӣ? Дар ин аср, ки асри нуру рӯшноӣ аст, баҳс дар атрофи ғайб ва ниҳон ва пушти парда ва билохира мовароуттабиа маънӣ надорад.

Оре, ба ин нукта таваҷҷӯҳ дошта ва дорем, шояд ҳам таъаммуде дар кор буда, ки чунин унвоне интихоб шавад, ки аҳёнан ҳамчу суолоте ва тардиду инкорҳое ба вуҷуд ояд ва қаҳран омодагии бештаре барои таъаммул дар он чи гуфта мешавад, пайдо шавад.

Бояд арз кунам, ки матлаб дуруст акси ин аст, яъне ин инкорҳо ва эърозҳо ва ин иддаъоҳо, ки дар асри илму дониш, сухан аз масоиле аз қабили мададҳои ғайби бемаънӣ аст, зидди илм аст ва бо руҳи илмӣ носозгор аст, навъе ҷаҳолат аст, балки бадтар аз ҷаҳолат аст.

Оё аз ҷаҳл бадтар ҳам чизе ҳаст! Бале, аз ҷаҳл бадтар ҳам ҳаст ва он ҷумуд аст. Ҳамчунонке аз назари молу сарвату иқтисод, аз фақр бадтар ҳам ҳаст ва он, ғурур ва иттико ба дороии хеш аст, яъне ин ки инсон фикр кунад, он чи дорад, ӯро аз ҳама чиз ҳатто аз фаъолият ва кор ва фикр бениёз мекунад. Ин аз фақр бадтар аст. Ояндаи ин ҳолат аз ояндаи фақр хатарноктар аст.

Ҷаҳл бад аст аз он ҷиҳат, ки сирфан нестӣ ва фуқдони илм аст, аммо чи басо ҷоҳилҳо ва нодонҳо, ки бо ишқу шӯру шавқи зоидулвасфе дар пайи таҳсили илму дониш меравanд ва ояндаи равшане дар интизори онҳост. Ва эй басо олиме, ки ба он чи дорад мағрур аст ва хаёл мекунад, он чи ӯ медонад, кулли дониш аст ва аз ин рӯ ба дониши худ мағрур

мегардад. Ва ин ғурур як дунё ҷаҳлу торикӣ ба вуҷуд меоварад. Дониши башар ҳамеша нисбат ба он чи ҳақиқат аст, яъне нисбат ба кулли дониш андак аст:

وَمَا أُوتِيتُم مِّنَ الْعِلْمِ إِلَّا قَلِيلًا

(*Исро/85*) Олими воқеӣ ҳамеша ба нодонӣ ва ҷаҳли худ эътироф дорад, олими воқеӣ бидуни далел чизеро инкор намекунад ва бидуни далел чизеро намепазирад. Олим агар ҷомид ва мағрур буд, олим нест. Олим агар бе далел чизеро пазируфт ё бе далел чизеро инкор кард, руҳи илмӣ надорад, ӯ хазона ва анборе аст аз як силсила формулҳо ва иттилоот, ҳар чи ба ӯ дода шуда, ёд гирифта ва забт кардааст, аммо дар руҳи худаш як рӯшноӣ ва як миқёс барои қабулу инкор вуҷуд надорад. Пас руҳаш руҳи илмӣ нест.

Агар шахсеро диден, ки дар ҳамаи риштаҳо гувоҳиномаи таҳсилӣ дорад, дар айни ҳол суханеро бидуни далел қабул ё инкор мекунад, бидонед олими воқеӣ нест. Илм дар зоти худ ҳаргиз мусталзими ҷумуд ё ғурур нест, илм башарро дар муқобили ҳақоиқ хозеътар ва таслимтар ва дар қабулу инкор мӯҳтоттар мекунад.

Пас ҷумуд, ки бадтар аз ҷаҳолат аст, иборат аст аз руҳи зидди таҳқиқ, иборат аст аз ҳолате, ки муқаддастарин руҳияро, ки руҳияи таҳқиқ ва ковишгарӣ аст, аз башар мегирад, шояд бишавад гуфт, ҳамон тавре ки ҷумуд аз ҷаҳл зишттар аст, ҳисси таҳқиқ аз худи илм муқаддастар аст. Илм он гоҳ муқаддас ва қобили эҳтиром аст, ки бо руҳи таҳқиқ тавъам бошад. Руҳи таҳқиқ он гоҳ вуҷуд дорад, ки башар ба нақси илм ва иттилооти худ мӯътариф бошад.

Ҳадиси латифе ҳаст мабнӣ бар ин ки илм дар се дараҷа аст. Таъбири ҳадис ин аст, ки илм се ваҷаб аст: башар ҳамин ки ба ваҷаби аввали илм мерасад, такаббур ба ӯ даст медиҳад. Ва ҳамин ки ба ваҷаби дуввум мерасад, тавозӯъ ва фурӯтанӣ ба ӯ даст медиҳад, зеро маълумоти худро дар баробари маҷҳулот ночиз мебинад. Вақте, ки ба ваҷаби севвум мерасад, мефаҳмад, ки ҳеч чиз намефаҳмад ва мегӯяд, маълумам шуд, ки ҳеч маълум нашуд. Бӯалӣ Сино рубоъии маъруфе дорад, мегӯяд:

*Дил гарчӣ дар ин бодия бисёр шитофт,*<br>
*Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.*<br>
*Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,*<br>
*Охир ба камоли заррае роҳ наёфт.*

Бузургтарин донишманди физик ва риёзӣ ва дар воқеъ бузургтарин донишманди табиатшиноси асри мо Эйнштейн аст. Дар муқаддимаи “Хулосаи фалсафии назарияи нисбият“ мегӯяд:

*“Башар пас аз ошно шудан бо физики ҷадид, ҳамин қадр метавонад иддаъо кунад, ки бо алифбои китоби офариниш ошно шудааст, на бештар. Яъне масали башар аз назари ошноӣ бо ҳақоиқи ҷаҳон, масали кӯдаке аст, ки тоза ба дабистон рафта ва алифбои як забонро шинохтааст. Ин кӯдак то вақте, ки битавонад китобҳои илмие, ки ба он забон навишта шудааст, бихонад ва бифаҳмад, чӣ қадр фосила дорад? Башари имрӯз низ то вақте, ки битавонад китоби табиатро бихонад, ҳамин қадр, балки бештар фосила дорад.”*

Ман имшаб намехоҳам ба шумо бигӯям, ҳар чи ман мегӯям, бипазиред, ман имшаб ба унвони як гӯяндаи мазҳабӣ дар ин маркази илмӣ мехоҳам аз ҳамон хоссияте истифода кунем, ки ҳамеша дин дар баробар илм доштааст. Дин ҳамеша муҳаррики илм будааст ба сӯйи таҳқиқ. Уилям Ҷеймс мегӯяд:

*“Дин ҳамеша нишонаҳое аз чизҳое додааст, ки ақл ва илми башар ҳаргиз ба он ҷо роҳ надоштааст. Аммо ҳамин нишонаҳо сабаб шуда, ки ақл ва илм ба таҳқиқ пардозад ва билохира ба кашфиёте ноил гардад.”*

Имрӯз мавриди қабули уламост, ки бисёре аз масоили илмӣ, ки башар ба онҳо расидааст, муҳаррики аввалияаш дин будааст. Ман, ки имшаб масъалаи “мададҳои ғайбӣ“-ро унвон мекунам, мехоҳам муҳаррики руҳи таҳқиқу таваҷҷӯҳ шумо бошам.

## Ғайб яъне чӣ?

Ғайб яъне ниҳон, пушти парда, яъне он чизҳое, ки аз ҳавосси зоҳирии мо ниҳон аст ва пушти пардаи маҳсусот воқеъ шудааст. Қуръони Карим ин калимаро зиёд ба кор бурдааст, гоҳе танҳо, мисли ин ки мефармояд:

الَّذِينَ يُؤْمِنُونَ بِالْغَيْبِ

(*Бақара/3*) Яъне онон, ки ба ғайб имон доранд. Ё мефармояд:

وَعِنْدَهُ مَفَاتِحُ الْغَيْبِ لَا يَعْلَمُهَا إِلَّا هُوَ

(*Анъом/59*) Яъне калидҳои ғайб назди Худост ва ҷуз ӯ касе аз онҳо огоҳ нест. Ва гоҳе ҳамроҳ бо калимаи шаҳодат, мисли ин ки мефармояд:

عَالِمُ الْغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ

(*Анъом/73*) Худованд, ҳам ба ғайб огоҳ аст ва ҳам ба шаҳодат.

Фалосифаи исломӣ аз ҳамин таъбири қуръонӣ истифода карда, ҷаҳони табиатро олами шаҳодат ва ҷаҳони малакутро олами ғайбат истилоҳ кардаанд.

Дар адабиёти ирфонии мо аз ғайб ва ниҳон ва пушти парда ва ин ки рози ниҳон ва пушти парда ва моварои зоҳире ҳаст зиёд сухан рафта ва лутф ва зебоии хоссе ба он додааст. Ҳофиз мегӯяд:

*Зи сирри ғайб кас огоҳ нест, қисса махон,*
*Кадом маҳрами дил раҳ дар ин ҳарам дорад?*

Ҳам ӯ мегӯяд:

*Мо аз буруни дар шуда мағрури сад фиреб.*
*То худ даруни парда чи тадбир мекунанд.*

Хайём мегӯяд:

*Асрори азалро на ту дониву на ман,*
*В-ин хатти муаммо на ту хониву на ман.*
*Ҳаст аз паси парда гуфтугӯи ману ту,*
*Чун парда барафтад, на ту мониву на ман.*

Барои имон ва эътиқоди мо ба олами шаҳодат, ҳавосси мо кофӣ аст. Асосан, ин олам аз он ҷиҳат шаҳодат номида шудааст, ки мо бо ҳавосси худ бо он сару кор дорем ва маҳсусу малмуси мост, бинобар ин ниёзманд ба муарриф ва муаллиме барои ин ки ба вуҷуди чунин ҷаҳоне мӯъмин бишавем, нестем. Ниёзмандии мо ба муаллим ва таълиму таҳқиқ барои ошно шудани бештар бо ҳақоиқи он аст.

Аммо ин ҳавосс барои имон ва эътиқод ба ҷаҳони ғайб кофӣ нест, барои имон ва эътиқод ба ҷаҳони ғайб, қувваи ақл, ки худ мартибаи ғайби вуҷуди мост, бояд даст ба кору фаъолият бишавад. Ва ё қуввае ниҳонтар ва махфитар аз ақл бояд ғайбро шуҳуд намояд. Мавлавӣ мегӯяд:

*Ҷисм зоҳир, руҳ махфӣ омадаст,*
*Ҷисм ҳамчун остин, ҷон ҳамчу даст.*
*Боз ақл аз руҳ махфитар бувад,*
*Ҳисс ба сӯйи руҳ зудтар раҳ равад.*

* * *

*Руҳи ваҳй аз ақл пинҳонтар бувад,*
*З-он ки ӯ ғайб асту ӯ з-он сар бувад.*

* * *

*Он ҳисе, ки Ҳақ бад-он ҳис музҳар аст,*
*Нест ҳисси ин ҷаҳон, он дигар аст.*
*Ҳисси ҳайвон гар бидидӣ он сувар,*
*Боязиди вақт будӣ гову хар.*

* * *

*Ғайри фаҳму ҷон, ки дар гову хар аст,*

*Одамиро фаҳму ҷоне дигар аст.*

*Боз ғайри ҷону ақли одамӣ,*

*Ҳаст ҷоне дар валии он дамӣ.*

Пайғамбарон роҳнамоёни ҷаҳони ғайбанд. Омадаанд, ки мардумро ба ғайб ва моварои зоҳир ва маҳсусот мӯъмин ва мӯътақид намоянд. Пайғамбарон ба ин ки мардум ба вуҷуди ғайб имон дошта бошанд, иктифо накардаанд; пайғамбарон омадаанд, ки миёни мардум ва ғайб робита барқарор кунанд, ҳалқаи иттисол миён мардум ва ҷаҳони ғайб бошанд, мардумро мӯъмин ба мададҳои ғайбӣ ва иноятҳои хосси ғайбӣ дар шароити хоссе бинамоянд.

Ин ҷост, ки масъалаи ғайб амалан бо зиндагии башар тамос пайдо мекунад.

## Пардаи ғайб

Гуфтам, ғайб яъне ниҳон, пас парда. Ин парда чист? Чӣ гуна пардаест, ки ҷилави чашми мо кашида шуда, ки наметавонем бибинем, оё воқеан пардае вуҷуд дорад, ки бояд пас биравад, то бибинем? Ё ин ки ин таъбирот киноя аз ҳақоиқи дигар аст. Иттифоқан ҳамин таъбири парда дар худи Қуръони Карим низ омадааст дар бораи аҳли қиёмат, мефармояд:

لَقَدْ كُنْتَ فِي غَفْلَةٍ مِنْ هٰذَا فَكَشَفْنَا عَنْكَ غِطَاءَكَ فَبَصَرُكَ الْيَوْمَ حَدِيدٌ

(*Қоф/22*) Яъне имрӯз пардаро аз ҷилави ту бардоштем, инак дидаи ту боз аст ва метавонӣ ҳама чизро бибинӣ.

Ҷумлаи маъруфе мансуб аст ба ҳазрати Амир (а):

لو كشف الغطاء ما ازددت يقينا

(*Шарҳи Ибни Майсам бар сад калимаи интихобии ҷоҳиз, калимаи 1*) Яъне фаразан парда барафтад, бар яқини ман афзуда намешавад.

Мусалламан ин парда аз навъи модда ва ҷисм нест, ин парда ҷуз ҳиҷоби маҳдудияти ҳавосси мо, ки танҳо умури нисбӣ ва маҳдудро дарк мекунад, намебошад.

## Маҳдуд ва номаҳдуд

Ба ҳасби фарзи аввалии ақл, мавҷуд бар ду қисм аст: маҳдуд ва номаҳдуд. Вақте маҳдудро таъриф кунем, номаҳдуд ҳам равшан мешавад. Шумо, ки дар ин ҷо нишастаед,

як нуқтаи муайян ва як миқдори муайян аз фазоро ишғол кардаед ва дар нуқтаи дигар ва ҷойи дигар нестед. Ва агар бихоҳед дар нуқтаи дигар дар рӯйи сандалии дигар биншинед, ночор бояд ин нуқтаро раҳо кунед ва бо ҳаракат, худро ба нуқтаи дигар мунтақил намоед. Яъне наметавонед дар айни ин ки дар ин нуқта ҳастед, дар он нуқта бошед. Шумо аз назари макон, маҳдуд ба макони хоссе ҳастед.

Ҳамин тавр аст аз лиҳози замон, мо дар ин замон ҳастем ва дар замонҳои пеш набудаем, ҳамчунон, ки дар замонҳои баъд нахоҳем буд.

Ҳоло агар мавҷуде аз назари маконӣ ва замонӣ номаҳдуд бошад, ба маънии ин аст, ки ҳеч макone ва ҳеч замоне аз ӯ холӣ нест ва дар ҳамаи замонҳо ва ҳамаи маконҳо ҳаст, балки муҳит бар макон ва замон аст. Ва дар ин вақт аст, ки ҳавосси мо аз дарки чунин мавҷуде оҷиз ва нотавон аст.

Ва мо ба ин далел як шайъе хоссро мебинем, ки маҳдуд аст ва дар ҷиҳати муайян қарор дорад, қобили ишора аст ва шакл дорад. Агар номаҳдуд бошад ва шакл ва ҷиҳат надошта бошад, қаҳран нахоҳем тавонист ӯро дид. Мо як овозро ба ин далел мешунавем, ки гоҳе ҳаст ва гоҳе нест, агар як овози мумтадд ва якнавохт ҳамеша бо пардаи гӯши мо сару кор дошта бошад, ҳаргиз ӯро нахоҳем шунид.

Ғаззолӣ мегӯяд, мо аз он ҷиҳат нурро мешиносем, ки гоҳе ҳаст ва гоҳе нест, дар як ҷо ҳаст ва як ҷо нест, агар вазъи нур чунин мебуд, ки ҳамеша ҷаҳон равшан буд, ба таври якнавохт ҳам равшан буд, соя ва торикӣ набуд, уфул ва ғурубе набуд, дар ин вақт чизеро, ки ҳаргиз намешинохтем ва ба вуҷудаш пай намебурдем, ҳамин нур буд, ки зоҳиртарини ашё аст ва зоҳиркунандаи чизҳои дигар аст. Пас мо нурро ба кӯмаки зиддаш, ки зулмат аст, мешиносем ва вуҷудашро тасдиқ мекунем. Маҳмуди Шабистарӣ, орифи маъруф мегӯяд:

*Агар хуршед бар як ҳол будӣ,*
*Шуоъи ӯ ба як минвол будӣ,*
*Надонистӣ касе к-ин партави ӯст,*
*Набудӣ ҳеч фарқ аз мағз то пӯст.*
*Ҷаҳон ҷумла фурӯғи нури Ҳақ дон,*
*Ҳақ андар вай зи пайдоист пинҳон.*
*Чу нури Ҳақ надорад нақлу таҳвил,*
*Наёяд андар ӯ тағйиру табдил.*

Ин ки мегӯянд:

**تُعرف الأشياء بأضدادها**

— дар мавриди чизҳое аст, ки мо аз роҳи ҳавосс ба вуҷуди онҳо пай мебарем. Аҳли маърифат ва ирфон мегӯянд: Ҳақ Мутаъол аз касрати зуҳур, дар хафост, яъни ҳайсияти зуҳур ва хафо дар ӯ якест, ӯ аз ин ҷиҳат махфӣ аст, ки ҳеч гуна ғиёб ва уфул ва ғурубе надорад ва ҳеч чиз ва ҳеч ҷо аз ӯ холӣ нест.

**يا من هو اختفى لفرط نوره**

**الظاهر الباطن في ظهوره**

(*Шарҳи Манзумаи Ҳоҷӣ Мулло Ҳодии Сабзаворӣ, бахши ҳикмат*)

Дар адабиёти форсӣ тамсили олӣ ва латифе аз забони моҳӣ ва об оварда шуда, ки хеле ҷолиб аст. Гӯянда ва сарояндаи онро намешиносам, мегӯяд:

*Ба дарёе шиновар моҳие буд,*
*Ки фикрашро чу ман кӯтоҳие буд.*
*На аз сайёд ташвише кашида,*
*На ранҷе аз шиканҷи дом дида.*
*На ҷон аз ташнагӣ дар изтиробаш,*
*На дил сӯзон зи доғи офтобаш.*
*Дар ин андеша рӯзе гашт бетоб,*
*Ки мегӯянд мардум: об, ку об?*
*Кадом аст охир он иксири ҷонбахш,*
*Ки бошад мурғу моҳиро равонбахш?*
*Гар он гавҳар матоъи ин ҷаҳон аст,*
*Чаро ё Раб! Зи чашми ман ниҳон аст?*
*Ҷуз обаш дар назар шому саҳар на,*
*Дар об осуда аз обаш хабар на.*
*Магар аз шукри неъмат гашт ғофил,*
*Ки мавҷ афкандаш аз дарё ба соҳил.*
*Бар ӯ тобид хуршеди ҷаҳонтоб,*
*Фиканд оташ ба ҷонаш дурии об.*
*Забон аз ташнагӣ бар лаб фитодаш,*
*Ба хок афтоду об омад ба ёдаш.*
*Зи дур овози дарё чун шунуфтӣ,*
*Ба рӯйи хок ғалатидиву гуфтӣ:*
*Ки акнун ёфтам он кимиё чист?*

*Ки умеди ҳастиам бе ӯ даме нест.*

*Дареғо, донам имрӯзаш баҳо ман,*

*Ки дастам кӯтаҳ аст ӯро зи доман.*

Оре, як моҳӣ, ки ҳамаи умр дар об зиста ва дар росту чап ва болову пойин ва мабдаъу мақсаду масири худ ҷуз об чизе надидааст, чизеро, ки дарк намекунад ва ӯро намебинад ва дар вуҷудаш шак мекунад ва арзиши онро намеёбад, ҳамон об аст. Аммо ҳамин ки лаҳзае аз об хориҷ шуд ва вориди дунёи зидди об шуд, ба вуҷуд ва арзиш ва аҳаммияти об пай мебарад ва онро мешиносад.

Мақсуд ин аст, ки ғайб будани ғайб ва рози ғайб буданаш марбут ба миқдори тавоноии дастгоҳҳои ҳиссӣ ва идрокии мост, на ба вуҷуди ҳоил ва монеъе миёни дастгоҳи идрокӣ ва ҳиссии мо ва ғайб.

Мавлавӣ тамсиле олӣ роҷеъ ба маҳдудияти ҳавосси башар овардааст, ки бисёр қобили таваҷҷӯҳ аст! Медонем, ки дар давраи ҷадид, донишмандон ва фалосифаи Урупо ибтикори асосӣ, ки дар фалсафа ба худ нисбат медиҳанд ин аст, ки дар бораи ҳудуди идрокоти башарӣ ба баҳсу ковиш пардохтаанд ва баъзе аз фалосифаи бузург ва дараҷаи аввали Урупо, асоси фалсафаашон наққодии дастгоҳҳои андешаи башар аст. Ду асари бузурги Конт, файласуфи бузурги олмонӣ, иборат аст аз “Наққодии ақли назарӣ“ ва “Наққодии ақли амалӣ“. Ин ки чӣ қадр аз ин наққодиҳо воқеан ибтикор аст ва чӣ қадр дар ҷаҳон, ба хусус ҷаҳони ислом, собиқа дорад, аз баҳси феълии мо хориҷ аст, ҳамин қадр арз мекунам, ки дар фалсафа ва ҳикмати исломӣ беш аз ҳар кори дигар кори наққодӣ сурат гирифтааст, вале на ба исми наққодӣ, ба исмҳои дигар. Ва он наққодиҳо арзиш ва умқи зиёдтаре аз наққодиҳои урупоӣ дорад. Ин матлаб бояд дар ҷойи дигар муфассал ва мустадал баҳс шавад.

Мавлавӣ дар баёни маҳдудияти ҳисси башар, чанд сад сол пеш аз он ки урупоиён дар садади баёни таъйини ҳудуди ҳисс бароянд, ин масалро меоварад, ки: ҳиндиҳо филеро ба сарзамине, ки фил надида буданд оварданд ва онро дар хонае торик қарор доданд. Мардум як-як ба даруни хона мерафтанд ва ба ӯ даст месоиданд ва пас аз берун омадан, бар асоси ломисаи худ, дар бораи фил қазоват мекарданд. Он ки дасташ хартуми филро соида буд, дар ҷавоби касоне, ки пурсиданд, фил чӣ шакл буд, гуфт, дуруст ба шакли новдони хона аст. Он ки дасташ гӯши филро ламс карда буд, дар ҷавоби пурсиши ин ки фил чӣ гуна аст, гуфт, фил айнан ба шакли бодбизан аст. Он ки дасти худро ба пушти фил молида буд, гуфт, фил монанди як тахт аст. Дигаре, ки дасташ бо пойи фил тамос пайдо карда буд, гуфт, фил монанди як устувона аст:

*Пил андар хонае торик буд,*

*Арзаро оварда будандаш ҳунуд.*
*Аз барои диданаш мардум басе,*
*Андар он зулмат ҳамешуд ҳар касе.*
*Диданаш бо чашм чун мумкин набуд,*
*Андар он торикиаш каф мебисуд.*
*Он якеро каф ба хартум уфтод,*
*Гуфт: ҳамчун новдон аст ин ниҳод.*
*Он якеро даст бар гӯшаш расид,*
*Он бар ӯ чун бодбизан шуд падид.*
*Он якеро каф чу бар пояш бисуд,*
*Гуфт: шакли пил дидам чун амуд.*
*Он яке бар пушти ӯ бинҳод даст,*
*Гуфт: худ ин пил чун тахте будаст.*
*Ҳамчунин ҳар як ба ҷузве, ки расид,*
*Фаҳми он мекард, ҳар ҷо мешунид.*
*Аз назаргаҳ гуфташон шуд мухталиф,*
*Он яке "дол"-аш лақаб дод, ин "алиф".*
* * *
Мавлавӣ он гоҳ чунин натиҷагирӣ мекунад:
*Дар кафи ҳар кас агар шамъе будӣ,*
*Ихтилоф аз гуфташон берун шудӣ.*
*Чашми ҳис ҳамчун кафи даст асту бас,*
*Нест кафро бар ҳамай ӯ дастрас.*
Ломиса нисбат ба босира маҳдуд аст, босира қодир аст як ҳаҷми бузург монанди филро ба ҳамаи аъзоъ ва андомҳояш ба сурати як мавҷуди себуъдӣ идрок кунад. Аммо ломиса, он ҳам бо кафи як даст, фақат ба андозаи масоҳати кафи дастро метавонад идрок кунад. Бастагӣ дорад ба шонс, ки кафи даст ба куҷои андоми фил исобат кунад. Пас нисбати ломиса ба босира нисбати як ҳисси маҳдуд ба як ҳисси номаҳдуд (албатта номаҳдуди нисбӣ) аст. Ва айнан ҳамин нисбат миёни тамоми ҳавосси мо ва қувваи оқилаи мо барқарор аст.

# Ҷаҳони ғайб

Аммо ин ки ақлҳо аз чӣ роҳ вуҷуди ҷаҳони дигарро иктишоф мекунанд? Чӣ осор ва алоиме дар ин ҷаҳон вуҷуд дорад, ки ақлро ба ҷаҳони дигар раҳбарӣ мекунад? Матлабе аст, ки аз ӯҳдаи ин баҳси мухтасар хориҷ аст, вале ишора ба ин матлаб бад нест ва он ин ки: илм ва фалсафа дар таҳлили ниҳоии худ ба он ҷо расидааст, ки асл ва мояи ҳар амри моддӣ ҳаракат аст. Улум ба тариқе ва фалсафа ба тариқи дигар ин назарро исбот ва таъйид кардааст.

Аз назари фалсафа, ҳама чиз дар зот ва ҷавҳари худ мутағайир аст, тамоми ҷаҳон як қофилаи дар ҳоли "сайру ҳаракатро ташкил медиҳад", аммо на қофилае, ки танҳо кораш интиқол аз маконе ба макони дигар аст, балки қофилае, ки кораш интиқол аз вуҷуде ба вуҷуди дигар аст ва албатта ба сурати иттисолӣ ва истимрорӣ. Садрулмуталлиҳини Шерозӣ бо бароҳине мутқан собит кардааст, ки ҳатто ҷавоҳири олам дар тағйиранд. Яъне ҳамон чизе, ки амсоли Арасту ва Бӯалӣ маҳол медонистанд, ӯ ҷоиз, балки воқеъ ва зарурӣ ва ҳатмӣ медонад. Аз назари ин файласуф, ҷаҳон як воҳиди ҳаракат аст, доиман дар ҳоли ҳудусу фаност, як ҳудуси доим ва мустамир аст. Тибқи ин назар, ғайри қоим биззот будани ҷаҳон, яъне қоим билғайр будани ҷаҳон, возеҳтар ва равшантар аз он аст, ки ниёзе ба тавзеҳ дошта бошад. Тибқи ин назар, баҳс дар ин нест, ки ҷаҳон дар як лаҳзае аз адам ба вуҷуд омад пас иллате онро ба вуҷуд овардааст, балки баҳс дар ин аст, ки ҷаҳон тадриҷан ва доиман аз адам ба вуҷуд меояд ва истимроран дасте ӯро ба вуҷуд меоварад ва фонӣ мекунад.

*Ё хафийяз-зоти маҳсусал-ъато,*
*Анта кал-моъи ва наҳну кар-раҳо...*
*Ту баҳорӣ, мо чу боғи сабзу х(в)аш,*
*Ӯ ниҳону ошкоро бахшишаш.*
*Ту чу ҷонӣ, мо мисоли дасту по,*
*Қабзу басти даст аз ҷон шуд раво.*
*Ту чу ақлӣ, мо мисоли ин забон,*
*Ин забон аз ақл дорад ин баён.*
*Ту мисоли шодию мо хандаем,*
*Ки натиҷай шодии фархундаем.*
*Ҷунбиши мо ҳар даме худ "ашҳад" аст,*
*К-ӯ гувоҳи Зулҷалоли сармад аст.*
*Гардиши сангосиё дар изтироб,*

*“Ашҳад” омад бар вуҷуди ҷуйи об.*

*Эй бурун аз ваҳму қолу қили ман,*

*Хок бар фарқи ману тамсили ман!*

*(Мавлоно)*

Ин ҷаҳон ҳастии худро, назми худро, ҳаёту нашоти худро аз ҷаҳони дигар дорад. Ин ҷаҳон ба манзилаи каф аст ва он ҷаҳон дарё.

*Ҷунбиши кафҳо зи дарё рӯзу шаб,*

*Каф ҳамебиниву дарё на, аҷаб!*

*Мо чу киштиҳо ба ҳам бармезанем,*

*Тирачашмему дар оби равшанем.*

*Эй ту дар киштии тан рафта ба хоб!*

*Обро дидӣ, нигар дар оби об.*

*Обро обест, к-ӯ меронадаш,*

*Руҳро руҳест, к-ӯ мехондаш.*

* * *

*Ишқ баҳре, осмон бар вай кафе,*

*Чун Зулайхо дар ҳавои Юсуфе.*

*Даври гардунҳо зи мавҷи ишқ дон,*

*Гар набудӣ ишқ, бифсурдӣ ҷаҳон.*

*Кай ҷамоде маҳв гаштӣ дар набот?*

*Кай фидои руҳ гаштӣ номтёт?*

*Руҳ кай гаштӣ фидои он даме?*

*К-аз насимаш ҳомила шуд Маряме?*

*Ҳар яке барҷо турунҷидӣ чу ях,*

*Кай будӣ паррону ҷӯён чун малах?*

*Зарра-зарра ошиқони он камол,*

*Мешитобад дар улу ҳамчун ниҳол.*

*“Саббаҳа лиллоҳ” ҳаст иштобашон,*

*Танқияй тан мекунаед аз баҳр ҷон.*

*(Мавлоно)*

## Мададҳои ғайбӣ

Гузашта аз ин ки ашё дар асли ҳастии худ аз ғайб мадад мегиранд, ба иборати дигар, саросари табиат мадади ғайбӣ аст, дар зиндагии башар як силсила мададҳои ғайбии хоссе ҳам вуҷуд дорад. Яъне чӣ? Магар мададҳои умумӣ ва хусусӣ дар кор аст? Бале, лозим аст қаблан истилоҳе аз Қуръон зикр кунам ва сипас ба тавзеҳи матлаб бипардозам. Қуръон Худовандро ҳам бо сифати раҳмон ва ҳам бо сифати раҳим ёд мекунад. “Бисмиллоҳ”, ки худ ояте аз Қуръон аст, ҳам муштамил бар раҳмон аст, ҳам муштамил бар раҳим. Раҳмон ва раҳим ҳар ду муштаққ аз раҳмат мебошанд, бо ин тафовут, ки раҳмати раҳмонӣ иборат аст аз раҳмати умумӣ, ки шомили ҳамаи мавҷудот аст. Вуҷуди ҳар мавҷуде барои он мавҷуд раҳмат аст, васоиле, ки барои ибқо ва идомаи вуҷуди ӯ офарида шудааст, раҳмат аст. Аммо раҳмати раҳимия иборат аст аз алтоф ва дастгириҳои хоссе, ки як мавҷуди мукаллаф дар асари ҳусни анҷоми вазифа мустаҳиққи он мегардад; лутфи хоссе аст, ки тибқи қонуни хосс, на қонуни омми табиат, шомили ҳол мегардад.

Паёмбарон омадаанд, ки моро ба ин гуна мададҳои ғайбӣ мӯъмин намоянд, агар чунин имоне дар мо пайдо шавад, мо амалан бо Худованд вориди муомила ва бидеҳу бистон мешавем, эҳсос мекунем, ки некӣ кардем ва Худованд ба мо подоши нек дод, моро ҳифз ва нигаҳдорӣ кард. Баръакс, бадӣ кардем ва кайфар дидем. Ба ҳар ҳол, башар дар зиндагии хосси худ, аъамм аз зиндагии фардӣ ё иҷтимоӣ аҳёнан машмули лутфҳо ва раҳматҳои хоссе мешавад, ки ӯро дастгирӣ мекунад ва аз суқут наҷот медиҳад. Худованд дар бораи Расули Акрам мефармояд:

أَلَمْ يَجِدْكَ يَتِيمًا فَآوَىٰ. وَوَجَدَكَ ضَالًّا فَهَدَىٰ. وَوَجَدَكَ عَائِلًا فَأَغْنَىٰ

(*Зуҳо/6-8*) Аммо дар намозҳои панҷгона мегӯем:

إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ

(*Фотеҳа/5*) Худоё! Танҳо туро мепарастам ва танҳо аз ту кӯмак мехоҳем. Ин худ навъе истимдод аз ғайб аст.

## Анвои имдодҳо

Кӯмакҳои ғайбӣ гоҳе ба сурати фароҳам шудани шароити муваффақият аст ва гоҳе ба сурати илҳомот ва ҳидоятҳо ва равшаниҳо ва равшанбиниҳо. Вале бояд донист, ки ин гуна алтофи ғайбӣ газоф ва ройгон нест; чунин нест, ки инсон дар хонааш биншинад,

даст рӯйи даст бигузорад ва мунтазир бошад “дасте аз ғайб бурун ояд ва коре бикунад“. Хайр, чунин интизороте бар хилофи номус ва офариниш аст.

Ду оят аз Қуръон зикр мекунем, яке дар мавриди мададҳое, ки ба сурати фароҳам шудани шароити муваффақият аст ва дигар дар мавриди мададҳое, ки ба сурати илҳомот ва ҳидоятҳои маънавӣ аст, бибинед Қуръон чӣ шароите зикр мекунад ва чӣ гуна аст, ки ба сурати газоф ва ройгон рух наменамояд.

Дар мавриди аввал мегӯяд:

إِنْ تَنْصُرُوا اللَّهَ يَنْصُرْكُمْ وَيُثَبِّتْ أَقْدَامَكُمْ

(*Муҳаммад/7*) “*Агар Худоро ёрӣ кунед, Худованд шуморо ёрӣ мекунад ва собитқадаматон медорад*.”

Бибинед ёрии илоҳиро, ки мадади ғайбӣ аст, машрут мекунад ба ёрии қаблии Худо яъне ба ин ки хидмат ва амал ва муҷоҳидате дар роҳи хайри умум сурат бигирад ва махсусан дар роҳи Худо бошад, яъне лиллоҳ ва филлоҳ бошад. Яъне ҳам амал ва муҷоҳидат ва кӯшиш шарт аст ва ҳам ихлос ва ҳусни ният.

Дар мавриди дуввум мегӯяд:

وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا ۚ وَإِنَّ اللَّهَ لَمَعَ الْمُحْسِنِينَ

(*Анкабут/69*) Яъне онон, ки дар роҳи мо кӯшиш ва ҷиддият ба харҷ медиҳанд, мо роҳҳои худро ба онҳо ироа медиҳем, Худованд бо некӯкорон аст.

Дар ин оят низ ҳам кӯшишро ва ҳам ин ки “дар роҳи мо“ бошад зикр мекунад, ҳам сарфи нерӯи баданӣ ва ҳам сарфи нерӯи руҳиро шарт қарор медиҳад ва дар ин сурат аст, ки ҳидоят ва равшании ботинӣ ба инсон дода мешавад. Мебинед, ки сухан аз мададҳои газоф ва ройгон нест.

Алӣ (а) ҷумлаи бисёр ҷолибе дорад дар заминаи нусратҳои илоҳӣ ва ин ки дар чӣ шароите мададҳо ва таъйидоти ғайбӣ мерасад. Ин ҷумла дар “Наҳҷул-балоға” аст, мефармояд:

وَلَقَدْ كُنَّا مَعَ رَسُولِ اللَّهِ نَقْتُلُ آبَاءَنَا وَأَبْنَاءَنَا وَإِخْوَانَنَا وَأَعْمَامَنَا، مَا يَزِيدُنَا ذَلِكَ إِلَّا إِيمَاناً وَتَسْلِيماً وَمُضِيّاً عَلَى اللَّقَمِ وَ صَبْراً عَلَى مَضَضِ الْأَلَمِ وَجِدّاً فِي جِهَادِ الْعَدُوِّ، وَلَقَدْ كَانَ الرَّجُلُ مِنَّا وَالْآخَرُ مِنْ عَدُوِّنَا يَتَصَاوَلَانِ تَصَاوُلَ الْفَحْلَيْنِ يَتَخَالَسَانِ أَنْفُسَهُمَا أَيُّهُمَا يَسْقِي صَاحِبَهُ كَأْسَ الْمَنُونِ فَمَرَّةً لَنَا مِنْ عَدُوِّنَا وَمَرَّةً لِعَدُوِّنَا مِنَّا، فَلَمَّا رَأَى اللَّهُ صِدْقَنَا أَنْزَلَ بِعَدُوِّنَا الْكَبْتَ وَأَنْزَلَ عَلَيْنَا النَّصْرَ حَتَّى اسْتَقَرَّ الْإِسْلَامُ مُلْقِياً جِرَانَهُ وَمُتَبَوِّئاً أَوْطَانَهُ؛ وَلَعَمْرِي لَوْ كُنَّا نَأْتِي مَا أَتَيْتُمْ مَا قَامَ لِلدِّينِ عَمُودٌ وَلَا اخْضَرَّ لِلْإِيمَانِ عُودٌ

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 56*) Алӣ (а) дар ин ҷумлаҳо ҷиддият ва ихлоси мусалмонони садри аввалро, ки мунтаҳӣ шуд ба нусратҳои азими илоҳӣ ва ин ки агар он ҳама муҷоҳидатҳо ва ихлосҳо намебуд, пирӯзӣ ҳам набуд, тавсиф мекунад, мефармояд:

“*Он гоҳ, ки дар хидмати Расули Акрам будем, дар роҳи имон ва ақида, бо падарон ва писарони худ меҷангидем ва аз ин ки шамшер бар рӯйи онҳо ва бародарон ва амуҳои худ бикашем ва онҳоро бикушем, парво надоштем. Ин чунин пешомадҳои сахт моро суст намекард ва бар истиқомат ва саботи қадам ва сабр ва пешравии мо меафзуд; чунон буд, ки гоҳе дар майдони ҷанг яке аз мо ва яке аз душманони мо дар ҷанги тан ба тан монанди ду шутури нари хашмнок баҳам мепечиданд, ҳар як мехост ҷони дигареро бирубояд, гоҳ мо бар душман ва гоҳ душман бар мо пирӯз мешуд. Чун сидқи нияти мо машҳуди зоти Ҳақ гашт (яъне чун сидқи нияти мо ба ҳақиқат пайваст, зеро таҳаққуқи ҳар чизе мусовӣ аст бо машҳуд будани он барои зоти Ҳақ), Худованд хизлонро бар душмани мо ва нусратро бар мо нозил фармуд, яъне чун мо ҳам мекӯшидем ва ҳам кӯшиши мо дар роҳи ҳақиқат буд ва душмани мо мекӯшид, аммо на дар роҳи ҳақиқат, балки дар роҳи дифоъ аз ботил ва аз ҳавои нафс, Худованд моро мадад фармуд… Ба Худо қасам, агар мо монанди имрӯзи шумо будем, на устувонае аз дин барпо мешуд ва на дарахте барои исломи имон сабз мегашт…*”

Қуръони Карим дар достони Асҳоби Каҳф чунин мефармояд:

إِنَّهُمْ فِتْيَةٌ آمَنُوا بِرَبِّهِمْ وَزِدْنَاهُمْ هُدًى. وَرَبَطْنَا عَلَى قُلُوبِهِمْ إِذْ قَامُوا

(*Каҳф/13 ва 14*) Яъне онҳо гурӯҳе ҷавонмард буданд, ки парвардигори хешро шинохтанд ва бад-ӯ имон оварданд ва мо бар ҳидоят ва рӯшноии онҳо афзудем ва ба қалби онҳо қувват бахшидем, зеро онҳо бапохоста буданд ва ақоиди сахифи қавми худро мавриди ҳамла қарор дода буданд.

Дар ин ҷо низ ҳам сухан аз мадади ғайбӣ ба сурати ҳидоят ва равшанбинӣ аст ва ҳам сухан аз тақвияти нерӯи ирода аст ва ҳар дуро машрут кардааст ба ду чиз: яке, қиём ва бапо хостан ва дигар лиллоҳ ва филлоҳ будани қиём.

Ин ки зиндагии инсон агар макрун ба ҳақҷӯӣ ва ҳақиқатхоҳӣ ва ихлос ва амал ва кӯшиш бошад мавриди ҳимояти ҳақиқат қарор мегирад ва аз роҳҳое, ки бар мо маҷҳул аст, дасти ғайбӣ моро таҳти инояти худ қарор медиҳад, илова бар ин ки як амри имонӣ аст ва аз лавозими имон ба таълимоти анбиёст, як ҳақиқати таҷрибӣ ва озмоишӣ аст, албатта таҷриба ва озмоиши шахсӣ ва фардӣ. Яъне ҳар касе лозим аст дар умри хеш чунин кунад, то асари лутф ва инояти парвардигорро дар зиндагии худ бибинад ва чӣ қадр лаззатбахш аст муомила бо Худо ва мушоҳидаи осори лутфи Худо!

Кори хеле сахте нест, мароҳили аввалияаш осон аст, инсон метавонад бо паймудани роҳи хидмат ба халқ, кӯмак ба заъифон, махсусан эҳсон ба волидайн, ба шарти ихлос ва ҳусни ният, каму беш осори лутфи Худоро ҳамроҳи худ бибинад. Ман худам метавонам иддаъо кунам, ки барои худам ин масоил ҷанбаи озмоишӣ дорад, амало лутфи парвардигорро дар ин шароит виҷдон кардаам.

Достоне аз марҳум Оятуллоҳ Буруҷердӣ (Аълаллоҳу мақомаҳ!) ба ёд дорам: дар солҳои аввале, ки эшон аз Буруҷерд ба Теҳрон ва аз Теҳрон ба Қум омаданд ва дар асари дархости ҳавзаи илмия дар Қум иқомат фармуданд ва албатта омаданашон ба Теҳрон дунболи як касолати шадид буд, ки эҳтиёҷ ба ҷарроҳӣ пайдо кард ва эшон таҳти амал қарор гирифтанд, пас аз чанд моҳи иқомат дар Қум, тобистон расид ва ҳавза таътил шуд, эшон тасмим гирифтанд, ба зиёрати Машҳад бираванд, зеро дар ҳоли шиддати беморӣ назр карда буданд, ки агар Худованд эшонро шифо дод, ба зиёрати ҳазрати Ризо (а) ташарруф ҳосил кунанд.

Яке аз мароҷеъи тақлиди ҳозир барои банда нақл карданд, ки эшон дар як ҷаласаи хусусӣ ин тасмимро иброз фармуданд ва зимнан ба асҳоби худашон, ки дар он ҷаласа ширкат доштанд, фармуданд, кадом як аз шумо бо ман хоҳед омад. Мо гуфтем, таъаммуле мекунем ва баъд ҷавоб медиҳем. Вале мо дар ғиёби эшон машварат кардем ва асосан салоҳ надидем эшон феълан аз Қум ба Машҳад бираванд, бештар рӯйи ин ҷиҳат фикр мекардем, ки эшон тоза ба маркази Қум омадаанд ва ҳанӯз мардуми Эрон, махсусан мардуми Теҳрон ва Машҳад, ки дар масир ва мақсади мусофирати эшон ҳастанд эшонро дуруст намешиносад ва бинобар ин таҷлиле, ки шоистаи мақоми эшон ҳаст, аз эшон ба амал нахоҳад омад. Бинобар ин тасмим гирифтем эшонро аз ин сафар мунсариф кунем, вале медонистем, ки ин ҷиҳатро намешавад бо эшон дар миён гузошт. Бино шуд узрҳои дигаре зикр кунем аз қабили ин ки чун тоза амали ҷарроҳӣ сурат гирифтааст, мумкин аст ин мусофирати тӯлонӣ бо автомобил (он вақт ҳавопаймо ва қатор дар роҳи Машҳад ва Теҳрон набуд) садама дошта бошад.

Дар ҷаласаи баъд, ки эшон муҷаддадан матлабро унвон карданд, мо кӯшидем, ҳар тавр шуда, эшонро мунсариф кунем, вале яке аз ҳуззори маҷлис он чи мо дар дил доштем изҳор дошт ва эшон фаҳмиданд, ки манзури аслии мо аз мухолифат бо ин мусофират чист? Ногаҳон тағйири қиёфа доданд ва бо лаҳне ҷиддӣ ва руҳонӣ фармуданд: ман ҳафтод сол аз Худованд умр гирифтаам ва Худованд дар ин муддат тафаззулоте ба ман фармудааст, ки ҳеч кадом аз онҳо тадбири худи ман набудааст, ман дар ҳамаи ин муддат кӯшиш доштаам бибинам чӣ вазифае дорам, ки ба он амал кунам, ҳоло пас аз ҳафтод сол шоиста нест худам ба фикри худам бошам ва барои шуъуноти шахсии худам биандешам, хайр, меравам.ъ

Оре, як фард дар зиндагии амалии худ агар кӯшиш ва ихлосро тавъаман дошта бошад, Худованд ӯро аз роҳҳое, ки худи он фард намедонад таъйид мефармояд:

إِنْ تَنْصُرُوا اللَّهَ يَنْصُرْكُمْ وَيُثَبِّتْ أَقْدَامَكُمْ

Шумо агар ҳақиқатро ёре кунед, ҳақиқат ба ёрии шумо меояд.

## Тафовути тафаккури илоҳӣ ва тафаккури моддӣ

Тафовути тафаккури моддӣ ва тафаккури илоҳӣ дар ҳамин ҷост. Аз назари як нафар моддӣ, дар ҳисоби олам ҳеч гуна тафовуте миёни роҳи ҳақ ва роҳи ноҳақ нест. Адлу зулм, ҳаққу ноҳақ, хубиву бадӣ аз назари низоми куллии олам, ҳисоби хоссе надорад. Гӯши ҷаҳон ба ин маъонӣ ва мафоҳим бадеҳкор нест. Асосан ҷаҳон чашму гӯш ва ақлу ҳуше надорад, ки ба ин чизҳо бирасад ва онро, ки дар роҳи ҳақ ва адолат ва ахлоқ ва инсоният ва некӯкорӣ ва ихлос гом бармедорад таъйид кунад ва онро, ки дар ин роҳ гом барнамедорад таъйид накунад.

Вале аз назари инсони илоҳӣ, дар ҳисоби куллии ҷаҳон, миёни ин ду тафовут аст. Ҳақиқате дар кор аст ва ба ҳимояти мардони роҳи ҳақ бармехезад. Мо дар китоби “Инсон ва сарнавишт” таҳти унвони “Таъсири омилҳои маънавӣ дар сарнавишт” гуфтаем, ки:

“*Аз назари ҷаҳонбинии моддӣ, омилҳои муассир дар аҷал, рӯзӣ, саломат, саодат ва хушбахтӣ мунҳасиран моддӣ аст. Танҳо омилҳои моддӣ аст, ки аҷалро дур ё наздик мекунад, рӯзиро тавсиъа медиҳад ё танг мекунад, ба тан саломат медиҳад ё мигирад, хушбахтӣ ва саодатро таъмин ё нобуд мекунад. Аммо аз назари ҷаҳонбинии илоҳӣ, иллатҳо ва омилҳои дигаре, ки омилҳои руҳӣ ва маънавӣ номида мешаванд низ ҳамдӯши омилҳои моддӣ дар кори аҷал ва рӯзӣ ва саломат ва саодат ва амсоли инҳо муассиранд. Аз назари ҷаҳонбинии илоҳӣ, ҷаҳон як воҳиди зинда ва бошуъур аст, аъмол ва афъоли башар ҳисоб ва аксуламал дорад, хубу бад дар миқёси ҷаҳон бетафовут нест, аъмоли*

*хуб ё бади инсон мувоҷеҳ мешавад бо аксуламалҳое аз ҷаҳон, ки аҳёнан дар давраи ҳаёт ва зиндагии худи фард ба ӯ мерасад…*“

Ҳам дар он китоб гуфтем:

“*Аз назари моддӣ, сунани ташреъӣ — яъне муқаррароте, ки бояд башар ба онҳо амал кунад — ҳисоби махсусе дар миёни сунани таквинӣ надорад. Ҳаққу ботил, дурусту нодуруст, адолату ситам як ҷур ҳисоб дорад. Ҷаҳон нисбат ба тарафдорони ҳар аз инҳо бетараф аст. Аммо аз назари мактаби илоҳӣ, ҷаҳон нисбат ба ин умур ва тарафдорони онҳо бетараф нест; тарафдори аҳли ҳақ ва адолат ва дурустӣ ва соҳибони ормонҳои муқаддас аст… Як нафар моддӣ ҳар андоза ба маслак ва равиш ва ойини худ мӯъмин ва мӯътақид бошад ва ҳар андоза ормонаш муқаддас ва умумӣ ва дур аз худхоҳӣ ва нафъпарастӣ бошад, беш аз ин ақида надорад, ки ба ҳар андоза саъю кӯшишу муҷоҳидат дар роҳи таҳаққуқ бахшидан ба ормони худ ба харҷ диҳад, натиҷа мегирад. Аммо як нафар мусалмони мӯъмин ва мӯътақид ақида дорад, ки ҷаҳон тавре сохта шуда, ки агар ӯ дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат фидокорӣ кунад, дастгоҳи ҷаҳон ба ҳимояти ӯ бармехезад ва ӯро аз пуштибонии худ баҳраманд мекунад. Садҳо ҳазор баробар нерӯе, ки ӯ дар роҳи ҳадафи муқаддаси худ масраф мекунад, нерӯи захира дар ҷаҳон ҳаст, ки дар чунин шароите ба ёрии ӯ ба кор меафтад. Аз назари мактаби моддӣ, як нафар тарафдори ҳақиқат ва адолат ҳамон қадр бояд ба асари фаъолияти худ мутмаин ва умедвор бошад, ки як нафар тарафдори зулм ва ботил ба фаъолиятҳои худ ва асари онҳо мутмаин аст. Зеро ба ақидаи ӯ, аз назари ҷаҳон ва ҷараёни куллии олам, фарқе миёни ин ду нафар нест. Вале аз назари мактаби илоҳӣ, байн ин ду тафовути бисёр аст…*“

## Илҳом ва ишроқ

Яке аз анвоъи мададҳои ғайбӣ, илҳомот ва ишроқоте аст, ки аҳёнан ба донишмандон мешавад ва ногаҳон даре аз илм ба рӯйӣ онҳо гушуда мешавад ва иктишофе азим рух медиҳад.

Он чи маъмулан мо аз роҳҳои ҳусули илм мешиносем, ду тост: яке таҷриба ва мушоҳидаи айнӣ, дигар қиёс ва истидлол. Башар аз роҳи мутолеа ва мушоҳидаи айнии табиат, бо румузу асрори табиат ошно мешавад, ё дар асари кувваи истидлол ва қиёс, натиҷаеро пешбинӣ ва истинтоҷ мекунад. Ин гуна муваффақиятҳо оддӣ аст, лозимаи қатъӣ ва ҷабрии муқаддамоте аст, ки башар амалан ба кор бурдааст.

Гӯ ин ки аз як назари дақиқи фалсафӣ, дар ҳамин маворид низ як маншаъи илҳомӣ вуҷуд дорад. Вале ин назар аз уфуқи ин баҳси мо хориҷ аст. Ҳоҷӣ Сабзаворӣ мегӯяд:

والملهم المبتع العليم

حي قديم منه عظيم

(*Манзума, муқаддимаи мантиқ*) Вале оё ҳамаи маълумоте, ки дар тӯли таърихи умри башар барои башар ҳосил шудааст, аз яке аз ин ду роҳ будааст ва лоғайр? Ё роҳи саввуме ҳам вуҷуд дорад?

Ба ақидаи бисёре аз донишмандон, роҳи саввуме ҳам ҳаст. Шояд ағлаби иктишофоти бузург, аз навъи барқе буда, ки ногаҳон дар рух ва мағзи донишманд ҷаҳида ва равшан карда ва сипас хомӯш шудааст.

Ибни Сино мӯътақид аст, ки чунин қуввае дар бисёре аз афрод бо ихтилоф ва тафовутҳое вуҷуд дорад. Ҷумлаи ояти шарифаи:

يَكَادُ زَيْتُهَا يُضِيءُ وَلَوْ لَمْ تَمْسَسْهُ نَارٌ

(*Нур/35*)-ро бар ҳамин қувва, ки дар баъзе афрод аҳёнан ба сурати шадиде вуҷуд дорад, ҳамл мекунад. Ғаззолӣ дар китоби “Ал-мунқизу миназ-залол“ муддаъӣ мешавад, ки бисёре аз маълумоти башар, ки марбут ба эҳтиёҷоти зиндагӣ аст, ибтидо ба сурати илҳом сурат гирифтааст. Ғаззолӣ дар бораи ваҳй ва нубувват, ки баҳс мекунад, мегӯяд, касе, ки дар ваҳй ва нубувват шак мекунад, ё дар имконаш шак мекунад ё дар вуқӯъаш ва ё дар бораи шахси муайян шак мекунад, ки оё ваҳй ба ӯ расида ё хайр. Баъд мегӯяд, беҳтарин далели имкони он, вуқӯъи он аст. Зеро башар як силсила иттилоот дар бораи давоҳо ва илоҷҳо ва дар бораи нуҷум дорад, ки тасаввур намеравад аз тариқи таҷриба тавониста бошад онҳоро ба даст оварад, фақат бояд гуфт, лутфи илоҳӣ аз тариқи илҳом башарро ҳидоят кардааст.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ низ дар бораи эҳтиёҷ ба ваҳй ва нубувват, ки баҳс мекунад, муддаъӣ мешавад, бархе санойеъро башар аз тариқи илҳом омӯхтааст. Мавлавӣ ҳамин маънӣ ва мазмунро ба назм овардааст, он ҷо, ки мегӯяд:

*Ин нуҷуму тиб ваҳйи анбиёст,*
*Ақлу ҳисро сӯйи бесӯ раҳ куҷост?*
*Ақл ҷузвӣ ақли истихроҷ нест,*
*Ҷуз пазирои фану мӯҳтоҷ нест…*
*Ҷумла ҳирфатҳо яқин аз ваҳй буд,*
*Аввали ӯ, лек ақл онро фузуд.*

Мумкин аст, бисёре аз афрод гумон кунанд, ки ин сухан, ки бархе аз донишҳо аз тариқи илҳом ба башар илқо мешавад, имрӯз кӯҳна шудааст ва тарафдороне надорад; дар ҷаҳони имрӯз мабдаъ ва маншаъи донишро сирфан ҳавосси зоҳира ба василаи мушоҳидаи айнӣ ва такрори мушоҳида ва таҷриба медонанд ва ба ҷуз он, ба чизе мӯътақид нестанд.

Вале ин тавр нест. Имрӯз ҷамъи бисёре аз донишмандон бисёре аз фарзияҳоро навъе илҳом ба донишмандон талаққӣ мекунанд. Алексис Каррел дар китоби "Инсон мавҷуди ношинохта" яке аз тарафдорони назарияи ишроқ ва илҳом аст. Ӯ мегӯяд:

"*Ба яқин, иктишофоти илмӣ танҳо маҳсул ва асари фикри одамӣ нест. Нобиғаҳо, илова бар нерӯи мутолеа ва дарки қазоё, аз хасоиси дигаре чун ишроқ ва тасаввури халлоқа бархӯрдоранд. Ба василаи ишроқ, чизҳоеро, ки бар дигарон пӯшида шудааст меёбанд ва равобит байни қазоёе, ки зоҳиран бо ҳам иртибот надоранд мебинанд ва вуҷуди ганҷинаҳои маҷҳулро ба фиросат дармеёбанд ва бидуни далелу таҳлил он чиро донистанаш аҳаммият дорад медонанд." (Инсон мавҷуди ношинохта, с.134*)

Ва ҳам ӯ мегӯяд:

"*Донишмандонро ба ду даста метавон тақсим кард: яке мантиқӣ ва дигаре ишроқӣ. Улум, тараққии худро марҳуни ин ду даста мутафаккир аст. Дар улуми риёзӣ низ, ки асос ва пояи комилан мантиқӣ дорад, бо вуҷуди ин, ишроқ саҳм гирифтааст… Дар зиндагии оддӣ низ монанди қазоёи илмӣ, ишроқ як омили шиносоии қавӣ ва дар айни ҳол хатарноке аст ва тамйизи он аз таваҳҳум гоҳе душвор аст… Фақат мардони бузург ва покони соддадил метавонанд бо он ба камоли авҷи зиндагии маънавӣ бирасанд. Ин мавҳибат ҳаққан шигифтангез аст ва дарки воқеият бидуни далел ва таъаққулро ғайриқобил тафсир менамояд." (Ҳамон манбаъ, с.135*)

Алексис Каррел иддае аз донишмандони риёзиро ном мебарад ва муддаъӣ мешавад, ки инҳо мантиқӣ ҳастанд, яъне маълумоти хешро мунҳасиран аз тариқи касб ва истинтоҷи мантиқӣ ба даст овардаанд ва иддае аз риёзидононро ном мебарад ва муддаъӣ мешавад, ки инҳо ишроқӣ ва илҳомӣ ҳастанд.

Донишмандони дигар низ ин назарро таъйид кардаанд. Ахиран яке аз дӯстони фозил мақолае таҳти унвони: "Нақши шуъури ботин дар таҷассусоти илмӣ"-и яке аз донишмандони риёзидони фаронсавӣ ба номи Хак Адамрро тарҷума карда ва ба ман ироа дод, дар он ҷо чунин навишта буд:

"*Вақте мо ба шароити иктишофот ва ихтироъот меандешем, маҳол аст битавонем асари идрокоти ногаҳонии дарунӣро нодида бигирем. Ҳар донишманди муҳаққиқе каму беш ин эҳсосро кардааст, ки зиндагӣ ва матолиби илмии ӯ аз як ришта фаъолиятҳои*

*мутановиб, ки дар иддае аз онҳо ирода ва шуъури вай муассир буда ва бақия ҳосили як силсила илҳомоти дарунӣ мебошад ташкил шудааст.*“

Алъон ёдам нест, ки дар чӣ китобе хондам, ки Эйнштейн, донишманди бузурги асри мо низ чунин ақидае дар бораи фарзияҳои бузург дошта ва муддаъӣ будааст, ки мабдаъи пайдоиши фарзияҳои бузург, навъе илҳом ва ишроқ аст.

## Хулоса

Пас маҷмӯъан маълум шуд, ки дар зиндагии афроди башар анвоъе аз мададҳои ғайбӣ вуҷуд дорад: ба сурати тақвияти дил ва ирода, ба сурати фароҳам шудани асбоб ва васоили моддии кор, ба сурати ҳидоят ва равшанбинӣ, ба сурати илҳоми афкори баланди илмӣ.

Пас маълум мешавад, башар ба худ вогузошта нест даст ва инояти парвардигор дар шароити хоссе ӯро дастгирӣ мекунад, аз залолат ва гумроҳӣ ва саргардонӣ ва аз аҷз ва заъф ва нотавонӣ наҷот медиҳад.

## Мададҳои ғайби иҷтимоӣ

Ҳоло ки дар бораи як фард чунин аст, дар бораи ҷомеаи башарият чӣ тавр? Оё мумкин аст, ки гоҳе инояти ғайбӣ ба кӯмаки ҷомеаи башарият бархезад ва онро наҷот диҳад?

Иттифоқан ҳамеша ё ғолибан навобиғе, ки пайдо шудаанд, паёмбарони азимушшаъне монанди Иброҳим ва Мӯсо ва Исо ва Муҳаммад алайҳимус салом, ки зуҳур кардаанд, дар шароите буда, ки ҷомеаи башарият сахт ниёзманд ба вуҷуди онҳо будааст. Онҳо монанди як дасти ғайбӣ аз остин берун омадаанд ва башариятро наҷот додаанд. Монанди бороне будаанд, ки дар биёбоне бар ташнае биборад, мисдоқи қавли Худо будаанд:

وَنُرِيدُ أَنْ نَمُنَّ عَلَى الَّذِينَ اسْتُضْعِفُوا فِي الْأَرْضِ وَنَجْعَلَهُمْ أَئِمَّةً وَنَجْعَلَهُمُ الْوَارِثِينَ

(*Қасас/5*)

Худованд ба воситаи вуҷуди онҳо бар бечорагон ва мазлумон миннат ниҳод ва онҳоро барои наҷот ин хоршумурдашудагон мабъус фармуд.

Алӣ (а) аср ва заминаи беъсати Расули Акрамро ин тавр тавсиф мефармояд:

أَرْسَلَهُ عَلَى حِينِ فَتْرَةٍ مِنَ الرُّسُلِ وَطُولِ هَجْعَةٍ مِنَ الْأُمَمِ وَاعْتِزَامٍ مِنَ الْفِتَنِ وَانْتِشَارٍ مِنَ الْأُمُورِ وَتَلَظٍّ مِنَ الْحُرُوبِ، وَالدُّنْيَا كَاسِفَةُ النُّورِ ظَاهِرَةُ الْغُرُورِ عَلَى حِينِ اصْفِرَارٍ مِنْ وَرَقِهَا وَإِيَاسٍ مِنْ ثَمَرِهَا

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 87*)

Яъне Худованд ӯро дар даврае мабъус фармуд, ки фатрат ва фосилае дар омадани паёмбарон рух дода буд, миллатҳо дар хоби гарон ва тӯлонӣ фурӯ рафта буданд, корҳо пароканда, танӯри ҷангҳо доғ буд. Ҷаҳонро торикӣ фаро гирифта ва ғурур ва фиреб дар он намоён буд. Барги дарахти башарият ба сӯйи зардӣ гаройида, умеде ба меваи ин дарахт намерафт.

Паёмбарон маъмулан дар мавоқеъе зуҳур кардаанд, ки башарият ва лоақал муҳити иҷтимоъии зуҳури онҳо дар як партгоҳи хатарноке қарор дошта ва онҳо сабаби наҷот ва ислоҳи иҷтимоъии худ шудаанд. Қуръони Карим хитоб ба мардуми асри Расули Акрам чунин мефармояд:

وَكُنْتُمْ عَلَىٰ شَفَا حُفْرَةٍ مِنَ النَّارِ فَأَنْقَذَكُمْ مِنْهَا

(*Оли Имрон/103*) Шумо дар партгоҳи суқут дар оташ будед, ки Худованд (ба василаи Расули Мукаррам) шуморо аз он наҷот дод.

Мегӯянд:

عندَ تَناهِي الشِّدّةِ تكونُ الفُرجَةُ

Шиддат, ки ба ниҳоят расад, фараҷ тулӯъ мекунад. Агар гуфтаанд: “Поёни шаби сияҳ сафедӣ аст“ ва амсоли инҳо, ҳама ҳикоят мекунад аз навъе таҷориб, ки башар дар гардиши олам доштааст ва ҳама ҳикоят мекунад аз ин ки гардиши олам бар хилофи назари моддимазҳабон газоф ва беҳуда нест.

## Маҳдавият дар ислом

Масъалаи маҳдавият дар ислом ва ба хусус дар ташайюъ, як фалсафаи бузург аст, эътиқод ба зуҳури мунҷӣ аст, на дар шуоъи зиндагии як қавм ва як миллат ва ё як минтақа ва ё як нажод, балки дар шуоъи зиндагии башарият. Марбут ба ин нест, ки як мунҷӣ биёяд ва масалан шиъаро ё Эронро ё Осиёро ё мусалмонони ҷаҳонро наҷот диҳад; марбут ба ин аст, ки як мунҷӣ ва муслеҳ зуҳур кунад ва тамоми авзоъи зиндагии башарро дар олам дигаргун кунад ва дар ҷиҳати салоҳ ва саодати башар тағйир бидиҳад.

Мумкин аст афроде хаёл кунанд, ки далеле надорад дар асри илму дониш; дар асре, ки башар заминро дар зери пойи худ кучак мебинад ва оҳанги тасхири осмонҳоро дорад, тасаввур кунем, ки хатаре башариятро таҳдид мекунад ва башарият ниёзе ба чунин мадади ғайбӣ дорад. Башарият рӯз ба рӯз мустақилтар ва болиғтар ва комилтар мешавад ва табъан ниёзмандияш ба кӯмакҳо ва мададҳои ғайбӣ (ба фарзи қабули онҳо) камтар мегардад. Ақл ва илм тадриҷан ин халаъҳо ва ниёзҳоро пур мекунад ва аз миён мебарад. Хатар он замон башариятро таҳдид мекард, ки ҷаҳолат ва нодонӣ ҳукмфармо буд. Ва

афроди башар ба мӯҷиби ҷаҳолат ва нодонӣ мӯҷиботи нестии худро фароҳам мекарданд, таъодул ва тавозунро дар зиндагӣ баҳам мезаданд. Аммо пас аз равшан шудани фазои ҷаҳон ба нури илму дониш дигар хатаре нест.

Мутаассифона ин хаёл, хаёли ботиле аст. Хатароте, ки ба истилоҳ дар асри илму дониш барои башарият аст, аз хатароти асрҳои пешин камтар нест, бештар аст ва азимтар аст.

Иштибоҳ аст агар хаёл кунем, маншаъи инҳирофоти башар ҳамеша нодонӣ будааст. Уламои ахлоқ ва тарбият ҳамвора ин масъаларо тарҳ карда ва мекунанд, ки оё танҳо маншаъи инҳирофоти башар нодонӣ аст ва бинобар ин "таълим" кофӣ аст барои мубориза бо инҳирофот? Ва ё ин ки нодонӣ яке аз илали инҳирофоти башар аст. Инҳирофоти башар бештар аз ноҳияи ғароиз ва тамоюлот маҳор нашудааст, аз ноҳияи шаҳват ва ғазаб аст: аз ноҳия афзунталабӣ, ҷоҳталабӣ, бартариталабӣ, лаззатталабӣ ва билохира нафспарастӣ ва нафъпарастӣ аст.

Бидуни шак назарияи дуввум саҳеҳ аст. Акнун бибинем, дар асри мо, ки ба истилоҳ асри илму дониш аст, ғароизи башар, шаҳват ва ғазаби башар, ҳисси ҷоҳталабӣ ва бартариталабии башар, ҳисси афзунталабии башар, ҳисси истихдом ва истисмори башар, нафспарастӣ ва нафъпарастии башар ва билохира ситамгарии башар дар чӣ ҳоле аст? Оё дар партави илм ҳамаи инҳо сокин ва ором шуда ва руҳи адолат ва тақво ва ризо ба ҳаққи худ ва ҳадди худ ва ифоф ва ростӣ ва дурустӣ ҷойгузини он шудааст ё кор комилан баръакс аст?

Ғароизи башар басе девонатар аз собиқ гаштааст ва илму фанн абзор ва олати корие шуда дар дасти ин ғароиз; фариштаи илм дар хидмати деви шаҳват қарор гирифта, донишмандон ва асокири илм ходимони сиёсатмадорон ва асокири ҷоҳталабӣ ва муддаъиёни

أَنَا رَبُّكُمُ الْأَعْلَىٰ

(*Нозиъот/24*) ("*Фиръавн гуфт: ман парвардигори бузургтари шумо ҳастам!*") гаштаанд!?

Гумон намекунам, битавон кучактарин тардиде дар ин матлаб раво дошт, ки пешрафтҳои илмӣ кучактарин таъсире рӯйи ғароизи башар накардааст, баръакс башарро мағруртар ва ғароизи ҳайвонии ӯро афрӯхтатар кардааст. Ва ба ҳамин ҷиҳат худи илму фанн имрӯз ба сурати бузургтарин душмани башар даромадааст, яъне ҳамин чизе, ки бузургтарин дӯсти башар аст, бузургтарин душмани башар шудааст. Чаро?

Илм чароғ аст, рӯшноӣ аст. Истифода аз он бастагӣ дорад, ки башар ин чароғро дар чӣ мавориде ва барои чӣ ҳадафе ба кор бибарад. Ба қавли Саноӣ, барои мутолеаи як китоб

аз он истифода кунад ва ё барои дуздидани як коло дар шаби торик ва “чу дузде бо чароғ ояд, гузидатар барад коло“.

Башар илмро ҳамчун абзоре барои ҳадафҳои хеш истифода мекунад. Аммо ҳадафи башар чист ва чӣ бояд бошад? Илм дигар қодир нест ҳадафҳои башарро иваз кунад, арзишҳоро дар назараш тағйир диҳад, миқёсҳои ӯро инсонӣ ва умумӣ бикунад. Он дигар кори дин аст; кори қуввае аст, ки кораш тасаллут бар ғароиз ва тамоюлоти ҳайвонӣ ва таҳрики ғароизи олӣ ва инсонии ӯст. Илм ҳама чизро таҳти тасаллути хеш қарор медиҳад, магар инсон ва ғароизи ӯро. Инсон илмро дар ихтиёр мегирад ва дар ҳар ҷиҳат, ки бихоҳад онро ба кор мебарад. Аммо дин инсонро дар ихтиёр мегирад, ҷиҳати инсонро ва мақсади инсонро иваз мекунад.

Уилям Дюрант дар муқаддимаи “Лаззоти фалсафа“ дар бораи инсони асри мошин мегӯяд:

“*Мо аз назари мошин тавонгар шудаем ва аз назари мақосид фақир*.“

Инсони асри илму дониш бо инсони моқабли ин аср дар ин ки асир ва бандаи хашму шаҳвати хеш аст, ҳеч фарқ накардааст. Илм натавонистааст озодӣ аз ҳавои нафсро ба ӯ бидиҳад. Илм натавонистааст моҳиятт Ҳаҷҷоҷҳо, Чингизҳо, Нодирҳо, Абӯмуслимҳо, Сезорҳоро иваз кунад. Онҳо бо ҳамон моҳият ба иловаи миқдори зиёде нифоқ ва дӯрӯӣ ва тазоҳур бар ҷаҳон ҳукумат мекунанд, бо ин тафовут, ки илм дасти онҳоро дарозтар кардааст, теғ як зироъияшон табдил шуда ба мушаки бомбафкани қоррапаймо.

## Ояндаи ҷаҳон

Мо ба далели ин ки мӯъмин ва мусалмонем ва дар умқи замирамон ин асл вуҷуд дорад, ки: “Ҷаҳонро соҳибе бошад Худо ном“, ҳар чи дар дунё пешомадҳое мешавад, ҳаргиз эҳсоси хатари азим; хатаре, ки аҳёнан башариятро несту нобуд кунад ва кураи заминро табдил ба тӯдаи хокистар кунад ва заҳамоти чанд ҳазорсолаи башариятро нобуд намояд намекунем.

Дар таҳи дили худамон бовар дорем, ки солҳои сол, қарнҳо, шояд миллионҳо соли дигар, дар рӯйи ин замин зиндагӣ ва ҳаёт мавҷ хоҳад зад. Фикр мекунем, баъд аз мо он қадр мусалмонҳо биёянд ва зиндагӣ кунанд ва бираванд, ки фақат Худо адади онҳоро медонад.

Оре, мо дар таҳи дили худ ин тавр фикр мекунем ва ҳаргиз ин андешаро ба худ роҳ намедиҳем, ки мумкин аст умри ҷаҳон яъне умри башар ва умри замини мо ба поён расида бошад.

Таълимоти анбиё навъе амният ва итминони хотир ба мо додааст ва дар воқеъ дар таҳи қалби худ ба мададҳои ғайбӣ имон ва иттико дорем. Ба мо агар бигӯянд, як ситораи азим дар фазо дар ҳаракат аст ва то шаш моҳи дигар ба мадори замин мерасад ва бо замини мо бархӯрд мекунад ва дар як лаҳза замини мо ба як тӯдаи хокистар табдил мешавад, боз ҳам бо ҳамаи имону эътиқоде, ки ба пешбиниҳои донишмандон дорем, ба худ тарс роҳ намедиҳем, дар таҳи диламон як навъ имон ва итминоне ҳаст, ки бино нест бӯстони башарият, ки тоза шукуфтааст, дар асари боди ҳаводис вайрон гардад.

Оре, ҳамон тавре, ки бовар намекунем замини мо ба василаи як ситора, як ҳодисаи ҷаввӣ несту нобуд шавад, бовар намекунем, ки башарият ба дасти худи башар ва ба василаи нерӯҳои мухаррибе, ки ба дасти башар сохта шуда мунҳадим гардад. Оре, мо ба ҳукми як илҳоми маънавӣ, ки аз мактаби анбиё гирифтаем, бовар намекунем.

Дигарон чӣ тавр? Оё онҳо ҳам бовар намекунанд? Оё ҳамин итминон ва хушбинӣ нисбат ба ояндаи инсон ва замин ва зиндагӣ ва тамаддун ва хушбахтӣ ва беҳрӯзӣ ва адолат ва озодӣ дар онҳо вуҷуд дорад? Абадан!

Ба онҳо ҳақ бидиҳем, ки бадбин бошанд. Чаро бадбин набошанд? Дар дунёе, ки сарнавишташ бастагӣ пайдо карда ба дугмае, ки инсоне фишор диҳад ва пушти сараш васоили мухарриб, ки қудрати онҳоро Худо медонад, ба кор биафтад, дар дунёе, ки ба ростӣ бар рӯйи анборе аз борут қарор гирифта ва ҷараққае кофӣ аст, ки як ҳариқи ҷаҳонӣт ба вуҷуд биёварад, чӣ ҷойи хушбинӣ ба оянда аст?

Рассел дар китоби “Умедҳои нав” мегӯяд:

“*Замони ҳозир замоне аст, ки дар он ҳисси ҳайрат тавъам бо заъф ва нотавонӣ ҳамаро фаро гирифтааст. Мебинем, ба тарафи ҷанге пеш меравем, ки тақрибан ҳеч кас хоҳони он нест. Ҷанге, ки ҳама медонем, қисмати аъзами навъи башарро ба диёри нестӣ хоҳад фиристод. Ва бо вуҷуди ин, монанди харгӯше, ки дар баробари мор афсун шуда бошад, хира-хира ба хатар нигоҳ мекунем бидуни он ки бидонем барои ҷилавгирӣ аз он чи бояд кард? Дар ҳама ҷо достонҳои махуф аз бомби атомӣ ва гидрогенӣ ва шаҳрҳои бо хок яксон шуда ва хайли қушуни рус*[1] *ва қаҳтӣ ва сабуъият ва дарандахӯйӣ барои якдигар нақл мекунем, вале бо ин ки ақл ҳукм мекунад, ки аз мушоҳидаи чунин дурнамое бар худ биларзем, чун ҷузъе аз вуҷудамон аз он лаззат мебарад ва шикофе амиқ руҳи моро ба ду*

---

[1] *Дар замоне, ки китоби “Умедҳои нав” навишта мушуд, Ғарб аз рус ваҳшат дошт, аммо акнун омили Чин ба миён омада ва ҳар ду аз он метарсанд, масали маъруфе аст дар Хуросон: “Девона бичаҳ, ки маст омад”.*

*қисмати солим ва носолим тақсим мекунад, барои ҷилавгирӣ аз бадбахтӣ тасмими қотеъе намегирем“. (Умедҳои нав, бахши саргардониҳои мо, с.2*)

Чӣ тасмиме? Магар башар қодир аст чунин тасмиме бигирад? Ҳам ӯ мегӯяд:

“*Давраи ба вуҷуд омадани инсон нисбат ба давраи таърихӣ тӯлони, вале нисбат ба давраҳои заминшиносӣ кӯтоҳ аст. Тасаввур мекунанд, инсон як миллион сол аст, ки ба вуҷуд омада, ашхосе ҳастанд ва аз он ҷумла Эйнштейн, ки ба гумони онҳо бисёр мӯҳтамал аст, ки инсон давраи ҳаёти худро тай карда бошад ва дар зарфи синини маъдуде муваффақ шавад бо маҳорати шигарфи илмии худ, хештанро нобуд кунад.“ (Ҳамон манбаъ, бахши тасаллут бар табиат, с.26*)

Инсофан агар бар асоси илали моддӣ ва зоҳирӣ қазоват кунем, ин бадбиниҳо бисёр баҷост. Фақат як имони маънавӣ, имон ба “имдодҳои ғайбӣ“ ва ин ки “ҷаҳонро соҳибе бошад Худо ном” лозим аст, ки ин бадбиниҳоро зоил ва табдил ба хушбинӣ кунад ва бигӯяд, баръакс, саодати башарият, рафоҳ ва камоли башарият, зиндагии инсонӣ ва зиндагии мақрун ба адл ва озодӣ ва амн ва хушии башар, дар оянда аст ва интизори башарро мекашад.

Агар ин бадбиниро бипазирем, воқеан масъала сурати аҷиб ва музҳике ба худ мегирад, масали башар масали тифле мешавад, ки дар аввалин лаҳзае, ки қодир мешавад чоқу ба даст бигирад, онро ба шиками худ мезанад, худкушӣ мекунад ва кучактарин ҳаззе аз вуҷуди худ намебарад.

Мегӯянд, аз умри замин дар ҳудуди чиҳил миллиард сол мегузарад ва аз умри инсон дар ҳудуди як миллион сол. Мегӯянд, агар ҳамаи замин ва ҳайвон ва инсонро, ки бар рӯйи замин ба вуҷуд омада, кучак кунем ва нисбат бигирем, масалан умри заминро як сол фарз кунем ва нисбат бигирем, ҳашт моҳ аз ин сол гузашта ва асосан ҷондоре дар он вуҷуд надоштааст, дар ҳудуди моҳи нӯҳум ва даҳум аввалин ҷондорҳо ба сурати вирусҳо, бактерияҳо ва мавҷудоти такселлулӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ҳафтаи дуввуми моҳи охир сол пистондорон ба вуҷуд омадаанд, дар рубъи охир аз соати охир аз рӯзи охири сол инсон ба вуҷуд омадааст. Даврае, ки давраи таърихии инсон ба шумор меравад ва инсон қабл аз он дар ҳоли тавaҳҳуш дар ҷангалҳо ва ғорҳо зиндагӣ мекардааст, шаст сонияи ахири он аст, ки дар ин шаст сонияи ахир аст, ки истеъдоди инсон зуҳур карда ва ақл ва илми башар даст андар кор шуда ва тамаддуни азим ва шигифтовар ба вуҷуд омадааст ва инсон истеъдоди худро каму беш ба зуҳур расондааст. Дар ҳамин шаст сония аст, ки инсон халифатуллоҳ будани худро ба субут расонидааст.

Ҳоло агар бино бошад, ки инсон ба ҳамин зудӣ бо маҳорати шигарфи илмии худ, худро нобуд кунад ва агар воқеан инсон бо қудрати илмии худ гӯри худро ба дасти худ канда

бошад ва чанд гоме бештар то гӯри худ фосила надошта бошад, агар воқеан чунин худкушии иҷтимоӣ дар интизор башар бошад, бояд бигӯем, хилқати ин мавҷуд басе беҳуда ва абас будааст.

Оре, як нафар моддимаслак метавонад инчунин фикр кунад, вале як нафар тарбиятшуда дар мактаби илоҳӣ ин тавр фикр намекунад, ӯ мегӯяд: мумкин нест, ки ҷаҳон ба дасти чанд нафар девона вайрон шавад, ӯ мегӯяд: дуруст аст, ки ҷаҳон бар сари печи хатар қарор гирифтааст, вале Худованд ҳамон тавр ки дар гузашта албатта дар шуоъи кучактаре ин мӯъҷизаро нишон дода, бар сари печҳои хатар башарро ёрӣ карда ва аз остини ғайб муслеҳ ва мунҷӣ расондааст, дар ин шароите низ чунон хоҳад кард, ки ақлҳо дар ҳайрат фурӯ равад. Ӯ мегӯяд: кори ҷаҳон абас нест; ӯ мегӯяд: агар чунон шавад, ки моддимазҳабон мегӯянд ва зуҳури инсон дар рӯйи замин мисдоқи масали маъруфи арабӣ бишавад:

**ما أدري أسلم أم ردع**

(*“Намедонам, мувофиқат аст ё мухолифат“, киноя аз билотаклифӣ*) ё мисдоқи сухани Ҳофиз бишавад, ки:

*Ростӣ, хотами фирӯзаи Бӯисҳоқӣ*
*Хуш дурахшид, вале давлати мустаъҷил буд.*

Бо ҳикмат ва инояти парвардигор мунофӣ хоҳад буд:

**إذ مقتضي الحكمة والعناية**

**إيصال كل ممكن لغاية**

(*Шарҳи манзумаи Ҳоҷӣ Мулло Ҳодӣ Сабзаворӣ, бахши ҳикмат, дар мабҳаси иноят*)

Хайр, умри ҷаҳон ба поён нарасидааст, ҳанӯз аввали кор аст, давлате мақрун ба адл ва ақл ва ҳикмат ва хайр ва саодат ва саломат ва амният ва рафоҳ ва осоиш ва ваҳдати умумӣ ва ҷаҳонӣ дар интизори башарият аст; давлате, ки дар он давлат ҳукумат бо солеҳин аст ва интихоби аслаҳ ба маънии воқеӣ дар он сурат хоҳад гирифт. Рӯз ба рӯзе хоҳад расид:

**وَأَشْرَقَتِ الْأَرْضُ بِنُورِ رَبِّهَا**

(*Зумар/69*) Рӯзе, ки:

**إِذَا قَامَ اَلْقَائِمُ حَكَمَ بِالْعَدْلِ وَارْتَفَعَ اَلْجَوْرُ فِي أَيَّامِهِ وَأَمِنَتْ بِهِ السُّبُلُ وَأَخْرَجَتِ الْأَرْضُ بَرَكَاتِهَا، وَرَدَّ كُلَّ حَقٍّ إِلَى أَهْلِهِ...**

**ولا يجد الرجل منكم يومئذ موضعا لصدقته ولا لبره...**

**وهو قول الله تعالى: والعاقبة للمتقين**

(*Биҳорул-анвор", 52/338 ва 339, бо андаке талхис*) Дар он рӯз ба адолат ҳукм шавад ва ситам барои ҳамеша рахт барбандад, роҳҳо амн гардад, замин баракот ва истеъдодҳои худро зоҳир гардонад ва ҳадди аксари истифода аз манобеъ ва хайроти замин сурат гирад, фақире пайдо нашавад, ки мардум садақот ва закавоти худро ба ӯ бидиҳанд ва ин аст маънии сухани Худо: оқибат аз они муттақиён аст.

Ба ҷойи ин ки маъюсона биншинем ва бигӯем, кори башар тамом шуда ва башар ба дасти худ гӯри худро канда ва чанд гоме бештар бо он фосила надорад ва рӯзҳои хуши башар дорад ба поён мерасад, мегӯем:

*Бош то субҳи давлаташ бидамад,*

*К-ин ҳанӯз аз натоиҷи саҳар аст.*

(*Анварӣ*)

Ҳамон тавр ки зуҳурҳои гузашта пас аз сахтиҳое буда, қатъан ин зуҳур низ пас аз сахтиҳо ва шиддатҳо хоҳад буд. Ҳамеша баркҳо дар зулматҳо меҷаҳад.

Алӣ (а) ишора ба зуҳури Маҳдии мавъуд мекунад ва чунин мефармояд:

**حَتَّى تَقُومَ الْحَرْبُ بِكُمْ عَلَى سَاقٍ بَادِياً نَوَاجِذُهَا، مَمْلُوءَةً أَخْلَافُهَا، حُلْواً رَضَاعُهَا، عَلْقَماً عَاقِبَتُهَا. أَلَا وَفِي غَدٍ وَسَيَأْتِي غَدٌ بِمَا لَا تَعْرِفُونَ، يَأْخُذُ الْوَالِي مِنْ غَيْرِهَا عُمَّالَهَا عَلَى مَسَاوِئِ أَعْمَالِهَا، وَتُخْرِجُ لَهُ الْأَرْضُ أَفَالِيذَ كَبِدِهَا، وَتُلْقِي إِلَيْهِ سِلْماً مَقَالِيدَهَا؛ فَيُرِيكُمْ كَيْفَ عَدْلُ السِّيرَةِ، وَيُحْيِي مَيِّتَ الْكِتَابِ وَ السُّنَّةِ**

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 136*)

Яъне ҷанг қад алам хоҳад кард, дар ҳоле ки дандонҳои худро нишон медиҳад. Пистонҳояш пур аст ва омода аст, шурӯъи кор ширин аст ва оқибати он талх. Ҳамоно фардо ва фардо чизе зоҳир хоҳад кард, ки ӯро намешиносед ва интизорашро надоред. Он ҳокими инқилобӣ ҳар як аз уммоли ҳукуматҳои қаблиро ба сазои хеш хоҳад расонид, замин пораҳои ҷигари худро аз маъодин ва хайрот ва баракот барои ӯ берун хоҳад овард ва калидҳои худро бо тамкин ба ӯ таслим хоҳад кард. Он вақт ба шумо нишон хоҳад дод, ки адолати воқеӣ чист ва китоби Худо ва суннати Паёмбарро эҳё хоҳад кард.

Алӣ (а) низ аз як ояндаи абус ва хашмнок ва ҷангҳои ваҳшатзо ёд мекунад, вале Алӣ дар поёни ин шаби сияҳ як сафедии маймунеро навид медиҳад. Қуръони Карим ҳам мефармояд:

وَلَقَدْ كَتَبْنَا فِي الزَّبُورِ مِنْ بَعْدِ الذِّكْرِ أَنَّ الْأَرْضَ يَرِثُهَا عِبَادِيَ الصَّالِحُونَ

(*Анбиё/105*) Яъне мо аз пеш иттилоъ додаем, ки ворисн аслии замин, бандагони солеҳ ва шоистаи мо хоҳанд буд. Барои ҳамеша замин дар ихтиёри арбоби шаҳват ва ғазаб ва бандагони ҷоҳу мақом ва асирони ҳавои нафс нахоҳад буд.

Оре, ин аст фалсафаи бузурги маҳдавият, дар айни ин ки пешбинии як силсила таконҳои шадид ва нобасомониҳо ва кушторҳо ва беадолатиҳо аст, пешбинии якояндаи саодатбахш ва пирӯзии комили ақл бар ҷаҳл, тавҳид бар ширк, имон бар шак, адолат бар зулм, саодат бар шақоват аст. Ба ҳамин хотир навид ва орзу аст.

اللَّهُمَّ إِنَّا نَرْغَبُ إِلَيْكَ فِي دَوْلَةٍ كَرِيمَةٍ تُعِزُّ بِهَا الْإِسْلامَ وَأَهْلَهُ وَتُذِلُّ بِهَا النِّفَاقَ وَأَهْلَهُ وَتَجْعَلُنَا فِيهَا مِنَ الدُّعَاةِ إِلَى طَاعَتِكَ وَالْقَادَةِ إِلَى سَبِيلِكَ وَتَرْزُقُنَا بِهَا كَرَامَةَ الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ

# Мудирият ва раҳбарӣ дар ислом

وَإِذِ ابْتَلَىٰ إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ ۖ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا ۖ قَالَ وَمِنْ ذُرِّيَّتِي ۖ قَالَ لَا يَنَالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ

(*Бақара/124*)

Дар ибтидо, иди саъиди вилодати босаодати озодмарди бузурги ҷаҳон, Ҳусайн ибни Алӣ (а)-ро ба ҳамаи ҳуззори мӯҳтарам табрик арз мекунам.

Маҷлис ва маҷмаъи мо маҷмаъи шарифе аст ва аз маҷомеъи камназир мебошад, зеро аз як ҷанба ва аз як буъд маҷмаъи илмӣ аст ва аз ҷанба ва буъди дигар маҷмаъи динӣ аст. Аз буъди макониӣ илмӣ ва аз буъди замонӣ динӣ маҳсуб мешавад. Дар макони ҷамъ шудаем, ки маҳалли дониш аст, маҳалли таълиму таъаллум аст ва маркази яке аз муқаддастарин муқаддасоти башарӣ аст. Ва дар замоне гирд ҳам омадаем, ки он замон ба вуҷуди муқаддаси Хотамуланбиё (с) ва фарзанди бузургвораш солори шаҳидон Ҳусайн ибни Алӣ (а) таъаллуқ дорад. Зеро илова бар он ки имшаб, шаби вилодати Ҳусайн ибни Алӣ аст, чанд рӯзе бештар аз рӯзи растохези инсоният, рӯзи наҷоти башар, рӯзи тавҳид, рӯзи беъсати Хотамуланбиё (с) намегузарад. Бинобар ин, ин айём, айёме аст, ки ба раҳбари бузурги инсоният мутаъаллиқ аст.

Аз ин назар аст, ки арз мекунам маҷмаъи мо аз ҷанба ва буъди маконӣ илмӣ ва аз ҷанба ва буъди замонӣ динӣ аст ва дар воқеъ мазҳари муқаддастарин ҳамкориҳо, иттиҳодҳо, паймонҳо ва ҳамбастгиҳо яъне иттиҳоди дину дониш аст.

Барои башарият ҳеч чиз гаронтар ва машъумтар аз ҷудоии дину дониш нест, ин ҷудоӣ таъодули иҷтимоъи башариро аз байн мебарад. Ҳам дунёи қадим, ҳам дунёи ҷадид гоҳ дучори бетаъодулӣ шуда ва таъодули худро аз даст додааст. Замоне мардум гароишҳои динии худро ҷудо аз илм ҷустуҷӯ мекарданд, ин бемории умдаи дунёи қадим буд, ҳамчунон ки бемории умдаи дунёи ҷадид ин аст, ки иддае дар ҷустуҷӯи илм минҳои дин ҳастанд. Аксар инҳирофот ва бадбахтиҳое, ки башари имрӯзро таҳдид мекунад, ношӣ аз ин аст, ки илмро ҷудо аз имон мехоҳад.

Ҳумои саодат он рӯз бар сари башар соя хоҳад густурд, ки вай амиқан пай бибарад, ки ба ин ҳар ду асли муқаддас ниёзманд аст, бидонад, ки мурғе аст, ки ба ду бол ниёз дорад; боле аз дониш ва боле аз имон. Ба ҳамин ҷиҳат арз кардам, маҷмаъи мо аз маҷомеъи бисёр камназир аст, зеро мазҳар ва нишонае аз ин иттиҳоди муқаддас аст.

Мавзӯъе, ки дӯстони азиз аз ман хостаанд, то дар бораи он сӯҳбат кунам, “Раҳбарӣ ва мудирият дар ислом“ аст. Мавзӯъ, васеъ ва матлаб бисёр аст ва ман саъй хоҳам кард дар ин вақти кам, то он ҷо, ки муяссар аст, ин мавзӯъро равшан намоям.

Барои он ки ба масъалаи раҳбарӣ ва мудирият аз назари ислом таваҷҷӯҳ кунем, бо ду мафҳум аз мафоҳими исломӣ бояд ошно шавем.

## Рушд дар истилоҳоти исломӣ

Яке аз он ду мафҳум дар истилоҳоти исломӣ, бахусус дар фиқҳи исломӣ, ба номи “рушд“ номида мешавад. Истилоҳе аст маъхуз аз Қуръони Маҷид. Мафҳуми дигаре, ки беҳтар ва дурусттар бояд бо он ошно шавем, мафҳум имомат ва ба ваҷҳе ҳидоят аст, дар ин бора тавзеҳи мухтасаре медиҳам, то натоиҷеро, ки мехоҳам, битавонам аз ароизи худ бигирам.

Рушд калимае аст, ки аз Қуръони Маҷид гирифта шудааст. Қуръони Маҷид дар мавриди кӯдакони бесарпараст, ки дорои сарват ҳастанд, ин истилоҳро ба кор бурдааст, дар мавриди ятимон мефармояд: ятимоне, ки сарпарасти худро аз даст додаанд ва мамлук ва сарвате доранд, то замони булуғ бар онҳо қаймумат кунед ва сарваташонро дар ихтиёрашон қарор надиҳед. Албатта булуғ шарти лозим аст, вале кофӣ нест, зеро илова бар булуғ, “рушд“ лозим аст, таъбири оят ин аст:

حَتَّىٰٓ إِذَا بَلَغُوا النِّكَاحَ فَإِنْ آنَسْتُمْ مِنْهُمْ رُشْدًا فَادْفَعُوا إِلَيْهِمْ أَمْوَالَهُمْ

(*Нисо/6*) Барои он ки сарваташонро дар ихтиёрашон қарор диҳед, расидан ба ҳадди булуғи табиӣ, яъне булуғи никоҳ ва булуғи ҷинсӣ кофӣ нест; замоне, ки рушд дар онҳо эҳсос шуд, метавон сарватро дар ихтиёрашон қарор дод.

Дар фиқҳ ва суннати исломӣ назири ҳамин матлаб дар мавриди издивоҷ омадааст. Дар фиқҳи исломӣ муҳраз ва мусаллам аст, ки барои издивоҷ, танҳо ақл ва булуғ кофӣ нест, яъне як писар ба сирфи он ки оқил ва олиғ аст, наметавонад бо духтаре издивоҷ кунад, ҳамчунон ки барои духтар низ оқила будан ва расидан ба синни булуғ, далели кофӣ барои издивоҷ нест, илова бар булуғ ва илова бар ақл, рушд лозим аст. Ақл ғайр аз рушд аст ва масъалаи дигаре аст. Афрод ё оқиланд ва ё маҷнун, оқилҳо ба ду навъ тақсим мешаванд: ё рашид ҳастанд ё ғайри рашид. Яъне инсони оқил ва болиғ мумкин аст рашид бошад ва мумкин аст ғайри рашид.

Қабл аз тавзеҳи ин истилоҳ, лозим аст барои рафъи иштибоҳ, ба як истилоҳи шойеъи имрӯзи худамон дар забони форсӣ ишора кунам.

Дар истилоҳи мутадовили форсии имрӯз, ба касе рашид мегӯем, ки андоми хеле мавзун ва барозандае дошта бошад. Араб инро рашиқ мегӯяд, на рашид. Рушд дар истилоҳи фиқҳӣ марбут ба андом нест, як навъ камоли руҳӣ аст. Масалан дар мавриди издивоҷи писаре, ки мехоҳад издивоҷ кунад, бояд маънӣ ва ҳадаф ва арзиши натоиҷи издивоҷро дарк кунад ва қудрати ташхис ва интихоб ва ирода дошта бошад. Ба сирфи талқини ину он, шахсеро ба унвони ҳамсар интихоб накарда бошад. Ҳамчунон ки духтар низ барои интихоби ҳамсар бояд рушд дошта бошад.

Ба ёд дорам, ки дар қаболаҳои қадим вақте исми завҷ ва завҷаро менавиштанд, дар бораи завҷ менавиштанд:

العاقل البالغ الرشيد

Ва дар бораи завҷа менавиштанд:

العاقلة البالغة الرشيدة

Яъне ин мард, ки издивоҷ кардааст, марде оқил, болиғ ва рашид аст ва ин зан ҳам, зане оқила ва болиға ва рашида аст. Яъне илова бар ақл ва булуғ, дорои рушд аст. Инҳо, ки дар қаболаҳои қадим навишта мешуд, ба маънии ин буд, ки оқидҳо мехостанд муддаъӣ шаванд, ки мо риояти ҳамаи ҷавониби фиқҳиро кардаем. Аммо воқеан ва амалан оё ин амри муҳим риоят мешуд ё на? Оё воқеан ба масъалаи рушди писарон ва духтарон бар тибқи фиқҳи исломӣ амал мешуд ё на, матлаби дигаре аст ва то ҳадде шармовар аст.

## Таърифи рушд

Агар бихоҳем калимаи “рушд”-ро ба мафҳуми омми худаш, ки шомили ҳамаи анвоъи рушдҳо дар ҳамаи маворид бишавад таъриф кунем, бояд бигӯем: рушд яъне “*ин ки инсон шоистагӣ ва лиёқати идора ва нигаҳдорӣ ва баҳрабардории яке аз сармояҳо ва имконоти моддӣ ва ё маънавӣ, ки ба ӯ супурда мешавад дошта бошад*“. Яъне агар инсон дар ҳар ноҳия аз навоҳии зиндагӣ, ки ҳукми як шаън ва василаеро дорад, шоистагии идора ва нигаҳдорӣ ва баҳрабардорӣ аз онро дошта бошад, чунин шахсе дар он кор ва дар он шаън рашид аст. Ҳол он чиз ҳар чи мехоҳад бошад, ҳамаи он чизҳо ва ашёе, ки васоил ва сармояҳои зиндагӣ ҳастанд. Сармоя ба мол ва сарват инҳисор надорад. Марде, ки издивоҷ мекунад, худи издивоҷ ва зану фарзанд ва конуни хонаводагӣ, васоил ва ба таъбири дигар, сармояҳои зиндагии ӯ ҳастанд ва ё шавҳар барои зан ва зан барои шавҳар ҳукми сармояро дорад.

## Рушди миллӣ

Рушд фақат ба фард мунҳасир намешавад, дар мавриди миллатҳо низ сармояҳои табиӣ, фарҳангӣ ва инсонӣ ва амсоли он сармояҳое аст, ки дар ихтиёри миллатҳо қарор дорад. Ва рушди миллӣ иборат аст аз лиёқат ва шоистагии як миллат барои нигаҳдорӣ ва баҳрабардорӣ ва суд бурдан аз сармояҳо ва имконоти табиӣ ва инсонии худ, ба ҳар андоза, ки лиёқат ва шоистагии идора ва баҳрабардорӣ аз онҳоро дорад, ба ҳамон андоза рашид аст.

Раҳбарӣ ва мудирият, ки мавзӯъи аслии баҳс аст, худ мусталзими навъе аз рушд аст. Зеро раҳбарӣ дар ҳақиқат иборат аст аз басиҷ кардани нерӯи инсонҳо ва баҳрабардории саҳеҳ аз нерӯҳои инсонӣ.

Ман барои тавзеҳи бештар, муқаддиматан ду мисол аз рушди фардӣ ва шахсӣ меоварам, сипас вориди масъалаи раҳбарӣ мешавам. Арз кардам, рушд яъне қудрати идора ва қудрати баҳрабардорӣ аз имконот ва сармояҳо.

## Рушди фардӣ ва ахлоқӣ

Аввалин рушде, ки инсон бояд аз он баҳраманд бошад, рушди фардӣ, шахсӣ ва ахлоқӣ аст. Ин суол пеш меояд, ки оё ағлаби афрод метавонанд ин сармояро идора ва аз он баҳрабардорӣ кунанд? Бовар кунед, камтар касе аст, ки чунонки бояд, аз сармояҳои фардӣ ва шахсии худ баҳрабардорӣ кунад.

Ба муносибати ин ки маҷмаъи мо маҷмаъи илмӣ аст ва ҳамон тавре ки дар оғози сухан арз кардам, маҷмаъи мо дубуъдӣ аст, яке аз ду мисол мутаносиб аст бо буъди илмии маҷмаъи мо ва дигаре бо буъди динии он. Мисоли аввал, ки мутаносиб бо буъди илмии маҷмаъи мост, марбут аст ба қувваҳои ҳушӣ ва қувваҳои идрокии инсон.

## Мудирияти ҳофиза

Афрод аз назари ҳуш, фаҳм, истеъдод ва ҳофиза, бо якдигар ихтилоф доранд. Инсонҳои рашид аз ҳофизаи худ баҳрабардории саҳеҳ мекунанд, вале одамҳои ғайр аз рашид, мумкин аст ҳофизаи бисёр нерӯманде низ дошта бошанд, аммо натавонанд аз он истифода кунанд. Одами ғайри рашид тасаввур мекунад, ҳофиза як анбор аст; анборе, ки бояд доиман онро пур кунад, ҳар чи пайдо кард, он ҷо парт кунад. Айнан монанди анбори як хона, ки аҳёнан ворид мешавӣ, мебинӣ як тикка ҳалабӣ, як қитъа филиз, як мизи шикаста, як сандалии шикаста дар он ҷо афтодааст.

Аммо одаме, ки рашид бошад, дар баҳрабардорӣ аз ҳофизаи худ диққат мекунад. Аввалин коре, ки анҷом медиҳад, амали интихоб аст. Яъне ҳофизаи худро муқаддас мешуморад, ҳозир нест ҳар чи шуд дар он сарозер кунад. Ҳисоб мекунад, ки донистани чӣ чизҳое барои ӯ муфид аст ва чӣ чизҳое бефоида аст. Муфидҳоро дараҷабандӣ мекунад ва муфидтарҳоро интихоб мекунад, сипас онҳоро ба ҳофизаи хеш месупорад, ончунонки амонатеро ба амине месупорад, дар худи супурдан диққат мекунад, яъне воқеан ва ба таври дақиқ ва равшан онро вориди зеҳн мекунад ва сипас таҳвили ҳофиза медиҳад.

Масалан китоберо мутолеа мекунад, якбор мехонад. Инсон китобро бори аввал ба қасди лаззат мехонад, дар ин сурат наметавонад дар мавриди матолиби китоб, ҳисоб ва қазоват кунад. Даври дуввум мехонад, ҳатто қавитарин ҳофизаҳо ниёзманд аст, ки як китоби муфидро лоақал ду бор пушти сари ҳам бихонад, пас аз он матолибро таҷзия ва таҳлил ва дастабандӣ мекунад ва ҳар матлаберо бо таваҷҷӯҳ ба ин ки аз чӣ даста матолиб аст, ба ҳофиза месупорад, баъд кӯшиш мекунад, ки китоби дигареро дар дастури мутолеа қарор диҳад, ки дар мавзӯъи китоби пешин аст. Ҳатталимкон то аз мавзӯъ фориғ нашудааст ва дар ҳофиза ба сурати равшан ва муназзам насупурдааст, вориди мавзӯъи дигар нашавад.

Иштибоҳ аст агар инсон як китобро монанди як саргармӣ мутолеа кунад ва қабл аз он ки матолиби китоб дуруст ҷазби зеҳн шуда бошад ва зеҳн фурсати таҷзия ва таҳлил пайдо карда бошад, ба китоби дигар ва мавзӯъи дигар бипардозад. Имрӯз кутуби таърихӣ, фардо равоншиносӣ ва пасфардо масалан кутуби мазҳабӣ мутолеа кунад, ҳама махлут мешаванд ва ҳукми анбори беназмро пайдо мекунад.

Инсони рашид китобҳо ва матолиберо, ки барои худ лозим медонад, ҷамъ мекунад онҳоро мукаррараран мутолеа ва дастабандӣ ва сипас хулоса мекунад. Хулосаро ёддошт ва ба ҳофизаи худ месупорад, баъд ба мавзӯъи дигар мепардозад.

Чунин фарде агар ҳофизааш заъиф ҳам бошад, аз он ҳадди аксари истифодаро мекунад ва мисли касе мешавад, ки китобхонаи муназзаме бо қафасаҳои мураттаб дорад; китобхонае, ки ҳар қафасааш ба китобҳои муайяне дар риштаи хосс марбут мешавад ба тавре, ки ҳар китоберо, ки бихоҳад, фавран даст мегузорад рӯйи он ва онро меёбад. Аммо агар ғайр аз ин бошад, ҳамонанди одаме аст, ки китобхонае бо ҳазорҳо китоб дошта бошад, аммо китобҳоро рӯйи якдигар рехтааст. Ҳар вақт китоберо бихоҳад ду соат бояд дунболаш бигардад, то пайдо кунад.

Ин буд мисоле аз мудирияти саҳеҳ ва носаҳеҳ дар мавриди баҳрабардорӣ аз яке аз қувваҳои ҳушӣ ва ақлонии инсон.

# Рушд дар ибодат

Мисоли дуввум аз мудирияти фардӣ, ки бо буъди динӣ ва мазҳабии маҷмаъи мо мутаносиб аст, масъалаи ибодат аст. Бояд эътироф кунем, ки мо роҳи ибодатро низ намедонем, яъне мо аз назари ибодат низ қодир ба идораи худ ба наҳви саҳеҳ нестем.

Ғолибан хаёл мекунанд, ки чун ибодат хуб аст, пас ҳар чи бештар беҳтар. Фикр намекунанд, ки ибодат он гоҳ асари худро мебахшад, ки ҷазби руҳ шавад ва руҳ аз он ба таври саҳеҳ тағзия намояд. Ҳамон тавр, ки маънии истифода аз ғизои хуб ин нест, ки ҳар чи бештар беҳтар, маънии истифода аз ибодат низ он нест. Ибодат бояд бо нишоти руҳ тавъам бошад.

Мақсудам ин нест, ки қаблан бояд нишоте вуҷуд дошта бошад, то ибодат шурӯъ шавад. Басо афроде, ки ҳеч вақт нишот пайдо накунанд. Худи нишот тадриҷан бо ибодат ва унс бо зикри Худо пайдо мешавад. Агар рӯйи усул сурат гирад, тадриҷан унс ва алоқа ва нишот пайдо мешавад.

Мақсуд ин аст, ки зарфияти инсон барои ибодат, як зарфияти маҳдуд аст, фаразан инсон ибодатро бо нишот оғоз кунад, пас аз муддате, ки бадан хаста шуд, нишот ҳам аз байн меравад ва ибодат ҷанбаи таҳмилӣ пайдо мекунад ва дар ҳукми хӯрдании номатбӯъ мегардад, ки аксуламали бадан ин аст, ки онро ба василаи истифроғ ё василаи дигар дафъ намояд, на ҳукми ғизои матбӯъро, ки аксуламали бадан ин аст, ки онро ҷазб кунад.

Пайғамбари Акрам (с) хитоб би Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ фармуд:

إن هذا الدين لمتين فأوغل فيه برفق ولا تبغض الى نفسک عبادة الله

Яъне дини ислом дине аст матин ва муҳкам ва мантиқӣ ва мубтанӣ бар мулоҳизоти дақиқи равонӣ ва иҷтимоӣ, ба ҳамин хотир ибодати худро мабғуз ва манфури нафси худат қарор мадеҳ. Яъне тавре амал накун, ки нафсат ибодатро душман бидорад, балки тавре амал кун, ки нафс ибодатро дӯст бидорад ва ба он бо майлу рағбат иқбол намояд ва дар худ ҷазб намояд.

Баъд изофа фармуд:

فإن المنبّت لا أرضا قطع ولا ظهرا أبقى

Яъне он ки чанд манзил якеро меронад, на масофатро тай мекунад ва на пушти солим барои маркаби худ боқӣ мегузорад.

Саворае, ки мизони тавоноии маркубро дар назар намегирад ва танҳо шаллоқро мешиносад ва шаллоқкаш, ду манзил яке ва се манзил яке, метозад, як вақт мебинад, ки

ҳайвон дар ҳоле, ки пушташ захм шуда, зону бар замин зад ва хобид ва қадам аз қадам барнамедорад, зеро наметавонад бардорад.
Пайғамбари Акрам дар ҳадиси дигар фармуд:

طوبى لمن عشق العبادة وعانقها

Хушо ба ҳоли афроде, ки ба ибодат ишқ меварзанд ва онро дар оғӯш мегиранд!
Дар ин ҳадис Расули Акрам мехоҳад бифармояд, танҳо касоне аз самарот ва натоиҷи олии ибодат баҳраманд мегарданд, ки ибодатро тавре анҷом диҳанд, ки қалби онҳо ошиқона ибодатро интихоб кунад ва бипазирад.
Хуб ибодат кардан ва аз мавоҳиби он баҳраманд шудан, ҳисобу қоъида ва ба истилоҳ механизме дорад ва марбут аст ба ҳусни мудирияти худ, яъне худро, эҳсосоти худро, авотифи худро, ғароизи худро ва билохира қалб ва дили худро хуб идора кардан.
Дилу эҳсосу отифа аз ҳар чизи дигар бештар ниёзманд ба мудирияти саҳеҳ аст. Акнун бармегардем ба мудирияти иҷтимоӣ.

## Имомат ва раҳбарии уммат

Гуфтам, рушд яъне қудрати мудирият, вақте, ки инсон мехоҳад инсонҳои дигарро идора кунад, яъне вақте, ки мавзӯъи рушд, идораи инсонҳои дигар бошад, онро мудирият ва раҳбарӣ меномем, ин навъ аз рушд дар истилоҳи исломӣ “ҳидоят“ ва ба таъбири расотар, “имомат“ номида мешавад.
Дақиқтарин калимае, ки бар калимаи имомат мунтабиқ мешавад, ҳамин калимаи раҳбарӣ аст. Фарқи нубувват ва имомат дар ин аст, ки нубувват роҳнамоӣ ва имомат раҳбарӣ аст. Нубувват иблоғ, ахбор, иттилоъ додан, итмоми ҳуҷҷат ва роҳнамоӣ аст. Роҳнамо чӣ мекунад? Роҳро нишон медиҳад. Вазифааш беш аз ин нест, ки роҳро нишон диҳад, вале башар илова бар роҳнамоӣ, ба раҳбарӣ ниёз дорад. Яъне ниёзманд аст ба афрод ё гурӯҳ ва дастгоҳе, ки қувваҳо ва нерӯҳои вайро басиҷ кунанд, ҳаракат диҳанд, сомон ва созмон бахшанд. Нубувват роҳнамоӣ аст ва як мансаб аст, аммо имомат раҳбарӣ аст ва мансаби дигаре аст.
Пайғамбарони бузург ҳам набӣ ва ҳам имом ҳастанд. Пайғамбарони кучак фақат набӣ буданд ва имом набуданд, Раҳнамо буданд, вале раҳбар набуданд. Аммо пайғамбарони бузург ҳар ду мансаб ва ҳар ду шаънро доштаанд. Ҳам шаъни роҳнамоӣ ва ҳам шаъни раҳбарӣ. Иброҳим, Мӯсо, Исо ҳар кадом раҳнамо ва раҳбаранд. Хотамуланбиё раҳнамои раҳбар аст. Қуръони Маҷид бар ин асл бисёр такя мекунад ва дар маорифи шиъа ин асли қуръонӣ ҷойи шоистаи худро дорад.

Ин нуктаро бояд ёдоварӣ кунам, ки он чи Қуръон таҳти унвони раҳбарӣ аз он баҳс мекунад, мофавқи раҳбарӣ аст, ки башарият мешиносад. Раҳбарие, ки башарият мешиносад, аз ҳудуди раҳбарӣ дар масоили иҷтимоӣ таҷовуз намекунад, вале манзури Қуръон аз раҳбарӣ, илова бар раҳбарии иҷтимоӣ раҳбарии маънавӣ яъне раҳбарӣ ба сӯйи Худост ва он худ ҳисоби дақиқ ва ҳассосе дорад ва аз раҳбариҳои иҷтимоӣ басе дақиқтар ва ҳассостар аст. Феълан маҷоли баҳс дар бораи ин ҷиҳат нест.

## Иброҳим, раҳбар ва имом

Қуръон дар бораи Иброҳим ҳарфи аҷибе мезанад ва мегӯяд:

وَإِذِ ابْتَلَىٰ إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ

(*Бақара/124*)

Худованд Иброҳимро дар мароҳили бисёр мавриди озмоиш қарор дод ва Иброҳим аз ин озмоишҳо пирӯз берун омад.

Иброҳим аз пайғамбарҳое аст, ки саргузашти аҷибе дорад ва озмунҳо барояш пеш омада ва дар ҳамаи онҳо камоли муваффақият ва пирӯзиро доштааст. Дар миёни қавми Бобил ба нубувват мабъус шуд ва яктана бо ақоиди мунҳатт ва ширкомези қавми худ, ки ҳамаро фаро гирифта буд, мубориза кард, ҳамаи бутҳоро ба истиснои бути бузург шикаст. Табари бутшиканиро ба гардани бути бузург андохт, ба аломати ин ки бутҳо бо якдигар низоъ карда ва бути бузург соири бутҳоро ба ин рӯз андохтааст.

Иброҳим бо ин кори худ, нерӯи фитрии ақлии хуфтаи мардумро бедор кард. Зеро фитратан дарк мекунанд, ки мумкин нест ҷамодот бо якдигар ба низоъ бархезанд, ҳамин ҷо ба худ меоянд, ки пас чаро инсони оқили шоъири мудрик, сар ба остони ин мавҷудоти лояшъур фуруд оварад. Иброҳим мукаррар мавриди ғазаб ва хашми Намруд қарор гирифт, то он ҷо, ки ӯро дар гудоле, ҳатто метавон гуфт, дар дарёе аз оташ андохтанд, вале ӯ аз сухани худ даст барнамедошт.

Иброҳим аз тарафе бо ақоиди мунҳатт ва хурофӣ ва тақлидии худ даргир буд ва пирӯз мегашт ва аз тарафи дигар бо Намруд даргирии шадид пайдо кард ва то миёни оташ рафт ва дар ҳамон ҳол як озмуни аҷиби илоҳӣ ба суроғаш омад, яъне аз тарафи Худо ба амре маъмур шуд, ки ҷуз як таслими комил ҳеч нерӯе наметавонад онро итоат кунад. Амре, ки дар борааш содир шуд ин буд, ки фарзанди ҷавони азизатро ба дасти худ дар роҳи Худо бояд фидо кунӣ ва сар бибурӣ. Иброҳим тасмим ба анҷоми ин кор гирифт ва дар охирин марҳилае, ки тасмими иброҳимӣ зуҳур кард, аз ҷониби Худованд нидо расид, ки

ё Иброҳим, ту амал кардӣ ва мо он чи аз ту мехостем, ҳамин буд. Мо аз ту ҳамин ҳадд аз таслимро мехостем, мо куштани фарзанд аз ту намехостем.
Иброҳим ин манозил ва мароҳилро тай кард ва пушти сар гузошт. Баъд аз ҳамаи инҳо буд, ки ба ӯ гуфта шуд, акнун шоистаи имомат ва раҳбарӣ ҳастӣ. Иброҳим аз нубувват ва рисолат гузашт, то ба раҳбарӣ расид. Дар ҳадис аст:

**اتخذ الله إبراهيم نبيا قبل أن يتخذه رسولا واتخذه رسولا قبل أن يتخذه خليلا واتخذه خليلا قبل أن يتخذه إماما**

Хулосаи маънии ҳадис ин ки: Иброҳим аввал набӣ буд ва ҳанӯз расул набуд, расул шуд ва ҳанӯз халил набуд ва халилуллоҳ шуд ва ҳанӯз имом ва раҳбар набуд, баъд аз ҳамаи инҳо ба мақоми имомат ва раҳбарӣ расид.
Муфоди ояти каримаи:

**وَإِذِ ابْتَلَىٰ إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ ۖ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا**

(*Бақара/124*) ин аст, ки: пас аз он ки Иброҳим ҳамаи мароҳилро тай кард ва аз ҳамаи озмоишҳо пирӯз ва муваффақ берун омад ва ба истилоҳи форсӣ аз ҳафт хон гузашт, мо ба ӯ эълом кардем, ки ҳамакнун вақти он расидааст, ки мо туро имом ва раҳбар қарор диҳем.
Имомат ва раҳбарии инсонҳо, чӣ дар буъди маънавӣ ва илоҳӣ ва чӣ дар буъди иҷтимоӣ, олитарин дараҷа ва мақоме аст, ки аз тарафи Худо ба як инсон вогузор мешавад. Медоле, ки ба ин ном ба синаи касе мечасбонанд, олитарини медолҳост. Иброҳим, ҳам набӣ ва ҳам имом буд, ба ҳамин ҷиҳат раҳбари қавми хеш буд.
Ин ки арз кардам нубувват роҳнамоӣ ва имомат раҳбарӣ аст, мақсудам ин нест, ки анбиё ин мансабро, ки болотар аст надоштанд. Ҳамон тавр, ки қаблан ҳам ишора кардем, нубувват ва имомат ду мансаб аст, ки дар анбиёи бузург ҳар ду мансаб ҷамъ аст ва дар анбиёи кучак яке аз он ду, камо ин ки дар имомон имомат ва раҳбарӣ ҳаст, вале нубувват яъне раҳнамоии ҷадид нест, чун роҳ ҳамон роҳе аст, ки Пайғамбар намоёндааст. Ва имомон мардумро дар ҳамон роҳ, ки Пайғамбар аз тарафи Худованд ироа кардааст, ҳаракат медиҳанд, басиҷ мекунанд ва роҳ мебаранд, ин мафҳуми имомат аз назари ислом аст.
Дунёи имрӯз ба масъалаи раҳбарӣ ва мудирият танҳо аз ҷанбаи иҷтимоӣ менигарад, яъне танҳо ин ҷанба ва ин буъдро шинохтааст. Вале ҳаминро, ки шинохтааст, бисёр аҳаммият медиҳад ва бaҳақ аҳаммияти бисёр медиҳад.

## Инсон, ниёзманди раҳбарӣ аст

Аҳаммияти фавқулъодаи раҳбарӣ бар се асл мубтанӣ аст. Асли аввал марбут аст ба аҳаммияти инсон ва захоир ва нерӯҳое, ки дар ӯ нуҳуфтааст, ки маъмулан худ ба онҳо таваҷҷӯҳ надорад. Дар ислом ба масъалаи мутаваҷҷеҳ кардани инсон ба худ, ба азамат ва шарофати худ ва нерӯҳои азиме, ки дар ӯст таваҷҷӯҳ шудааст. Қуръони Маҷид мегӯяд: "*Вақте, ки инсонро хостем биёфаринем, фариштагонро амр кардем, ки ба ин мавҷуд саҷда кунанд." (Мазмуни ояти 34 сураи Бақара*)

Мегӯяд: "*Инсон, бар фариштагон дар таълими асмои илоҳӣ пешӣ гирифт." (Мазмуни ояти 31 сураи Бақара*)

Мегӯяд:

هُوَ الَّذِي خَلَقَ لَكُمْ مَا فِي الْأَرْضِ جَمِيعًا

"*Худост, ки ҳамаи он чиро дар замин аст, барои шумо офарид.*" (*Бақара/29*)

وَسَخَّرَ لَكُمْ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ جَمِيعًا مِنْهُ

(*Ҷосия/13*) ("*Ва он чи дар осмонҳо ва замин аст, тамомро мусаххари шумо гардонид ва инҳо ҳама аз сӯйи ӯст.*")

Эй башар! Дар ту чизҳост, ту хаёл накун муште обу хок ҳасти. Худатро бо мавҷудоти дигар муқоиса накун.

## Решаи тафовути инсон ва ҳайвон аз назар раҳбарӣ

Асли дуввум марбут аст ба тафовути инсон ва ҳайвон, инсон бо ин ки аз ҷинси ҳайвон аст, аз назари муҷаҳҳаз будан ба ғароиз, бо ҳайвон тафовут дорад, яъне заъифтар аз ҳайвон аст. Ҳайвонот ба як силсила ғароиз муҷаҳҳаз ҳастанд ва ниёзи чандоне ба мудирият ва раҳбарӣ аз хориҷ надоранд, зеро ғариза кораш роҳнамоӣ ва раҳбарӣ ба сурати худкор аст. Мӯрча ба силсила ғароизе муҷаҳҳаз аст, ки ба таври худкор ва автоматик вайро дар зиндагӣ раҳбарӣ мекунад. Амирулмӯъминин Алӣ (а) дар яке аз хутбаҳои "Наҳҷул-балоға", мавзӯъи муҷаҳҳаз будан мӯрчаро ба ғароизи зиндагӣ баён ва ташреҳ мекунад. Соир ҳашарот низ бад-ин минвол ҳастанд.

Инсон бо ин ки аз назари нерӯҳо муҷаҳҳазтарини мавҷудот аст ва агар бино буд бо ғариза раҳбарӣ шавад, мебоист сад баробари ҳайвонот муҷаҳҳаз ба ғароиз бошад, дар айни ҳол аз назари ғароизе, ки ӯро аз дохили худ ҳидоят ва раҳбарӣ кунанд, фақиртарин ва нотавонтарин мавҷуд аст. Ба ҳамин хотир, ба раҳбарӣ, мудирият ва ҳидоят аз хориҷ ниёз дорад. Ин ҳамон асле аст, ки мабно ва фалсафаи беъсати анбиёст.

Ва ҳангоме, ки фалсафаи беъсати анбиёро мавриди баҳс қарор медиҳем, муттакӣ ба асли ниёзи башар ба роҳнамоӣ ва раҳбарӣ ҳастем. Яъне башар мавҷудест муҷаҳҳаз ба захоир ва манобеъи қудрати бешумор ва дар айни ҳол, дар зоти худ фавқулъода бехабар ва саргардон ва худ аз захоир ва манобеъи вуҷуди худ ноогоҳ, на медонад, ки чӣ дорад ва на медонад, ки чӣ гуна онҳоро раҳбарӣ кунад ва мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳад. Аз ин рӯ ниёзманд аст, ки раҳбарӣ гардад, роҳ ба ӯ нишон дода шавад ва нерӯҳояш сомон ёбад ва созмон пайдо кунад. Бояд ӯро озод кард ва ба ҳаракат овард.

## Қавонини хосси ҳоким бар зиндагии башар

Асли севвум марбут ба қавонини хосси зиндагии башар аст. Як силсила усул бар рафтори инсон ҳукумат мекунад, ки агар касе бихоҳад бар башар мудирият дошта бошад ва вайро раҳбарӣ кунад, ҷуз аз роҳи шинохти қавонине, ки бар ҳаёт ва бар риволи зиндагии башар ҳоким аст, муяссар нест.
Пас башар мавҷудест, ки ба як силсила нерӯҳо муҷаҳҳаз аст ва ба ҳидоят ва раҳбарӣ ва ба пешво ва пешвоӣ ниёзманд аст. Мавҷудест, ки раҳбарӣ ва ба ҳаракат даровардан ва баҳрабардорӣ аз нерӯҳои вай тобеъи як силсила қавонини бисёр дақиқ ва зариф аст, ки шинохти он қавонин калиди роҳи нуфуз дар дилҳо ва мусаллат шудан бар инсонҳост.

## Раҳбарии Расули Акрам

Қуръони Маҷид таъбири аҷибе роҷеъ ба Пайғамбари Акрам дорад.

الَّذِينَ يَتَّبِعُونَ الرَّسُولَ النَّبِيَّ الْأُمِّيَّ الَّذِي يَجِدُونَهُ مَكْتُوبًا عِنْدَهُمْ فِي التَّوْرَاةِ وَالْإِنْجِيلِ يَأْمُرُهُمْ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَاهُمْ عَنِ الْمُنْكَرِ وَيُحِلُّ لَهُمُ الطَّيِّبَاتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَائِثَ وَيَضَعُ عَنْهُمْ إِصْرَهُمْ وَالْأَغْلَالَ الَّتِي كَانَتْ عَلَيْهِمْ

(*Аъроф/157*) Ин паёмбари уммӣ, ки дар Таврот ва Инҷил аз ӯ ёд шудааст, чизҳои хубро бар онҳо ҳалол мекунад ва палидиҳоро ҳаром менамояд ва бори сангинро аз дӯши онҳо бармедорад ва ғиллҳоро аз мардум боз мекунад.
Кадом бор сангин ва кадом ғиллу занҷир? Борҳое аз санг ва ё ғиллу занҷирҳое аз оҳан? Аз чӯб? На! Балки борҳои сангин аз одот ва хурофот ва ғиллу занҷирҳои руҳӣ, ки бар нерӯҳо ва бар истеъдодҳои маънавии башар гузошта шуда буд; ҳамонҳо, ки натиҷааш ҷумуд, афсурдагӣ, яъс ва бадбахтӣ буд.
Пайғамбар ин нерӯҳои бастаро боз кард. Мудирияти иҷтимоӣ яъне ин. Раҳбарӣ яъне ин. Муҷаҳҳаз кардани нерӯҳо, таҳрики нерӯҳо, озод кардани нерӯҳо ва дар айни ҳол контроли нерӯҳо ва дар маҷрои саҳеҳ андохтани онҳо, сомон додан, созмон бахшидан

ва ҳарорат бахшидан ба онҳо. Мудирияти саҳеҳ аз заъифтарини миллатҳои дунё, қавитарини миллатҳоро месозад, ончунон ки Расули Акрам кард ва ин мӯъҷизаи раҳбарӣ буд.

Дар ин замина сухан бисёр аст. Агар бихоҳем таваҷҷӯҳи исломро ба усули раҳбарӣ ва мудирият дарк кунем, ду роҳ бояд тай кунем:

## Зарурати мутолеаи сираи авлиё

Тариқи аввал, мутолеаи бисёр амиқи сираи авлиёи дин, махсусан шахси Расули Акрам ва Амирулмӯъминин аст. Агар инсон равиши онҳоро мутолеа кунад, мутаваҷҷеҳ мешавад, ки чӣ қадр бар усули дақиқи раҳбарӣ мунтабиқ аст, натоиҷи шигарфе, ки аз раҳбарии худ дар дунё гирифтаанд, собиқа надорад. Ин муваффақият ба ҷиҳати он буд, ки калиди рамзро дар даст доштанд. Аз ҷониби Худои инсон омада буданд ва Худои инсон калиди рамзи инсонро дар даст дорад.

Аз миёни сираҳои мухталифи Расули Худо сираи он ҳазрат дар лашкаркашӣ ва сиёсат, дар таблиғи ислом, дар рафтор бо душманон, бо мушрикин, бо аҳли китоб ва дар хонавода бояд дақиқан мутолеа шавад, ки ҳар кадом аз онҳо як китоб дарс ба мо меомӯзанд.

Сираи амалии Пайғамбари Акрам дар раҳбарӣ ва дастурҳое, ки дар ин замина медиҳад, хеле аҷиб аст. Ба қадре равоншинос аст ва ба қадре мутаваҷҷеҳи роҳу расми инсонҳост, ки ҳадде бар он мутасаввар нест. Методи инсон идора карданро медонад.

Маъоз ибни Ҷабалро барои таблиғ, ҳидоят ва раҳбарӣ ва роҳнамоӣ ба Яман фиристод. Чанд ҷумла дорад, ки барои ҳамаи мо дастуруламал аст, дар ҳоле ки аксаран бар хилоф рафтор мекунем. Мефармояд:

يسّر ولا تعسّر، بشّر ولا تنفّر، وصلّ بهم صلوة أضعفهم

(*Сираи Ибни Ҳишом, ҷ.4, с.237 бидуни ҷумлаи охир*) Яъне ту, ки акнун ба манзури таблиғи ислом ва даъвати мардум ба ислом ва тарғибу ташвиқи онҳо ба сӯйи ислом ба суроғи мардум меравӣ, бар онҳо осон бигир, сахт нагир. Бо сахтгирӣ наметавон касеро раҳбарӣ кард. Дигар ин ки ба мардум башорат бидеҳ, имтиёзҳои дунявӣ ва ухравии исломро барои мардум бигӯ. Навидҳои исломро бар мардум арза кун. Тамоюли онҳоро барангез, тарғибашон кун. Аз роҳи тахвиф ва эҷоди ҳарос ворид машав, коре накун, ки мардум эҳсоси танаффур кунанд. Ҳангоми намоз бо ин мардуми тозамусалмон, ки ҳанӯз зоиқаашон лаззати ибодатро начашидааст ва ба илова ҳама навъ афрод дар миёни маъмумин ҳаст; баъзе пиранд, алиланд, нотавонанд, ту риояти ҳоли азъафро маъмул

бидор, яъне ҳисоб кун дар миёни онҳо аз ҳама нотавонтар кист? Вақте, ки рукӯъ мекунӣ, чиҳил то “Субҳона раббияльазими ва биҳамдиҳ” нагӯ. Ту намози худро бо ӯ татбиқ бидеҳ, касеро дар намоз хондан нороҳат накун.

## Вазоифи хосси раҳбар

Аз назари ислом, шахси раҳбар аз он назар, ки раҳбар аст ва нуқтаи марказии ҷомеаи исломӣ аст ва ӯст, ки бояд руҳҳоро идора кунад ва ирзо намояд ва басиҷ кунад, вазоифе дорад, ки дигарон чунин вазифае надоранд ва худи раҳбар низ дар ғайри мансаби раҳбарӣ чунин вазифае надорад.

Ҳамаи мо аз зуҳди хориқулъодаи Амирулмӯъминин Алӣ (а) хусусан дар давраи зиъомат ва раҳбарии он ҳазрат, достонҳо шунидаем. Достони зайл, ки маъруф аст ва ғолибан шунидаем, аз назари масъалаи раҳбарӣ ва вазоифи хосси раҳбар, фавқулъода равшангар аст.

Амирулмӯъминин дар даврони хилофат, ба хонаи шахсе дар Басра ба номи Алоъ ибни Зиёди Ҳорисӣ ворид шуд. Пас аз як силсила гуфтугӯҳо, он мард аз бародараш Осим ибни Зиёд шикоят кард, ки зуҳдгаро шудааст, зан ва зиндагиро раҳо карда ва ҷомаи дурушт пӯшида ва мунҳасиран ба ибодат ва риёзат пардохтааст.

Амирулмӯъминин дастур дод, ӯро эҳзор карданд. Ҳамин ки бо он қиёфаи зоҳидона зоҳир шуд, ба тундӣ ба ӯ фармуд:

يا عدي نفسه

Эй ситамгарак бар худ! Ин чӣ коре аст, ки мекунӣ? Чаро бар худ ҷафо мекунӣ? Оё гумон кардӣ, Худованд, ки неъматҳои покизаи дунёро халқ кардааст, онҳоро бар ту ҳаром намудааст ва агар аз онҳо истифода кунӣ, аз ту муохаза хоҳад кард, ки чаро неъмати ҳалоли маро хӯрди? Ту кучактар аз он ҳастӣ.

Осим, ки ин итобҳоро шунид, ҷавоби бисёр равшане дошт ӯ. Худи Алӣ (а), ки ҷилави чашмаш буд, медид, ки ду тикка либос бештар танаш нест, якеро рӯйи дӯш андохта ва якеро ба камараш бастааст. Ғизои Алиро ҳам медонист, ки нони ҷав хушк аст. Таъаҷҷуб кард, ки аз Алӣ чунин суханонеро дорад мешунавад! Таъаҷҷуб кард, ки Алӣ аввали зоҳид, ӯро ба воситаи зуҳдаш маломат мекунад. Аз ин рӯ гуфт: ё Амирулмӯъминин! Худат ҳам, ки ҳамин таврӣ. Ман ба ту иқтидо кардам, либоси ту, ки аз ман жандатар аст, ғизои ту аз ман бадтар аст.

Амирулмӯъминин ба ӯ фармуд: иштибоҳ кардӣ, он чи ту дар ман мебинӣ, руҳбоният ва таҳрими ҳалоли Худо нест. Ман раҳбарам, ман имомам, ман заъими ҷомеаам. Раҳбарон ва зуъамо таклифи ҷудогона доранд, фармуд:

إن الله فرض على أئمة المسلمين أن يقدروا أنفسهم بضعفة الناس كي لا يتبيّغ فقره

Худованд барои касе, ки мехоҳад мардумро раҳбарӣ кунад, вазифаи хоссе қарор додааст, ту аз афроди оддӣ ҳасти. Ман бояд ба тамоми афроди миллат худ ва раъиятҳои худам нигоҳ кунам ва бибинам пойинтарини табақот кадом аст? Он ки дасташ аз ҳама кӯтоҳтар аст, кадом аст? Албатта ман ҳам моилам, ки сатҳи зиндагии онҳо боло биравад. Аммо то вақте дар мамлакати ман афроде ҳастанд, ки тавоноӣ надоранд ва наметавонанд либоси беҳтаре аз он чи ман акнун ба тан дорам бипӯшанд, то вақте, ки дар мамлакати ман жандапӯш ва нони ҷавхӯр билизтирор ҳаст, ман ба ҳукми он ки раҳбарам ва мехоҳам мардумро ҳидоят ва раҳбарӣ кунам, бояд бо онҳо ҳамдилу ҳамдард бошам, бояд худро бо фақиртарини мардуми иҷтимоъ татбиқ диҳам. Агар ғайр аз ин бошад, он фақир ҳақ дорад ба ҳаяҷон биёяд, эътироз кунад ва фарёдаш ба осмон баланд шавад, зеро хаёл мекунад, дурӯғ мегӯям, ки дар фикри ӯ ҳастам, вале ҳоло бовар мекунад, ки рост мегӯям. Усули раҳбарӣ эҷоб мекунад, ки ман инчунин зиндагӣ кунам.

Ин матлаб, ки раҳбар дар мансаби раҳбарӣ вазифаи хосс дорад, зимнан як муамморо ҳал мекунад, он масъалаи муаммомонанд ин аст, ки мебинем сираи имомони атҳор алайҳимус-салом аз назари сахт гирифтан бар худ ва аз назари ба истилоҳ зоҳидона зиндагӣ кардан, филмасал мутафовит аст. Имом Ҷаъфари Содиқ (а) як ҷур либос мепӯшид, Амирулмӯъминин таври дигар.

Ин худ як муаммост, ки чаро раҳбарон ихтилофи равиш доранд? Ҳалли муаммо ба ин аст, ки бидонем, ки мавқеияти иҷтимоияшон мутафовит буд, ба илова мавқеияти замониашон низ фарқ дошт. Имом Ҷаъфари Содиқ (а) фармуд: агар имрӯз мебинед ман либоси олӣ мепӯшам ва Пайғамбар ва Алӣ намепӯшиданд, замони онҳо бо замони ман фарқ дошт, сатҳи зиндагии мардуми имрӯз бо мардуми он замон ҳам фарқ мекунад.

## Дастуроти ислом дар мавриди раҳбарӣ

Тариқи дуввум барои ошноӣ бо усули раҳбарии ислом мурочеа ба мутуни дастурҳои исломӣ дар ин замина аст, аъамм аз он чи дар Қуръон хитоб ба паёмбарон умуман дар рӯбарӯ шудан бо умматҳо ва Расули Акрам хусусан нисбат ба уммати исломӣ омадааст. Ва ҳамчунин дастурҳое, ки дар боби наҳваи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва дастурҳое, ки дар наҳваи иршоди ҷоҳил ва ваъзу андарзи ғофил ва он чи дар заминаи

шароити таблиғ ва мубаллиғ ворид шуда, ки ҳамаи онҳо як китоби пурҳаҷм мешавад ва мо ночорем дар ин ҷо ба ишора қаноат кунем ва бигузарем.

Масоили раҳбарӣ бо равони башар сару кор дорад, ҷалби ҳамкории равонҳо ва ба ҳаракат даровардани онҳо ба сӯйи ҳадафе муқаддас ва олӣ маҳорат ва зарофати фавқулъода мехоҳад, кори ҳар кас нест. Имрӯз пас аз пешрафтҳои ҳайратангезт равоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ ва билохира инсоншиносӣ, ҳангоме ки сираи раҳбарии авлиёи Худоро мутолеа мекунем, мебинем бар дақиқтарин мулоҳизоти равонӣ ва бар усули дақиқи илмии раҳбарӣ мунтабиқ аст ва ба ин тартиб буд, ки метавонистанд то аъмоқи дилҳои мардум нуфуз кунанд. Мардум он чи доштанд, дар табақи ихлос мегузоштанд.

Ҳол, шароити раҳбарӣ чист? Достони муфассале аст, ки мутаассифона фурсат нест.

Дар охирҳои ароизам барои он ки айёми беъсати Расули Акрам аст ва имшаб шаби вилодати Имом Ҳусайн (а) аст, ду се мисол аз сираи Пайғамбари Акрам ва аз Ҳусайн ибни Алӣ (а) барои намуна арз мекунам, ки чӣ гуна мешавад марде ятим, ки дар ибтидоъ ҳатто хешони худи ӯ бо вай мухолифанд, ба ҷойе мерасад ва тавре дар қалбҳо нуфуз мекунад, ки Абӯсуфёни мутамаддин ва лоақал ошно бо тамаддунҳои замон,[2] дар достони фатҳи Макка, вақте аз наздикӣ раҳбарии Пайғамбари Акрамро дид, гуфт:

“*Ба Худо қасам, ман, ҳам қайсари Рум ва дарбори қайсари Рум ва ҳам дарбори подшоҳони Эронро дидаам, вале пешвое монанди ин мард, ки дар миёни мардум ва иҷтимоъи худ инчунин нуфуз дошта бошад, надидаам.*”

Ҷанги Табук ҷанге аст, ки дар шароити бисёр сахт, дар вақте ки қаҳтии шадиде Мадинаро аз по даровард буд, воқеъ шуд. Мардум дар фақр ва гуруснагии сахте ба сар мебурданд. Фасли хурмопазон буд, тоза хурмоҳо расида ва мардум интизор мекашиданд, ки аз қаҳтӣ дароянд ва ба истилоҳ шикаме аз азо дароваранд. Дар ҳамин шароит, достони таҳдиди ҳавзаи ислом аз ноҳияи шимол яъне Рум пеш омад. Пайғамбари Акрам маслиҳат диданд, ки ба марзи Рум лашкаркашӣ кунанд. Ва эъломи басиҷи умумӣ карданд. Мунофиқин саъйи бисёр карданд, ки коршиканӣ кунанд, вале муваффақ нашуданд.

---

[2] *Вақте, ки мегӯянд араби ҷоҳилӣ, фикр накунед, ки тамоми аъроб инчунин буданд. Афроде назири Абӯсуфён бо тамаддуни замони худашон ҳадди аксари ошноиро доштанд. Сарватмандон ва ашрофе буданд, ки ба маркази тамаддуни бузурги он вақти ҷаҳон, Рум ва Эрон мусофирати бисёр карда буданд.*

Дар чунин шароите, Пайғамбар 30 ҳазор нафарро басиҷ кард. Ин сипоҳ аз бас дучори мазиқа ва сахтӣ буд, “ҷайшулъусра“ (сипоҳи сахтӣ) лақаб ёфт. Мусалмонон маркаби кофӣ надоштанд, яъне ҳар се чаҳор нафар як маркаб доштанд. Он қадр озуқа кам доштанд, ки гоҳ бо як хурмо қаноат мекарданд ва гоҳ як хурморо як нафар ба даҳон мегузошт, миқдоре мемакид ва боқиро ба дигаре медод. Вале чун раҳбар гуфта буд биравем, ба дунболаш ба роҳ афтоданд.

Абӯзар савори шутури лоғаре буд, бо ин шутури лоғар ҳар чи меомад, намерасид. Се нафар қаблан тахаллуф карда буданд, ба Пайғамбар гуфта шуд, фалон кас рафт. Фармуд: агар хайре дар ӯ бошад, Худо ӯро ба мо мерасонад ва агар хайре дар ӯ нест, беҳтар, ки ин нуқтаи заъф дар миёни мо набошад. Нафари дуввум рафт, нафари севвум рафт ва дар бораи онҳо ҳам Расули Худо ҳамон ҷумларо такрор кард. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ! Абӯзар ҳам рафт. Боз ҳамон ҷумларо такрор фармуд.

Аммо Абӯзар тахаллуф накарда буд, шутураш аз ҳаракат монда буд. Абӯзар пиёда шуд бору букчаро ба дӯш гирифт. Дар ин ҳавои гарм пиёда мерафт. Ба нуқтае аз санглохҳои роҳи Табук расид. Ба ҷойе расид, ки лобалои сангҳо аз бороне, ки қаблан омада буд, обе ҷамъ шуда буд. Оби нисбатан сарде буд, машке ҳамроҳи худ дошт. Онро пури об кард ва оби сардро ба дӯш кашид ва роҳ афтод. Лашкар утроқ карда буд. Якдафъа чашмашон ба як сиёҳӣ афтод, ки аз дур меояд.

— Ё Расулаллоҳ! Як сиёҳӣ аз дур меояд.

Фармуд: бояд Абӯзар бошад.

Сиёҳӣ наздик шуд ва наздиктар омад. Бале, Абӯзар буд, аммо ончунон гармо ва гуруснагӣ ва хастагӣ бар ин мард асар гузошта буд, ки сурат ва чеҳрааш сиёҳ ва лабҳояш мисли ду чӯби хушк шуда буд. Пайғамбари Акрам ба чеҳрааш нигоҳ кард. Дид, аз ташнагӣ дорад ҳалок мешавад. Фармуд: зуд ба ӯ об бирасонед. Бо садои заъифе гуфт: об ҳамроҳам ҳаст.

— Пас чаро нанӯшидӣ?

Гуфт: оби сарде буд, хостам бинӯшам. Фикр кардам, хуб аст аввал ҳабибам, Пайғамбар бинӯшад, баъд ман.

Мурочеати он се нафари дигар низ достони аҷибе ба дунбол дорад. Муслимин бидуни ин ки ҷанге рух диҳад, баргаштанд. Мардум мунтазир буданд бибинанд, Пайғамбари Акрам дар бораи мутахаллифин чӣ тасмиме мегирад?

— Ё Расулаллоҳ! Бо ин мутахаллифин чӣ кунем?

Фармуд: муошират бо онҳоро таҳрим кунед, бо онҳо сухан магӯед ва ҳамсӯҳбат нашавед.

Ҳамин ки муслимин вориди Мадина шуданд, ин се нафар ҷилав омаданд, гуфтанд: саломун алайкум! Муслимин эътино накарданд. Гуфтанд: ҳоли шумо чӣ тавр аст? Боз касе ҷавоб надод. Бо ҳар касе ҳарф заданд, ҷавобе нишниданд. Ба хонаҳояшон рафтанд. Зану баччаҳояшон фаҳмиданд, ки Пайғамбари Акрам ба истилоҳ имрӯз онҳоро бойкут кардааст.

Аз он соат занҳо ва баччаҳошон ҳам сиёсати манфии сукутро дар бораи онҳо пеш гирифтанд. Бо занҳояшон ҳарф заданд, ҷавоб надоданд. Бо баччаҳояшон ҳарф заданд, ҷавоб надоданд. Ин се нафар ончунон танҳо монданд, ки дар ин шаҳр як нафар ҳозир набуд бо онҳо сӯҳбат кунад. Занҳояшон ғизо мепухтанд ва ҷилавашон мегузоштанд, вале калимае ҳарф намезаданд, то он ҷо, ки худашон фаҳмиданд, чун муртакиби гуноҳ шудаанд, бояд тавбае ҷиддӣ намоянд ва Худованд тавбаи онҳоро бипазирад ва ба паёмбараш эълом кунад ва аз тариқи паёмбар мардум низ тавбаи онҳоро қабулшуда талаққӣ кунанд.

Пас аз боло бояд шурӯъ кард, гунаҳкорем ва Худоро бояд розӣ кунем. Сар ба кӯҳ гузоштанд ва чандин рӯз ба ҳоли тавба буданд, то Худованд тавбаашонро қабул кард.

Достони Ҳусайн ибни Алӣ (а) аз назари ҳусни раҳбарӣ ва нуфузи раҳбар шигифтангез аст, достони ин 72 тан аз назари раҳбарӣ ва раҳбарипазирӣ намунаи беназире дар ҷаҳон аст. Ва бо ин ки раҳбар рӯзи аввал эълом мекунад, ки мо дар роҳи ҳадаф кушта мешавем, тавонист нуфуси мустаъидро гирд оварад. Гурӯҳе фидоӣ сохт, то он ҷо, ки ба дурустӣ қасам хӯрданд, ки ҷони ноқобили мо қобили қурбони ту нест! Гуфтанд: ба Худо қасам, дӯст доштем ҳазор бор кушта мешудем ва зинда мишудем ва ҷони худро мидодем. Ва дар амал нишон доданд, ки рост гуфтанд.

Худоё! Туро ба ҳақиқати дини муқаддаси ислом ва ба азамати Қуръон ва ба мақоми вуҷуди муқаддаси Хотамуланбиё қасам медиҳам, ки моро аз файзи раҳбарии вуҷуди муқаддаси Хотамуланбиё баҳраманд фармо!

Ба муслимин сарафрозӣ ва иззат иноят фармо!

Ба ҳамаи касоне, ки дар ин ҷаласа ва амсоли ин ҷаласот ва ҳамаи касоне, ки ба дини муқаддаси ислом хидмат мекунанд, тавфиқ иноят фармо!

# Рушди исломӣ

Мавзӯъи баҳс “рушди исломӣ“ аст. Рушд яке аз мафоҳими исломӣ аст, ки дар мавриди баъзе аҳком ва масъулиятҳо оварда мешавад. Нашунидаед, ки мегӯянд, чанд чиз аз шароити таклиф аст: яке ақл аст. Агар инсоне оқил набошад ва маҷнун бошад, табъан аз назари исломӣ таклифе мутаваҷҷеҳи ӯ нест. Ва дигар булуғ аст. Инсони ноболиғ монанди инсони ғайри оқил дар ҳеч қонуне мукаллаф шинохта намешавад ва масъулияте ба ӯҳдаи ӯ вогузар намешавад.

Як мафҳуми дигар ҳам дар муқаррарот ва қавонини исломӣ ҳаст, ки ҳокӣ аз умқи таълимоти ин дини муқаддас аст, ки агарчӣ ислом онро ба унвони яке аз шароити таклиф таъйин накардааст ва ин худ як розу рамзи бузурге дорад, вале ба истилоҳи фуқаҳо, шарти баъзе аз аҳкоми вазъӣ ва шарти қабули баъзе аз масъулиятҳо мебошад ва он номаш “ рушд “ аст.

Рушд аз назари истилоҳи исломӣ, дар муқобили он чизе аст, ки сафоҳат номида мешавад. Одами рашид одаме аст, ки сафеҳ нест ва ин бо ақл фарқ мекунад. Ақл дар муқобили ҷунун аст, одами маҷнун асосан мукаллаф нест ва ҳатто намешавад ба ӯ гуфт: барав худатро муолиҷа кун, такмил кун, ақли худатро комил кун, зеро аз ин ҳадд пойинтар аст. Вале рушд дар муқобили ҷунун қарор нагирифтааст. Рушд бад-ин маънӣ аст, ки инсон дар айни ин ки оқил аст, на девона, агар девона буд, бояд ба тимористон бурда мешуд ва сару кораш бо табибу дору буд, оре дар айни ин ки оқил аст ва девона нест ва аз табибу дору барояш коре сохта нест, лиёқати масъулияте, ки ба ӯҳдааш гузошта мешавад надорад.

Дар Қуръони Карим мехонем, ки дар бораи ятимон мефармояд:

حَتَّىٰ إِذَا بَلَغُوا النِّكَاحَ فَإِنْ آنَسْتُمْ مِنْهُمْ رُشْدًا فَادْفَعُوا إِلَيْهِمْ أَمْوَالَهُمْ

Яъне то ятимон ба ҳадди булуғ бирасанд, дар он вақт агар эҳсоси рушд дар онҳо кардед, молу сарвати онҳоро дар ихтиёри онҳо қарор диҳед.

Ислом мегӯяд: болиғ шудан кофӣ нест, ки ятим аз таҳти қаймумат хориҷ шавад ва моле, ки моли худи ӯст, дар ихтиёри худаш қарор диҳем ва бигӯем, ба синни булуғ расидааст, ҳоло, ки ба синни булуғи қонунӣ расида, пас молу сарваташро дар ихтиёри худаш қарор диҳем. Қуръон мегӯяд: як шарти дигар ҳам ҳаст ва он рушд аст, баъд аз ин ки ба ҳадди булуғ расид, тоза бояд дар бораи ӯ озмоиш сурат бигирад, ки оё рушд дорад ё надорад, оё агар сармояеро дар ихтиёри ӯ қарор бидиҳем, метавонад онро нигаҳ дорад ва баҳрабардорӣ кунад ё на? Эй басо афроде, ки ба синни булуғи қонунӣ расида ва болиғи қонунӣ ҳастанд, аммо рушд надоранд, яъне наметавонанд сарватро нигаҳдорӣ ва аз он

баҳрабардорӣ кунанд. Мумкин аст афроди дигаре биёянд, инҳоро гӯл бизананд ва аз чангашон хориҷ кунанд. Ҳамон тавр, ки ишора шуд, ақл ва ҷунун як чиз аст, рушд ва берушдӣ чизи дигар аст, ҷунун беморӣ аст ва чорааш табибу дору аст ва берушдӣ маълули нақс дар таълиму тарбият аст, берушдӣ ноогоҳӣ ва беҳунарӣ аст, на беақлӣ.

Ислом дар масъалаи издивоҷ низ булуғ ва ақлро кофӣ намедонад, намегӯяд, як писар бо як духтар ба сирфи ин ки ба синни булуғ расиданд ва аз назари пизишкӣ ҳам оқил ташхис дода шуданд, кофӣ аст, ки ин писар ё духтар битавонанд издивоҷ бикунанд. Балки мегӯяд, пас аз он ки оқил буданд ва ба синни булуғ расиданд, тоза бояд як марҳилаи дигар ҳам тай карда бошанд, яъне бояд ба марҳилаи рушд расида бошанд. Албатта манзур танҳо рушди ҷисмонӣ нест, манзур ин аст, ки рушди фикрӣ ва руҳӣ дошта бошанд, яъне бифаҳманд, ки издивоҷ яъне чӣ? Ташкили конуни хонаводагӣ яъне чӣ? Оқибати ин бале гуфтан чист? Бояд бифаҳмад ин бале, ки мегӯяд, чӣ таъаҳҳудҳое ва чӣ масъулиятҳое ба ӯҳдаи ӯ мегузорад ва бояд аз ӯҳдаи анҷоми ин масъулиятҳо барояд.

Ва ҳамчунин оё барои як духтар сирфи ин ки оқил буд, яъне девона набуд ва болиғ буд, яъне ба синне расида буд, ки масалан агар издивоҷ бикунад, метавонад тавлиди фарзанд кунад, кофӣ аст, ки издивоҷ бикунад? Яъне оё "бале"-и ӯ кофӣ аст барои ташкили конуни хонаводагӣ ё на? Балки як шарти дигар ҳам лозим аст ва он рушд аст, яъне бифаҳмад чӣ мекунад, бифаҳмад, ки ин "бале"-и ӯ чӣ авоқибе дорад ва чӣ таъаҳҳуде ва чӣ масъулияте ба ӯҳдаи ӯ мегузорад ва чӣ коре бояд анҷом бидиҳад?

Ин аст мафҳуми рушд, ки дар қабули ҳамаи масъулиятҳо шарт аст, мунтаҳо, бо ақл ва бо булуғ ин тафовутро дорад, ки булуғ як сайри табиӣ дорад ва дар ихтиёри мо нест, ки онро ҷилав биандозем ва ё ақиб биандозем, беақлӣ ҳам беморӣ аст ва касе, ки ин нақсро дорад, худи ӯ масъулият надорад, дар ин ҷиҳат, дигарон масъулият доранд, ки агар қобили муолиҷа аст, бираванд муолиҷа кунанд, вале рушд як амри иктисобӣ аст. Яъне як амре аст, ки чун оқил ҳастем, болиғ ҳастем, мувазафем онро касб кунем.

## Таъриф ва ақсоми рушд

Ҳоло ман як таърифи ҷомеъ ва монеъе дар бораи рушд арз бикунам, баъд матолиберо, ки дар назар дорам дар бораи "рушди исломӣ" ба арзи шумо бирасонам: агар бигӯед, таърифи рушд чист, мо калимаи рушдро чӣ гуна таъриф бикунем? Арз мекунам, рушдҳо мутафовит аст, ҳар масъулияте рушди махсус ба худ лозим дорад. "**Рушд яъне лиёқат ва шоистагӣ барои нигаҳдорӣ ва баҳрабардорӣ аз имконот ва сармояҳое, ки дар ихтиёри инсон қарор дода шудааст**".

Ин маънии рушд аст. Агар инсон дар як мавзӯъи бахусус ин лиёқат ва ин шоистагиро дошт, рушди махсуси он мавзӯъро дорад.

Фарз кунед, шумо мехоҳед барои як муассисаи иқтисодӣ, як мудир таъйин кунед ва масъулияти дохилии ин ҷоро ба ӯҳдаи он шахси муайян бигузоред. Он шахси муайян мумкин аст лиёқати нигаҳдорӣ ва баҳрабардорӣ ва идораи ин ҷоро дошта бошад ва мумкин аст надошта бошад. Масъалаи мудирият, ки имрӯз мегӯянд, яке аз фурӯъи масъалаи рушд аст. Пас чунин шахсе агар лиёқат ва шоистагии нигаҳдории ин ҷо ва ҳадди аксари баҳрабардорӣ аз ин имконот ва аз ин сармояро дошта бошад, ин шахс рушди мудириро дорад ва агар чунин лиёқат ва шоистагии рушдеро надорад, набояд чунин масъулиятеро ба ӯҳдаи ӯ гузошт.

Имрӯз масъалаи мудирият, чӣ мудирияти бозаргонӣ, чӣ мудирияти санъатӣ, чӣ мудирияти идорӣ, чӣ мудирияти руҳонӣ фавқулъода мавриди таваҷҷӯҳи аср мост, асри моро мегӯянд асри мудирият, яъне асре, ки башар таваҷҷӯҳ пайдо кардааст, ки инсонҳо бояд дар корҳое, ки ба онҳо вогузор мешавад, рушд (ба таъбири исломӣ) дошта бошанд ва надоштани он ҳам узр нест, бояд биравем касб кунем ва таҳсил намоем.

## Рушди ҳайвон ғаризӣ ва рушди инсон иктисобӣ аст

Як тафовути инсон ва ҳайвон дар ҳамин масъалаи рушд аст, ки рушди ҳайвон рушди ғаризӣ ва рушди табиӣ аст, вале рушди инсон рушди иктисобӣ аст. Яъне ҳайвон ба таври ғаризӣ нисбат ба сармояҳое, ки Худованд барои зиндагиаш қарор дода огоҳ аст, сармояҳои худашро мешиносад.

Ҳайвон на танҳо огоҳии ғаризӣ ва шинохти ғаризӣ нисбат ба сармояҳо ва имконоти худ дорад, балки лиёқати нигаҳдорӣ ва баҳрабардорӣ ҳам ба наҳви ғаризӣ дорад, ба ҳукми ғариза медонад, ки чӣ гуна аз сармояи худаш баҳрабардорӣ кунад ва чӣ гуна ин сармояи худашро ҳифз ва нигаҳдорӣ кунад.

Занбӯри асал имконоти худро мешиносад, ба сармояҳои худ огоҳ аст ва ба ҳукми ғариза медонад, ки аз сармояҳое, ки дорад, чӣ гуна нигаҳдорӣ кунад ва чӣ гуна баҳрабардорӣ намояд.

Вале ин инсон аст, ин халифатуллоҳ аст, ки ҳамаи роҳҳое, ки ҳайвоноти дигар ба ҳукми ғариза ва таҳти қаймумати қонуни хилқат ва сарпарастии табиат анҷом медиҳанд, ин мавҷуди халифатуллоҳ бояд бо пойи худаш ва ба интихоби худаш ва бо масъулияти худаш анҷом бидиҳад, худаш бояд инҳоро барои худаш ба даст оварад.

Оре, рушд барои инсон як амри иктисобӣ аст, инсон бояд анвоъи рушдҳоро барои худаш касб кунад ва ба даст биёварад.

Ҳамин имрӯз ҷумлае авомона марбут ба ин мавзӯъ ба ёдам афтод. Гоҳе авқот дар таъбироти омиёна ҷумлаҳо ва калимоте пур аз маънӣ ёфт мешавад, намедонам ин ҷо ҳам ин истилоҳ роиҷ аст ё роиҷ нест, деҳотиҳои Хуросон вақте ки мехоҳанд бигӯянд, фалон баччаболиғ шуда, мегӯянд худашро шинохтааст. Ҷумлаи пурмаъное аст, яъне чунин фарз мекунанд, ки қабл аз ин аслан худаш худашро намешинохт. Худаш аз худаш огоҳ набуд ва ҳоло ба марҳилае расидааст, ки худашро мешиносад, дар сурате, ки қаблан ҳам худашро ба сурати шиносномаӣ мешинохт, медонист номаш чист? Номи падараш чист? Аҳли чӣ шаҳре аст ва тобеъи чӣ кишваре аст? Ишора ба ин аст, ки навъе огоҳии дигар ва шиносоии дигар ҳаст ғайр аз ин навъ огоҳии дигар ва шиносоии дигар ҳаст ғайр аз ин навъ огоҳӣ ва шиносоии худ. Кӯдак дар ҳоли кӯдакӣ он огоҳӣ ва шиносоиро ба худ надорад, агарчӣ эй басо инсонҳое, ки ҳафтод сол ва ҳаштод сол ва навад сол умр мекунанд ва мемиранд, вале худашонро намешиносанд. На худи фарди худашонро мешиносанд ва на худи миллии худашонро мешиносанд, на худи инсонии худашонро мешиносанд ва на худи исломии худашонро мешиносанд.

Мақсуд ин аст, ки мардуми мо иҷмолан ба навъе дигар аз шинохт нисбат ба худ ва шуъун ва ҳайсиёт ва шахсияти худ таваҷҷӯҳ доштаанд.

## Шароит ва имкони рушд

Аз ин ҷо маълум шуд, ки дар масъалаи рушд, аввал чизе, ки лозим аст масъалаи шинохт аст. Мо мехоҳем рушд ба даст оварем, мехоҳем, лиёқати нигаҳдорӣ ва баҳрабардорӣ аз сармояҳоро пайдо кунем, мехоҳем, шоистагии ин масъулияти бузургро касб кунем, мехоҳем бифаҳмем, ки оё дар фалон мавзӯъ рушд дорем ё надорем? Аз куҷо бифаҳмем? Шарти аввал ва рукни аввали рушд, шинохти саҳеҳ аст. Дар дараҷаи аввал бояд бибинем, оё аз вуҷуди имконоте, ки Худованд таборак ва таъоло дар ихтиёри мо қарор додааст ва сармояҳое, ки дар тӯли таърих пайдо кардаем, огоҳ ҳастем? Оё инҳоро мешиносем? Оё аз вуҷудашон огоҳӣ дорем ё на? Ё шарти аввали рушдро, ки огоҳӣ ва шинохт ва иттилоъ бар сармояҳо ва имконоти мавҷуд аст фоқидем.

Баъд аз марҳилаи шинохт марҳилаи қудрат, лиёқат, шоистагӣ, тавоноӣ барои нигаҳдорӣ ва барои баҳрабардорӣ аст.

Ҳоло, ки бо мафҳуми рушд ошно шудем ва дидем, ки дар масъулиятҳои исломӣ таваҷҷӯҳи хоссе ба мафҳуми рушд шудааст ва рушд ҳам як амри иктисобӣ аст ва як

масъулияти ҷудогона ба ӯҳдаи инсон меоварад, ки бояд таҳсили рушд намояд, бояд бидонем, ки анвоъи масъулиятҳо ва анвоъи рушдҳо дорем; рушди ахлоқӣ дорем, рушди иҷтимоӣ дорем, рушди сиёсӣ дорем, рушди миллӣ дорем.

## Рушди исломӣ

Дар миёни рушдҳо як рушд аст, ки мо номи онро “рушди исломӣ“ мегузорем. Ва баҳси мо имшаб дар бораи рушди исломӣ аст яъне чӣ? Яъне дар миёни ҳамаи масъулиятҳое, ки дорем, як масъулият ҳам дар бораи худи ислом дорем. Ислом ба унвони як сармояи маънавӣ ва як сарвати маънавӣ ва як имкони фавқулъода, ки дар ихтиёри мост, мо дар муқобили ин сармояи маънавӣ масъулият дорем. Чӣ масъулияте? Масъулияти шинохт, масъулияти ҳифз, масъулияти нигаҳдорӣ, масъулияти баҳрабардорӣ. Мо бояд ҳисоби худамонро бирасем, оё мо мардуми мусалмон чунин рушде дорем? Оё шинохти мо дар бораи ислом, шинохти саҳеҳе аст? Оё мо исломро мешиносем? То сармояи худамонро нашиносем ва аз вуҷуди он огоҳ набошем ва арзиши сармояи худамонро надонем, ки чист, шарти аввали рушдро воҷид нестем ва аз ҳамон қадами аввал ланг ҳастем.
Вақте ки вориди ин масъала мешавем, мебинем, ки мутаассифона матлаб аз ҳамин қарор аст. Мо имрӯз он аввалин шарти рушди исломиро, ки шинохт ислом ва сармояҳои исломӣ аст, надорем, мо фарҳанги исломиро намешиносем, балки ҳанӯз намедонем, ки ислом ҳам фарҳанге дорад, мо таърихи дурахшони худамонро намешиносем, намедонем, ки мо як таърихи бисёр дурахшони исломӣ доштаем ва дорем, мо шахсиятҳои бузурги худро, ки нақши бузурге дар тамаддуни олам ва дар таҳаввули ҷаҳон доштаанд, ҳанӯз намешиносем ва ба ҳамин ҷиҳат ба худамон эътимод надорем ва худамонро ҳақир мепиндорем. Бад-ин маънӣ, ки таърихи худамонро таърихи лоғар ва ҳақире мепиндорем. Агар мо чизеро надонем ва нашиносем, чӣ гуна метавонем онро ҳифз ва нигаҳдорӣ куним ва аз он баҳрабардорӣ намоем.

## Қуръонҳои нафис

Шояд ман ин достонро дар як ё ду суханронии дигар ҳам гуфта бошам, ки: ду се сол пеш буд ва шояд шумо ҳам дар рӯзнома хонда бошед, яке аз мудирҳои остони Қудси Разавӣ эълом кард, ки дар ҳудуди сесад ё чаҳорсад ҷилд Қуръони нафиси хаттӣ дар миёни варақпораҳое, ки дар сандуқҳо барои дур рехтан ва дафн кардан рехта буданд, кашф шуд. Ин Қуръонҳоро қаблан дохили сандуққое рехта буданд ва мехостанд ба унвони варақҳои пора онҳоро дур бирезанд, вале чун оёти Қуръон буд ва набоисте зери дасту

по биафтад, дар сандуқҳое рехта буданд, ки сари фурсат бибиранд дар хориҷ дафна кунанд. Ва хушбахтона қабл аз он ки дафн бишавад, ба василаи як марди рашид ва қадршинос кашф шуд ва аз дафни онҳо ҷилавгирӣ ба амал омад.
Қазия чӣ будааст? Қазия ин аст, ки дар тӯли таърихи чандсадсола, ки марқади муқаддаси ҳазрати Ризо (а) мавриди таваҷҷӯҳи зоирон будааст, аз тамоми табақот, аз салотин гирифта то вузаро, сарватмандони дигар, ҳунармандон, хаттотон хушнависон ва ҳамаи табақоти мухталиф, Қуръонҳои нафисе, ки дар хонаводаҳо доштанд; Қуръонҳое бо хутути бисёр олӣ ва дар ҳақиқат шоҳкори хаттӣ ва бо таҳзибҳои бисёр олӣ, ки намунаи олии ҳунар ва зебоӣ будааст ва бояд дар маҳалли амне ин сармояи ҳунарии исломӣ ҳифз шавад, онҳоро ба остонаи ҳазрати Ризо (а) эҳдо мекарданд. Баъдҳо дар асари белиёқатии наслҳои баъдӣ, ин мардуми нолоиқ, ин афроди ғайри рашид, ин афроде, ки арзиши ҳеч чизеро дарк намекунанд, моҳи Рамазон, ки мешуд ва баччаҳо меомаданд Қуръон бихонанд, ин баччаҳо ҳам, ки тоза ба истилоҳ мехостанд Қуръон ёд бигиранд, онҳоро варақ-варақ ва тикка-тикка мекарданд, вақте ки варақҳо пора мешуд, мегуфтанд, ин Қуръонҳо дигар қобили истифода нест ва онҳоро зери замин дафн кунед.
Ҳоло бибинед чӣ қадр аз ин Қуръонҳои нафис, ки нишонаи завқу имон ва ибтикор ва ҳунари пешиниён будааст ва нишонаи тамаддуни ин қавм ва миллат будааст, нишонаи алоқаи муфрити мардум ба китоби муқаддаси мазҳабиашон будааст, мебурданд зери хокҳо дафн мекарданд, намефҳмиданд чӣ чизеро доранд дафн мекунанд.
Ин аломат берушдӣ аст, аломати нашинохтани ҳунари гузаштагон, нашинохтани қадри эҳсоси гузаштагон ва аломати нашинохтани арзиши иҷтимоии онҳо барои як миллат ва сарафрозии онҳо дар баробари миллатҳои дигар аст.
Ёдам ҳаст, ки устоди бузургвори мо, ҳакими олиқадр марҳум Оқо Мирзомаҳдии Оштиёнӣ (Аълаллоҳу мақомаҳ!), ки воқеан марди ҳаким ва файласуфе буд ва дар ҳудуд бисту панҷ сол қабл ба Қум омада буданд ва тадрис мекарданд, қазияе нақл карданд. Эшон гуфтанд: рафта будам ба яке аз китобфурӯшиҳо ва китобе мехостам. Китобфурӯш як нусхаи хаттӣ аз китобе, ки ман намешинохтам ва дар риёзиёт буд, ба ман ироа дод ва гуфт: оқои Мирзо! Ин китоб шояд ба дарди шумо бихӯрад, шумо аз ман бихаред. Гуфтам: қиматаш чӣ қадр аст? Гуфт: даҳ тумон. Бо пули он мавқеъ даҳ тумон хеле зиёд буд ва ман ҳам надоштам, ки бидиҳам, вале вақте, ки китобро нигоҳ кардам, иҷмолан фаҳмидм, ки аз китобҳоест, ки риёзиюни исломӣ навиштаанд ва мумкин аст арзиши зиёде дошта бошад. Гуфтам: ман мехарам, ба шарти он ки дар қиматаш тахфиф бидиҳӣ. Китобфурӯш ҳозир нашуд тахфиф бидиҳад. Аммо ҳанӯз он китоб рӯйи он витрин буд ва мо доштем чона мезадем, ки як марди хориҷӣ ворид шуд ва чашмаш ба китоб афтод,

пурсид: қимати ин китоб чӣ қадр аст? Китобфурӯш гуфт: даҳ тумон. Ӯ фавран даҳ тумонро дод ва мисли барқ берун рафт. Баъд мо фаҳмидем ин китоб даст ба даст шуда ва дар ҳамин Теҳрон миёни нусхашиносҳо маболиғи ҳангуфти тақвим шуда, ки барои мо қобили тасаввур набуд.

Маълум шуд, аввалан худи китоб аз назари мӯҳтаво бисёр нафис буда ва сониян нусхаи мунҳасир ба фард буда ва китобро бурдаанд барои китобхонаҳои Урупо. Маълум шуд, ки ин одам аз Урупо, аз яке аз китобхонаҳои Урупо маъмурият дошта, ки ин китобро ва шояд бо баъзе китобҳои дигар назири ин китобро аз китобхонаҳои Машриқзамин пайдо кунад ва бибарад.

Ин тафовути як миллати рашид ва лоиқ аст, ки ҳатто арзиши сармояҳои дигари онро ҳам дарк мекунад ва баъд китобҳои он ҷоро ҷамъ мекунад ва замимаи китобхонаи худаш менамояд. Бо миллате, ки чунин собиқаи дурахшоне доштааст ва ба ин ҳадди белаёқатӣ расида, ки аслан намедонад чунин сармояҳое ҳам дорад ва бояд онро ҳифз ва нигаҳдорӣ намояд.

Шумо алъон агар бихоҳед беҳтарин китобҳои Машриқзамин ва нусхаҳои бисёр олии исломиро пайдо кунед, дар куҷо метавонед пайдо кунед? Дар Теҳрон метавонед пайдо кунед? Дар Исфаҳон метавонед пайдо кунед? Хайр! Дар китобхонаҳои Урупо ё Омрико ё Шӯравӣ метавонед пайдо кунед ё лоақал дар он ҷо беҳтар метавонед пайдо кунед.

Хушбахтона дар бархе аз кишварҳои исломӣ монанди Туркия ва Ҳинд ва то ҳадде Миср ва Эрон баъзе китобхонаҳои боарзиш ҳаст, аз ҳамакнун бояд қадри онҳоро бидонем. Ин як намунаи кучаке аст, ки ман дорам барои шумо арз мекунам.

## Биноҳои таърихӣ

То чанд сол пеш биноҳои таърихӣ, ки мо дар ҳамин мамлакат дорем, дар вазъе буд, ки ҳар касе меомад ва мерафт ва ҳар кор дилаш мехост, мекард, агар баччае мерафт чашмаш ба як кошӣ меафтод, мех бармедошт ва мезад ба он кошӣ ва мешикаст, ҳеч кас набуд, ки ҷилавашро бигирад, дар сурате, ки агар мардуми дигар чунин шоҳкорҳое дошта бошанд, ки дар шашсад сол пеш, дар ҳафтсад сол ё сесад-чаҳор сад сол пеш ба вуҷуд овардаанд ва аломати собиқаи фарҳанг ва тамаддуни онҳо ба шумор меравад, ҳозир нахоҳанд шуд як оҷури онро ба қимати як миллион доллар бидиҳанд.

Пас мо чаро ин тавр ҳастем? Барои ин ки дарк надорем, шинохт надорем. Мисол хеле зиёд аст.

Аз шахсияти мувассақ ва мӯҳтараме ахиран шунидам, ки таваҷҷӯҳ ба ҳифозати гунбади масҷиди шайх Лутфуллоҳ, ки дар Исфаҳон аст, аз замоне оғоз шуд, ки як нафар Эроншиноси маъруф яъне профессор Поп (*Arthur Upham Pope*), ки ахиран фавт кард ва дар Исфаҳон тибқи васияти худаш дафн шуд, омад ва ба таври ҷиддӣ ба авлиёи умур тазаккур дод, ки агар ин асарро ҳифз накунед ва хароб шавад, ба башарият хиёнат кардаед, ин гуна осор ва шоҳкорҳо ба башарият таъаллуқ дорад ва таҷаллии зебоии руҳи башарият аст.

Пас аз ин тазаккур буд, ки мо дар садади ҳифз ва нигаҳдорӣ баромадем.

## Донишмандони исломӣ

Яке аз захоири бузурги мо донишмандони гаронқадри мо ҳастанд. Намедонам, чӣ тавр шуда, ки дар мо ҳисси танаффур аз гузашта пайдо шудааст. Шояд ин танаффур мавлуди эҳсоси ҳақорат нисбат ба гузашта аст. Ғолибан хаёл мекунанд, ки дар гузашта донишманде, ки бишавад ӯро ба ҳисоб овард, дар миёни мо вуҷуд надоштааст. Бархе гумон мекунанд, ки масалан тибби Ибни Сино дар ҳудуди муолиҷоти пиразани қадимӣ будааст, ё гумон мекунанд, риёзиёти риёзиюни мо аз қабири Ибни Ҳайсам, Хоразмӣ ва Хаём, дар ҳудуди иттилооти донишомӯзони дабиристонии имрӯз будааст. Кор ба ҷойе кашидааст, ки мо арзиши донишмандони худро бояд аз забони дигарон бишнавем. Яъне имрӯз агар аз амсоли Бӯалӣ ва Форобӣ ва Абӯрайҳони Берунӣ ва Хайёми риёзӣ ва Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва Мавлавӣ ва Саъдӣ ва Ҳофиз таҷлилу такрим мекунем, ба далели ин аст, ки мебинем, дар таърихи улум ва адабиёте, ки урупоиён навиштаанд, ин шахсиятҳо мавқеияти барҷастае доранд ва баъзе аз онҳо аз навобиғи тирози аввали ҷаҳон ба шумор меравaнд. Ва ба ҳамин хотир ҳар шахсиятеро, ки урупоиён ба расмият нашиносанд, худамон ҷуръат намекунем аз ӯ ном бибарем.

То чанд сол пеш, ки Садрулмуталлиҳини Шерозӣ, ориф ва ҳакими илоҳии маъруфи мо аз забони фарангиҳо муаррифӣ нашуда буд, миллати мо бовар намекард, ки ин файласуф дар риштаи худ андешаҳои бисёр баланде доштааст, аммо ахиран ба василаи баъзе мусташриқин мақоми фалсафӣ ва дар маҳофили илмии ҷаҳон эълом шуд, каму беш мо ҳам дар навиштаҳои худ номе аз ӯ мебарем.

## Муқаррароти исломӣ

Аз ҳамаи сармояҳо болотар ва муҳимтар ва пурарзиштар, ки модар ва манбаъи соири сармояҳо аст, худи муқаррароти исломӣ аст. Он чи то кунун мисол овардем, дар бораи

мероси фарҳанг ва тамаддуни исломӣ буд, аз худи ислом яъне аз матни ислом, аз муқаррароти ислом мисол бизанем:

Солҳост, ки дар асари берушдии мо, дар асари белиёқатии мо, дар асари адами шинохти мо аз ислом ва фалсафаи иҷтимоӣ ва инсонии ислом, муқаррароти ислом ба унвони чизҳои дуррехтанӣ тадриҷан аз мадори зиндагии иҷтимоии мо хориҷ мешавад ва ба ҷойи онҳо муқаррароти мавзӯъа ва маҷъулаи дигарон ҷонишин мегардад.

Оё дар ин кор мутолеае ба амал меояд? Яъне мо воқеан нишастем ва мутолеа кардем ва дидем масалан муқаррароти ҷазоии ислом, муқаррароти қазоии ислом, муқаррароти хонаводагии ислом қодир ба танзими саҳеҳи иҷтимоъ ва хонавода нест? Агар аз рӯйи мутолеа коре сурат гирад, ҷойи гила нест, мутаассифона таваҷҷӯҳ ва мутолеа надорем.

Ба унвони мисол, яке аз қавонини ҷазои исломро зикр мекунам махсусан мисоле интихоб мекунам, ки аз назари мухолифин ҷойи эроди зиёде аст.

## Муҷозоти дуздӣ

Дар қавонини ҷазоии ислом масъалаи буридани ангуштони дуздро зикр мекунам, ки имрӯз ҷору ҷанҷол роҳ андохтаанд ва мегӯянд, дунёи имрӯз дигар наменписандад, ки дасти дуздро бибурранд, талвеҳан мехоҳанд бигӯянд, мо аз худ рушд надорем, мо аз худ шинохт надорем, мо аз худ ташхис надорем. Мо аз худ тамйиз надорем, мо аз худ фаҳм ва интихоб надорем, мо муваззаф ва балки маҳкумем, ки писанди дигаронро б250 биписандем, ташхиси мо тобеъи ташхиси дигарон бошад.

Агар биност аз худ фикре надошта бошем ва ташхис надошта бошем, дигарон ба ҷойи мо ва барои мо фикр кунанд ва ташхис диҳанд, ки сухане надорем. Аммо агар биност як зарра ба худ ҷуръат диҳем, ки фикр кунем ва ташхис дошта бошем, арз мекунам, чаро буридани ангуштони хоин ва дузд норавост?

Матлаб аз чанд сурат холӣ нест ё бояд бигӯем, дуздӣ муҷозот надорад, аз боби ин ки масъалаи муҳимме нест, ҳар кас дуздӣ кард, набояд коре ба кораш дошт ва аҳёнан агар муҷозот мешавад,ончунон мулойим бошад, ки бори дигар ташвиқ шавад ва такрор кунад. Ва ё бояд бигӯем, дуздро набояд муҷозот кард, балки тарбият кард ва наҷот дод. Ин сухани хеле фиребанда ва авомписанд аст, аммо сухан дар ин нест, ки ё тарбият ё муҷозот, (балки) сухан дар ин аст, ки он ҷо, ки тарбияти мусбат ва мулойим муассир нашуд, чӣ бояд кард? Оё муҷозот худ охирин давои тарбият нест? Ва ё бояд бигӯем, ки буридани ангушти дузд хушунат аст ва бояд ба камтар аз он масалан чанд зарба шаллоқ қаноат кард.

Ҷавоб ин аст: милоки хушунат ва мулойимат чист? Дуздӣ зарар ба амонат аст, зарба ба номуси иҷтимоъ аст, доиман мебинем ва мехонем, ки худи дуздӣ аҳёнан мунҷар ба куштанҳо ва кушта шуданҳо ва дасту по шикастнҳо ва ноқисулхилқа шуданҳо мешавад. Бояд дид, чӣ муҷозоте қодир аст, ки нақши охирин даворо бозӣ кунад.

Таҷриба нишон додааст, ки дар ҷоҳое, ки ин муҷозот иҷро намешавад, садҳо ва ҳазорҳо дуздӣ мешавад ва хонумонҳое сукут мекунад ва одамҳое кушта мешаванд ва одамҳои дигаре ноқисулузв мегарданд, аммо он ҷо, ки ин қонун иҷро мешавад, бо буридани ангуштони як дузд ба куллӣ боби дуздӣ бо ҳамаи табаъот ва осори қаҳриаш аз байн меравад. Буридани ангуштони хиёнати як хоин хушунат нест, балки ҷилавгирӣ аз хушунат аст. Ҷилавгирӣ аз як силсила хушунатҳои сад дараҷа сахттар аст.

Албатта ин нукта бояд ногуфта намонад, ки аз назари ислом қавонини ҷазоӣ он гоҳ иҷро мешавад, ки қаблан сареҳан эълом шуда бошад ва муртакиб бо огоҳӣ ба ин ки муҷозот чист муртакиби ҷурм шуда бошад.

Нуктаи дигар ин ки аз назари ислом, муҷозот охирин даво ва охирин омили тарбиятии иҷтимоъ аст. Ислом намегӯяд, ягона роҳи мунҳасири ҷилавгирӣ аз дуздӣ ё ҷинояти дигар, муҷозот аст, ислом аз ҳамаи омилҳои дигар истифода мекунад ва аз он ҷумла муҷозот.

Масъалаи дигар, ки бояд гуфта шавад ин аст, ки бархе ба чизи дигар часбидаанд ва мегӯянд: фарз кунем, ки дар як кишваре дасти дуздро бибурранд, дасти кадом дуздро мебурранд? Албатта даст офтобаи дуздро, дасти касеро мебурранд, ки тибқи қавонини мавҷуд амалаш сирқат шумурда шавад ва ҳол он ки мумкин аст дар ҳамон кишвар афроде аз қавонини золимонаи мавҷуд истифода кунанд ва ҳуқуқи ҳаққаи дигаронро ба ҳукми қонун ба худ ихтисос диҳанд ва чун амалашон аз назари қавонин дуздӣ нест, муҷозоти даст бурридан дар бораи онҳо иҷро нашавад, пас чӣ фоида аз чунин қонуне?

Натиҷаи инчунин қонун ин аст, ки як мафлуки бечора, ки аз рӯйи изтирор дуздии мухтасаре муртакиб шудааст, дасташ буррида шавад, аммо дузди зару зӯрдор, ки садҳо ҳазор баробари ӯ ба ҳуқуқи оммаи мардум таҷовуз кардааст, масун ва маҳфуз ва мӯҳтарам бимонад.

Ин эрод аз эродҳои дигар сустар ва музҳиктар аст, магар маънии ин ки муҷозоти дуздӣ бурридани ангуштон аст ин аст, ки аз назари вазъи қавонин вазъ ба ҳар минвол буд ва ё дузд агар зару зӯр дошт, набояд мутаъарризи ӯ шуд. Масъалаи бурридани ангуштони дузд дар ислом ҷузъе аз як тарҳи куллӣ аст, ки шомили вазъ ва иҷрои қавонини одилона низ ҳаст.

## Адами таваҷҷӯҳ ба масъулиятҳо

Масъалаи адами таваҷҷӯҳи мо ба мсълияти ҳифз ва нигаҳдории муқаррароти исломӣ аз роҳи адами шинохти мо ба фалсафаи низомоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ҷазоӣ, хонаводагии ислом ва адами қудрат ва тавоноии мо бар дифоъ аз онҳо, яке аз масоили бисёр ҳассос аст.

Хушбахтона дар солҳои ахир то ҳадде бедорӣ пайдо шудааст, афроди бедор вақте ки амиқан низомоти исломиро мутолеа мекунанд, аз ду ҷиҳат дар шигифт мемонанд. Яке аз ҷиҳати умқи эъҷозомези фалсафаҳои иҷтимоии ислом, ки ҷуз шуоъи ваҳй ҳеч қудрати дигар наметавонад чунин биниши нофизе дошта бошад. Дигар аз ҷиҳати камоли бехабарӣ ва белиёқатии муддаъиёни ҳиросат ва нигаҳбонии ин муқаррарот.

## Бехабар аз он чи дар ҷаҳони ислом мегузарад

Мисоли дигар аз берушдиҳои худамон биёварам: як ҷомеаи зинда аз ҷумлаи хусусиёташ ин аст, ки ҳар нороҳатӣ, ки бар як узв ворид ояд, тамоми пайкар огоҳ ва балки бетоб мешавад ва ҳамдардӣ мекунад. Ҷумлаи маъруфи Расули Акрамро ҳама шунидаем:

مثلُ المؤمنين في تَوادِّهم وتَراحُمِهم وتعاطُفِهِمْ، مثلُ الجسَدِ إذا اشتكى منْهُ عضوٌ تداعَى لَهُ سائِرُ الجسَدِ بالسَّهَرِ والْحُمَّى

(*Ривояти Бухорӣ ва Муслим*) Хоссияти мавҷуди зинда ин аст, ки агар дарде оризи узве шавад, ҳамаи пайкар бохабар мешавад ва ҳамдардӣ мекунад.

Як ҷомеаи зинда низ ҳамин тавр аст, як ҷомеаи зинда аз саргузаштҳои дардноки аъзоъи худаш бехабар намемонад, ҳамчунон ки бетафовут низ намемонад, ҳадди ақал бохабар шудан аст.

Дар суханрониҳои “Хитоба ва минбар“, ки ба муносибат, дар бораи намози ҷумъа баҳс кардам, ривояти маъруфи ҳазрати Ризо (а)-ро нақл ва тафсир кардам. Дар он ҷо Имом мефармояд:

وإنما جعلت الخطابة يوم الجمعة لأن الجمعة مشهد عام فأراد أن يكون للأمير سبب الى موعظتهم وترغيبهم في الطاعة وترهيبهم من المعصية وتوقيفهم على ما أراد من مصلحة دينهم ودنياهم ويخبرهم بما ورد عليهم من الآفاق

(*Васоилуш-шиъа, ҷ.1, с.457*) Яъне дар рӯзи ҷумъа аз он ҷиҳат хитоба (ба ҷойи ду ракъат аз чаҳор ракъат) қарор дода шуда, ки рӯзи ҷумъа рӯзи иҷтимоъи умумӣ аст (бар ҳама воҷиб аст дар шуоъи як фарсах аз марказ иқомаи намози ҷумъа ширкат кунанд) ва ин

василае аст, ки фармондеҳи муслимин ба ин васила мардумро мавъиза мекунад, ба тоъот тарғиб ва аз маъосӣ таҳзир менамояд. Дигар ин ки мардумро дар чараёни масолеҳи дину дунёяшон қарор медиҳад. Севвум ин ки гузориши хабарҳое, ки дар ҷаҳон рух дода, ба онҳо медиҳад.

Шоҳиди ман ҳамин ҷумлаи охир аст, ки: ислом намози ҳафтагии ҷумъаро воҷиб кардааст барои умуре, аз он ҷумла барои огоҳӣ аз он чи дар ҷаҳон (билхусус ҷаҳони ислом) мегузарад.

Вале вақте, ки мо дар таърихи шаш ё ҳафт қарни ахири худамон диққат мекунем, бехабарии маҳзро мебинем. Яке аз ҳассостарин ва шарифтарин узвҳои ин пайкар, золимона буррида мешавад ва соири аъзо огоҳ намешаванд. Достони Андалуси исломӣ, ки яке аз се маркази тамаддуни азими исломӣ буд ва Урупо неҳзати худро ва тамаддуни худро мадюни тамаддуни исломии Андалус аст, мисоли хубе аст барои мо. Ин узви азиз ва шариф ба фаҷеътарин шакле қатъ мешавад. Аммо шарқи исломӣ то садҳо сол огоҳ намешавад, ки чунин ҳодисае рух додааст.

Имрӯз ҳам каму беш ҳаводисе барои ин ҷомеа, ки бисёр дарднок аст, мисли ҷараёни Филиппин ва ғайра рух медиҳад ва камтар огоҳӣ дар бораи онҳо ҳаст, то чӣ расад ба ҳамдардӣ.

## Рушд аз назари омӯзишу парвариш

Қаблан гуфтем, ки ҳайвонот низ дар шуъои ҳаёти худ, аз навъе рушд баҳрамананд, ба таври ғаризӣ суду зиёни худро ташхис медиҳад ва ба таври ғаризӣ омодагӣ ва лиёқати нигаҳдорӣ ва баҳрабардорӣ аз имконоти худро доранд. Он чиро, ки огоҳӣ надоранд ва ё лиёқати баҳрабардорӣ надоранд, чизҳое аст, ки дар низоми хилқат ҷузъи имконоти онҳо қарор нагирифтааст.

Вале рушди инсон иктисобӣ аст, бояд инсон онро таҳсил кунад, огоҳиҳои лозими инсон касбӣ аст, ҳамчунон ки қудратҳо ва тавоноиҳо ва лиёқатҳо ва омодагиҳои инсон барои нигаҳдорӣ ва баҳрабардорӣ аз имконоте, ки дар низомоти хилқат, дар хӯри фаъолияти ӯ қарор дода шуда низ иктисобӣ аст.

Омӯзишу парвариш ба таври куллӣ мутаваҷҷеҳи ин ду ҷиҳат аст. Омӯзишҳо мутаваҷҷеҳи огоҳибахшиҳост, ки як рукни рушд аст ва парваришҳо мутаваҷҷеҳи тавоноибахшиҳост, ки рукни дуввуми он аст.

## Вусъати майдони рушди инсонӣ

Акнун мегӯем, тафовути дигари рушди ҳайвон бо рушди инсон ин аст, ки рушди ҳайвон “ҳолӣ“ ва “минтақаӣ“аст, вале рушди инсон на маҳдуд ба замони ҳол аст, балки шомили мозӣ ва истиқбол ҳам ҳаст ва на маҳдуд ба минтақаи зиндагӣ аст, шомили маконҳои номаҳдуд мешавад.

## Қудрати пешбинӣ

Рушди инсон аз назари гузашта ва мозӣ ҳамон аст, ки қаблан ишора шуд, яъне огоҳӣ ба саргузашт ва таърихи худ ва баҳрабардорӣ аз имконоти таърихӣ. Аммо аз назари оянда ва мустақбал иборат аст аз қудрати пешбинии оянда, яъне ҳаводиси ояндаро пешбинӣ кардан ва пешопеш онҳоро таҳти забту контрол даровардан ва ба иборати дигар, бар замон савор шудан ва ҳидоят ва раҳбарии замонро бар асоси қавонин ва сунане, ки бар замон ва таърих ҳоким аст, бар ӯҳда гирифтан.

Намунаашро каму беш дар миёни баъзе милали пешрафта мебинем, ки чӣ гуна ҳаводисро пешбинӣ мекунанд ва пешопеш ба истиқболи ҳаводис мераванд ва ҳатталимкон ҳаводисро таҳти забту контроли худ қарор медиҳанд.

Ба истиқболи оянда рафтан ва онро таҳти контрол даровардан, ки аломати рушди иҷтимоӣ аст, фаръ бар ин аст, ки инсон ояндаро пешбинӣ кунад, албатта пешбинии илмӣ яъне бар асоси қавонини илмӣ, на пешбинӣ аз қабили пешбиниҳои ғайбгӯён, ки ҳамасола аз Фарвардин иддае ҳаводиси соли ояндаро пешгӯӣ мекунанд ва сирфан як саргармӣ аст. Ва аҳаде ҳам охири сол ҳисоб намекунад, ки ин мӯҳмалот чӣ аз об даромад! Пешбинии илмии оянда фаръ ва шинохти омилҳои замони ҳол аст. Ба иборати дигар, фаръи шинохти муқтазаёти замон аст, пас пешбинӣ намекунанд ва намешиносанд ба тариқи авло наметавонанд ояндаро пешбинӣ кунанд ва таҳти забту контроли худ дароваранд.

Он чи то кунун гуфтем, алоими манфии берушдиҳо буд, яъне бехабариҳо, бетафовутиҳо, беиттилоъӣ аз шароити замон, пешбинӣ накарданҳо, ҷуз ҷилави пойи худ надиданҳо ва амсоли инҳо. Ин “бе”-ҳо ҳар кадом ба навбаи худ нишони бершудӣ аст.

## Алоими мусбати берушдӣ

Ҳоло чанд намуна ҳам аз алоими мусбати берушдӣ бигӯем. Шояд дар миёни мо “бо“-ҳо камтар аз “бе”-ҳо ва ҳаракатҳо камтар аз сукунҳо нишони берушдӣ набошад. Дар ин ҷо ночорем, хеле ба таври ишора бигӯем ва бигузарем:

## Интишорот ва матбуот

а) Интишорот ва матбуоти ҳар мардуме намоёнгари сатҳи рушди онҳост. Як нигоҳе бо осори мунташираи мо ба номи ислом ва дин ва мазҳаб метавонад сатҳи рушди ҷомеаи моро бифаҳмонад. Ду муқоиса дар ин ҷо лозим аст: яке муқоиса миёни матбуоти динӣ ва исломии замони ҳозири мо бо осор ва кутуби қуруни аввалияи исломияи худамон. Агар китобҳои ин замони худамонро бо китобҳои ҳазор сол пеши худамон муқоиса кунем, мӯҷиби шармандагӣ хоҳад буд.

Фарангиҳо мегӯянд, агар ба китобҳои ғарбӣ мехоҳед руҷӯъ кунед, бад-он китобҳо руҷӯъ кунед, ки таърихаш ба шумо наздиктар аст, зеро кутуби ғарбӣ ҳар чи ҷилав омада беҳтар ва мутқантар ва илмитар ва таҳқиқитар шудааст. Вале агар ба китобҳои шарқӣ ва исломӣ мехоҳед руҷӯъ кунед, ҳар чи метавонед ба китобҳое руҷӯъ кунед, ки таърихаш аз шумо дуртар аст ва марбут аст ба қуруни аввалияи исломӣ, зеро ҳар чи ҷилавтар омада беарзиштар шудааст.

Албатта миқдоре муболиға аст, вале бидуни шак китобҳои ба истилоҳ таблиғӣ ва дифоъии исломии мо ҳамин тавр аст, ағлаб иинҳо зиёнашон аз судашон бештар аст, ғолибан ба ҷойи он ки огоҳкунанда ва бедоркунанда бошанд, тахдирӣ ва мунҳарифкунандаанд. Ба ҷойи он ки ҳидояткунанда бошанд, гумроҳ кунандаанд.

Шояд иллати умдаи ин амр беназмӣ ва беташкилотии созмони руҳонияти мост, ҳар ки аз модари худ қаҳр карда, ҳавас мекунад дар бораи ислом китоб бинависад ва менависад ва аҳёнан аз як мақоми машҳур ва руҳонӣ ҳам тақриз мегирад ва дигар вовайло ва вомусибато!

## Масорифи нерӯҳои мағзӣ

б) Нерӯҳои мағзии мутафаккирони ҳар қавм, ки метавонанд афкор ва андешаҳои бадеъ арза бидоранд, аз ҷумлаи сармояҳои зиқимати он қавм ба шумор меравад. Вале бояд дид, ин сармояҳо сарфи чӣ масоиле мешавад? Он чи ки ба рушд ва берушдӣ марбут аст, доштан ва надоштани мағзҳои қавӣ нест, балки ин аст, ки ин нерӯҳои мағзӣ сарфи чӣ масоиле мешавад? Мағзи қавӣ монанди бозуи қавӣ аст, доштани бозуи қавӣ ба худии худ муваллид нест, фаразан як бозуи қавӣ доиман хоки шӯразорро зеру рӯ кунад ва аз нуқтае ба нуқтаи дигар бибарад, чӣ фоидае дорад?

Гоҳе бархе ҷомеаҳо нерӯҳои мағзиашон, яъне шарифтарин ва азизтарин сармояи инсониашон сарфи масоили бефоида ва ё камфоида мешавад. Яъне дар миёни ҳазорон масоили мушкили назарӣ ва амалӣ, ки фаврият дорад ва сахт мавриди ниёзи иҷтимоъ

аст, танҳо таваҷҷӯҳи мағзҳо бо як силсила масоили такрорӣ аст, ки агар ҳалшуданӣ будааст, то ҳоло ҳазор бор ҳал шудааст ва агар ҳам ҳалношуданӣ аст, то абад ҳал нахоҳад шуд. Вале одати урф бар ин ҷорӣ аст, ки нубуғҳо ва истеъдодҳо сарфи ҳамон масоили такрорӣ шавад ва маҳсули қобили таваҷҷӯҳе надошта бошад.
Мисли ин ки масалан дар миёни мо одат бар ин ҷорӣ аст, ки миқдори бисёр зиёде аз нерӯҳо сарфи ҳалли шубҳаи “Ибни Қубба“ ва ё шубҳае аз ин қабил, ки ҳазор бор ҳал шудааст бишавад ва ҳол ин ки ҳазорҳо масъалаи муҳимтар аз шубҳаи Ибни Қубба ва фавритар ва ҳаётитар ва мавриди ниёзтар аз шубҳаи Ибни Қубба дорем ва аҳаде дар фикри онҳо нест. Гӯӣ то доманаи қиёмат танҳо мушкиле, ки мураттаб дар борааш бояд андешид, ҳамин мушкил аст ва чанд мушкили дигар шабеҳи ин мушкил. Дар ин ҷо беш аз ин тавзеҳе наметавонам бидиҳам.

## Ҳассосиятҳо

Яке дигар аз алоими рушд ва берушдӣ, ҳассосиятҳои иҷтимоӣ аст, ҷомеаҳо дар ҳассосият нишон доданҳо бо якдигар ихтилоф доранд. Иштибоҳ аст агар хаёл кунем, ки як ҷомеаи ба истилоҳ динӣ ҳассосиятҳояш ҳамеша рангу шакли динӣ дорад ва аҳёнан ангезаи динӣ ҳам дорад, вале оё агар ҳассосиятҳо дар мавзӯъоти динӣ буд ва ҳатто ангезаҳо ҳам динӣ буд, кофӣ аст, ки он ҳассосиятҳоро бо он дин ва масолеҳи он дин мунтабиқ бидонем? Ҷавоб ин аст: на! Нуктаи муҳим ҳамин ҷост.
Гоҳе мардум ба иллатҳои хосси иҷтимоӣ, дар бораи баъзе масоил бисёр усулии дин ҳассосияти худро аз даст медиҳанд, гӯӣ шуъурашон нисбат ба он усул хуфта аст, ба чашми худ мебинанд, ки он усул поймол мешавад, вале кайкашон ба истилоҳ намегазад. Вале дар бораи баъзе масоил, ки аз назари худи дин ҷузъи усул нест, ҷузъи фурӯъ аст, ё аҳёнан ҷузъи фурӯъ ҳам нест, ҷузъи шаоъир аст, ё хайр ҷузъи усул аст, вале билохира асле аст дар арзи аслҳои дигар, ончунон ҳассосият нишон медиҳанд, ки ҳатто таваҳҳуми хадшае бар он, ё шойеъаи дурӯғи хадша бар он, онҳоро ба ҷӯш меоварад.
Гоҳе ҳам ҳассосиятҳои козиб дар ҷомеа ба вуҷуд меаваранд, яъне мардум дар бораи умуре ҳассосият нишон медиҳад, ки далеле надорад. Яке аз оқоён нақл мекарданд, ки дар яке аз шаҳристонҳо марде аз касаба, ки хеле муқаддас буд, Худо ба ӯ фарзанде надода буд ҷуз як писар, он писар барояш хеле азиз буд, табъан лусу нунур (эрка) ва ҳоким бар падару модар бор омада буд. Ин писар кам-кам ҷавоне барӯманд шуд. Ҷавонӣ, фароғат, пулдорӣ, лусиву нунурӣ даст ба дасти ҳам дода буд ва ӯро ҷавоне ҳарза бор оварда буд. Падари бечора хеле нороҳат буд ва бачча ба суханонаш гӯш намедод. Ва аз

тарафе чун ягона фарзанди падар буд, падар ҳозир намешуд тардаш кунад. Месӯхту месохт. Кори ҳарзагии фарзанд ба ҷойе расид, ки кам-кам дар хонаи падар, ки ҳеч вақт ҷуз маҷолиси мазҳабӣ маҷлисе ташкил намешуд, басоти машруб паҳн мекард. Тадриҷан занони ҳар ҷойеро меавард, падари бечора дандон ба ҷигар мегузошт ва чизе намегуфт. Дар он авқот тоза "гуҷа фарангӣ" (помидор) ба Эрон омада буд. Иддае алайҳи ин гуҷаи "малъуни фарангӣ" таблиғ мекарданд ба унвони ин ки фарангӣ аст ва аз фаранг омада, ҳаром аст ва мардум ҳам намехӯрданд ва тадриҷан мардуми он шаҳр ҳассосияти шадиде дар бораи гуҷа фарангӣ пайдо карда буданд ва аз ҳар ҳароме дар назарашон ҳаромтар буд.

Дар он шаҳр ба ин гуҷа "арманӣ бодимҷон" мегуфтанд, ин лақаб аз лақаби "гуҷа фарангӣ" ҳоддтар ва тундтар буд, зеро калимаи гуҷа фарангӣ фақат ватани ин гуҷаро мушаххас мекард, вале калимаи "арманӣ бодимҷон" мазҳабу дини онро муайян кард!

Қаҳран дар он шаҳр таъассуб ва ҳассосияти мардум алайҳи ин тозаворид бештар буд. Рӯзе ба он ҳоҷӣ, ки писараш ҳарза ва лоуболӣ шуда буд ва худаш хун мехӯрд ва хомӯш буд, аҳли хона хабар доданд, ки имрӯз оқописар кори тозае кардааст, як дастмол "арманӣ бодимҷон" бо худ ба хона овардааст. Падар вақте, ки ин хабарро шунид, дигар тобу тавонро аз даст дод. Омад писарро садо зад ва гуфт: писар! Шароб хӯрдӣ, сабр кардам, дунболи фаҳшо рафтӣ, сабр кардам, қимор кардӣ, сабр кардам, хонаамро маркази шаробу фаҳшо кардӣ, сабр кардам, ҳоло корро ба ҷойе расондаӣ, ки "арманӣ бодимҷон" ба хонаи ман овардаӣ. Ин дигар барои ман қобили таҳаммул нест. Дигар ман аз ту писар гузаштам, бояд аз хонаи ман ба ҳар гӯре, ки мехоҳӣ биравӣ.

Ин намунае буд аз ҳассосиятҳое, ки дар мавриди ҳечу пуч ва ё дар мавриди умури ҷузъӣ пайдо мешавад, сад баробари ҳассосияте аст, ки дар мавриди умури асосӣ пайдо мешавад, кори ҳассосият ба ҷойе мерасад, ки таҳаммули "арманӣ бодимҷон" аз таҳаммули шаробу қимору фаҳшо душвортар мегардад.

Аммо намунаи ҳассосиятҳои козиб дар мавриди масоили аслӣ. Ҳатман таъаҷҷуб мекунед, ки чӣ гуна мумкин аст дар мавриди масоили усулӣ, ҳассосиятҳои козиб ба вуҷуд ояд. Таъаҷҷуб надорад, далели козиб буданаш ин аст, ки усули дигар дар ҳамон дараҷа ё болотар поймол мешавад ва ҳеч ҳассосияте нест, пас маълум мешавад он ҷо ҳам, ки ҳассосият ҳаст, ҳассосияти козиб аст.

Магар дида нашудааст, ки аз ноҳияе заработи сахт бар пайкари ислом ворид шудааст ва ба муқаддасоти дараҷаи аввал, масалан ба шахси Расули Акрам (с ), дар камоли сароҳат иҳонат шуда ва ифтироҳо ба вуҷуди муқаддасаш баста шудааст, гурӯҳҳо аз ин роҳ мунҳариф шудаанд, мардуми боилму иттилоъ ҳассосияти зиёде нишон надодаанд ва ба

таассуф ва нороҳатии қалбӣ қаноат кардаанд. Вале дар ҳамон ҳол рӯйи як масъалае, ки аҳёнан ношӣ аз як ғафлат ва иштибоҳ буда ва ғаразе дар кор набудааст, эй басо тазаккури дӯстона мушкилро ҳал мекард, чӣ ҷору ҷанҷол роҳ меафтад, ки ҷуз душманони ислом касе аз он суд намебарад.

## Инфоқот

Намунаи дигар барои нишон додани рушд ва берушдӣ, инфоқоти мардум аст, пулҳое, ки мардум ба унвони инфоқ ва фӣ сабилиллоҳ масраф мекунанд, навъи масорифе, ки интихоб мекунанд, намоёнгари сатҳи рушди исломии мардум аст.

Қуръони Карим дар боби асари инфоқот баёни аҷибе дорад, ҳам барои инфоқоти баҷо ва масорифи муфид (дар истилоҳи Қуръон:

في سبيل الله

— масал меоварад ва ҳам барои инфоқоти ғалат масал меоварад. Масале, ки барои инфоқоти баҷо меоварад ин аст:

مَثَلُ الَّذِينَ يُنْفِقُونَ أَمْوَالَهُمْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ كَمَثَلِ حَبَّةٍ أَنْبَتَتْ سَبْعَ سَنَابِلَ فِي كُلِّ سُنْبُلَةٍ مِائَةُ حَبَّةٍ ۗ وَاللَّهُ يُضَاعِفُ لِمَنْ يَشَاءُ ۗ وَاللَّهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ

(*Бақара/261*) Достони касоне, ки амволи хешро дар роҳи Худо инфоқ мекунанд, достони донае аст, ки ҳафт хӯша рӯёнида бошад ва дар ҳар хӯша сад дона бошад ва албатта Худо барои ҳар кадом бихоҳад аз ин ҳам бештар (дубаробар) медиҳад. Худо кушоишдиҳанда ва доност.

Ин асар инфоқоте аст, ки баҷо ва дар роҳи Худо, яъне роҳи хайри умум масраф шавад, ки ҳадди ақал ҳафтсад баробар мешавад.

Аммо масале, ки барои инфоқоти ғалат меоварад:

مَثَلُ مَا يُنْفِقُونَ فِي هَٰذِهِ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا كَمَثَلِ رِيحٍ فِيهَا صِرٌّ أَصَابَتْ حَرْثَ قَوْمٍ ظَلَمُوا أَنْفُسَهُمْ فَأَهْلَكَتْهُ ۚ وَمَا ظَلَمَهُمُ اللَّهُ وَلَٰكِنْ أَنْفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ

(*Оли Имрон/117*) Достони инҳо (кофирон ва муъонидон), ки инфоқ мекунанд дар ин дунё, достони боде аст, ки сармое дар худ дорад ва ба зироъати мардуме, ки ба худ ситам кардаанд исобат мекунад, пас онро табоҳ месозад, ҳамоно Худо ба онҳо ситам намекунад, худ ситам мекунанд.

Дар ҳар ду оят сухан аз “инфоқ“ аст, як инфоқ он андоза самарабахш аст, ки ҳафтсад баробар боздеҳ дорад, аммо инфоқи дигар на танҳо боздеҳ надорад, балки асари маъкус дорад, балое аст, ки маҳсулоти дигарро низ табоҳ месозад.

Аз назари Қуръон, инфоқоти мӯъминони воқеӣ ҳамвора аз навъи аввал аст ва инфоқоти кофирон аз навъи дуввум.

Пас ҳамон тавр, ки бархе навиштаҳо ба ҷойи ин ки роҳнамо ва роҳгушо ва таҳаррукбахш бошад, асари маъкус мебахшад, мунҳарифкунанда ва тахдиркунанда ва инҷимодовар аст, бархе инфоқот низ на танҳо асари муфиде надорад, балки хоссияти офат барои маҳсулоти дигарро пайдо мекунанд, назири тағзияе аст, ки ангалҳои дохилии бадан мекунанд, ки на танҳо асаре барои бадан надорад ва бадан аз он маводд тағзия намекунад, балки душманоне, ки худро ба бадан часбонидаанд, тағзия мешаванд ва нерӯ мегиранд ва баданро аз по дармеоваранд.

Хуб аст мутолеае дар мавриди сарватҳое, ки мардум ба унвони инфоқот ва мабаррот харҷ мекунанд, ба амал ояд, то маълум гардад, чӣ нерӯҳое аз ин сарватҳо тағзия мешаванд? Нерӯҳои пешрав ва хидматгузор? Ё нерӯҳои мухарриб ва боздоранда?

## Бархӯрд бо фурсатҳо

Аломати дигари рушд ва берушдиҳо тарзи бархӯрд бо фурсатҳост, яъне аз фурсат истифода карданҳо ва фурсат аз даст доданҳост, ки дигар маҷоле барои тафсил нест.

Шояд аз маҷмӯъи он чи гуфта шуда, то ҳадде битавонем вазъи худамонро аз назари рушди исломӣ дарёбем. Оё мо як ҷомеаи рашиди мусалмонем? Оё мо аз сармояҳои худ огоҳем? Оё шоистагии нигаҳдорӣ ва баҳрабардорӣ аз сармояҳои худро, ки ба ҳар ҳол амонтаҳое аст, ки таърих ба мо супурдааст, дорем? Алоим чӣ нишон медиҳад?

Дар ҳар ҳол набояд маъюс бошем, бояд бештар ба масъулиятҳои худ таваҷҷӯҳ дошта бошем, бояд бидонем, ки рушд ба ҳар ҳол иктисобӣ аст, бояд онро таҳсил кунем, рушди ҷомеаи худро боло бибарем. Вазифаи аслии раҳбарони динӣ ҷуз ин нест.

## Дар перомуни муҳаллил

Филми “Муҳаллил” филме, ки саросар қалб, масх ва таҳриф аст.

Пайғамбари Акрам (с) мардеро, ки кори такрори талоқро ба муҳаллил бикашонад ва низ шахси муҳаллилро лаън кардааст.

Чанд ҳафта қабл эълоне бисёр вақеҳ ва зананда дар рӯзномаҳо дида мешуд, ки алоқамандон ба иффати умумиро сахт норохат карда буд ва ғолибан дар бораи занандагии он эълон сӯҳбат мекарданд. Аз қароин пайдо буд, биност, ки филме таҳти унвони “Муҳаллил“ нишон дода шавад. Ҳадафи филм ҳам аз аввал маълум буд, тӯле накашид, ки шунидем, намоиши он филм оғоз шуда ва дар бисёре аз синамоҳои пойтахт ва шаҳристонҳо нишон дода мешавад.

Аз вақте, ки ин филм шурӯъ шуд, рӯзе нест, ки ошноёни дуру наздик ҳузуран ва ё ба василаи телефон ба ин банда муроҷеа накунанд ва дар бораи асари гумроҳкунандаи он сухан нагӯянд. Ақидаи онҳо ин буд, ки ҳарчанд ин филм аз назари ҳунарӣ ва фикрӣ мубтазал аст, аммо назар ба ин ки тавре танзим шуда, ки қонуни “муҳаллил“-ро, ки дар Қуръони Маҷид ба он тасреҳ шудааст, бепоя ва ситамгарона ҷилва медиҳад ва табъан дар “руҳияи табақаи ҷавон“, ки аз моҳият ва фалсафаи он бехабаранд, асари баде мегузорад. Лозим аст лоақал дар мақолае ба он посух дода шавад ва моҳияти ҳақиқии ин қонун тавзеҳ дода шавад.

Ман намехостам дар ин бора чизе бинависам. Узрам ин буд, ки накди як филм кори ман нест, агар дар ин замина чизе ба сурати китоб ё мақола мунташир шуда буд, изҳори назари ман саҳеҳ буд, на чизе, ки ба сурати филм ироа дода шуда ва иттилооти ман дар бораи он мунҳасир аст ба як силсила масмуъот. Касоне, ки филмро дида буданд, баъзе ба таври хулоса ва баъзе ба таври тафсил, матни филмро дар ихтиёри ман қарор доданд ва узри маро қатъ карданд ва ба ҳар ҳол пойи матлабе дар миён аст, ки дар насси ояти каримаи Қуръон бад-он тасреҳ шудааст.

Ман пиёдаи он филмро бар рӯйи коғаз хондам. Дидам, саросар қалб ва масх ва таҳриф аст, чӣ аз назари қонуни муҳаллил ва чӣ аз назари воқеиёте, ки дар ҷомеаи мо дар гузашта ва ҳол ҷараён дошта ва дорад. Таҳиякунандаи филм аз он ҷо, ки назари таблиғотӣ дошта ва наметавониста бо худи воқеият мувоҷеҳ гардад, зеро ироаи айни воқеият аз виҷҳаи таблиғотӣ, ки ӯ дар назар доштааст, натиҷаи маъкус медода, яъне ба нафъи қонуни муҳаллил тамом мешудааст, ночор бар хилофи асли садоқат рафтор кардааст. Ҳам қонуни муҳаллилро масх кардааст ва ҳам саҳнаҳое сохтагӣ, ки мушобеҳи онҳо хеч вакт дар ҷомеаи мо вуҷуд надошта ва надорад, офаридааст. Дар ҳақиқат ба

ҷомеае, ки худ дар он зиндагӣ мекунад, ифтиро баста ва бӯҳтон задааст. Вазифаи як филмсоз ин аст, ки ҷараёноти воқеиро рӯйи саҳна биёварад ва интиқод кунад, на он ки саҳнаҳои сад дар сад хаёлӣ аз худ бисозад ва ба дурӯғ ҷомеаи худро муттаҳам созад ва мӯҷиботи гумроҳии афкорро нисбат ба ҷомеа фароҳам кунад.

Ин аст, ки ин филм гузашта аз ҷанбаи исломӣ, аз ҷанбаи миллӣ низ як хиёнат аст. Ман ин матлабро аз ду ҷанба мавриди баҳс қарор медиҳам: яке аз назари қонуни исломӣ ва дигар аз назари татобуқи филм бо воқеиятҳо ва ҷараёнҳои иҷтимоӣ. Аммо аз назари аввал:

## Муҷозоти талоқҳои мукаррар

Қонуни муҳаллил дар ислом, аз тавобеъи қонуни талоқ аст. Навъе муҷозоти отифӣ аст. Тадбире аст аз маҷрои эҳсосот барои ҷилавгирӣ аз такрори талоқ. Оморҳо ва таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки ин қонун асари фавқулъода дар ҷилавгирӣ аз талоқ доштааст.

## Ҳалоли мабғуз

Талоқ аз назари ислом “ҳалоли мабғуз” аст. Пайғамбари ислом дар ривояте, ки шиъа ва суннӣ ба иттифоқ ривоят кардаанд, фармуд: “*Мабғузтарини ҳалолҳо дар назди Худованд талоқ аст.*“ Ва ҳам он ҳазрат фармуд: “*Издивоҷ кунед ва талоқ надиҳед, ки арши илоҳӣ аз талоқ меларзад.*”

Талоқ, ҳалоли мабғуз аст яъне чӣ? Яъне дар айни ин ки дар ҳадди як ҳаром манфур ва мабғуз аст, ислом монеъи иҷборӣ дар ҷилави он қарор намедиҳад. Ва ин худ аз як фалсафаи куллӣ дар низоми хонаводагӣ реша мегирад, ки мавриди таваҷҷӯҳ ислом аст. Аз назари ислом улқаи завҷайн як улқаи табиӣ аст ва механизми хосс дорад. Алоқаи завҷайн ба якдигар бо ин ки тарафайнӣ аст, ба ин шакл аст, ки аз ҷониби мард оғоз мешавад ва алоқаи зан ба мард аз навъи посухгӯӣ аст. Ба ҳамин ҷиҳат мақоми зан дар муҳити хонаводагӣ мақоми як маҳбуб ва мурод аст.

Ислом тадобире аз маҷрои авотиф ба кор мебарад, ки низоми хонаводагӣ бар ҳамин поя маҳфуз бимонад, яъне шӯълаи ишқ ва алоқаи мард ҳамеша равшан буда ва зан низ посухгӯи он бошад. Он чи аз назари ислом мабғуз ва манфур аст ин аст, ки ин шӯъла хомӯш гардад ва конуни хонаводагӣ ба сардӣ гарояд.

Аммо агар аҳёнан ба ин сурат даромад ва зан дар қалби мард сукут кард, дигар набояд занро ба зӯр ба мард часбонид. Зане, ки ба зӯри қонун ба мард таҳмил шуда бошад, ҳолати имоми ҷамоатеро дорад, ки аҳли маҳал ба ӯ иродате намеварзанд ва ӯ бо зӯри

посбон мехоҳад худро муқтадои мардум кунад. Ислом ҳар кӯшиши иҷбориро барои бақои зан дар чунон муҳите лағв ва беҳуда ва бар хилофи асоси равобити хонаводагӣ медонад, асоси равобити хонаводагӣ бар ҳокимияти мутақобили зану мард аст. Яъне ҳокимияти зан бар мард аз лиҳози отифӣ ва эҳсосӣ ва ҳокимияти мард бар зан аз лиҳози фикрӣ ва раҳбарӣ ва мудирият дар муҳити хонавода. Ин аст, ки талоқ аз назар ислом дар айни ин ки сахт мабғуз ва манфур аст, ҳалол аст, яъни он ҷо, ки тадобири мухталиф барои ибқои улқаи завҷайн муфид наяфтода, чорае нест ҷуз талоқ.

## Тадбири отифӣ

Яке аз тадобири ислом барои ҷилавгирӣ аз талоқ, ки аз тариқи отифа ба кор бурда ва дар ҳақиқат навъе муҷозот аст, қонуни муҳаллил аст. Агар марде зани худро талоқ дода ва баъд дар идда[3] руҷӯъ кард ва ё баъд аз инқизои идда, бо ӯ издивоҷ кард, он гоҳ бори дигар ӯро талоқ дод ва боз дар идда руҷӯъ кард ва ё баъд аз инқизои идда, бо ӯ издивоҷ кард, сипас барои навбати севвум талоқро такрор кард, дигар ҳақ надорад барои бори чаҳорум бо он зан издивоҷ кунад, магар он ки он зан бо марди дигаре издивоҷ карда бошад ва он издивоҷ ба таври табиӣ мунҷар ба талоқ ва ё фавти завҷ шуда бошад. Он издивоҷи дигар қатъан бояд доим бошад, на муваққат ва ҳам бояд оддӣ ва табиӣ бошад, яъне наметавонанд аз аввал ба шарти талоқ издивоҷ кунанд ва ҳам бояд зан бо шавҳари ҷадид амалан ҳамбистар шуда бошад.

Дар сураи муборака Бақара, ояти 229 мефармояд:

“*Талоқ фақат ду бор аст, сипас ё ба шоистагӣ нигаҳ доштан ва ё ба некӣ раҳо кардан*.“

Қуръон баъд тавзеҳ медиҳад, ки мард ҳақ надорад аз маҳрия чизе пасбигирад, магар ба унвони хулъ, он гоҳ мегӯяд:

“*Агар навбати севвум он занро талоқ дод, дигар он зан бар он мард ҳалол намешавад, то он зан бо марди дигаре издивоҷ кунад. Агар он марди дигар он занро талоқ дод, монеъе нест, ки зан ва марди аввал бори дигар издивоҷ кунанд ба шарти он ки гумон бибаранд ҳудуди Худоро бапо медоранд ва ба шароит амал мекунанд. Инҳост муқаррарот ва ҳудуди илоҳӣ барои мардуме, ки медонанд*.“

---

[3] *Маънии идда, яъне пас аз он ки зан дар покӣ талоқ дода шуда, бояд ба андозаи ду бор, ки одати занонагӣ бибинад, сабр кунад. Ҳамин ки барои бори севвум вориди одати занонагӣ шуд, иддаи ӯ тамом аст ва метавонад шавҳар кунад. Албатта муддати одат дар занон фарқ мекунад.*

Пас маълум шуд, бо гуфтани мард ба шахсе, ки бирав зани маро сеталоқа кун, имкони ин ки зан сеталоқа шавад нест, бояд ҷараён ба наҳве, ки гуфта шуд, тай шавад, вагарна на зан сеталоқа мешавад ва на ниёзе ба муҳаллил пайдо мешавад. Ниёз ба муҳаллил он гоҳ пайдо мешавад, ки талоқ се бор такрор шавад ва дар фосилаи талоқҳо руҷӯъ ё издивоҷи муҷаддад сурат гирад. Пас аз талоқи севвум ин муҷозот барқарор мешавад.

Аммо дар ин филм чунин вонамуд шуда, ки бо гуфтани бирав зани маро сеталоқа кун, дафтардор метавонад занро сеталоқа кунад ва баъд ҳам чорае ҷуз муҳаллил нест.

Аз Имоми ҳаштум дар бораи фалсафаи ин ҳукм пурсиш шуд, ки ба чӣ иллат агар марде се бор зани хешро талоқ дод, дигар он зан бар ӯ ҳаром аст магар он ки марди дигаре бо он зан издивоҷ кунад ва талоқ диҳад ё бимирад, Имом фармуд, барои ин ки он мард се бор дар коре ворид шуд, ки мавриди кароҳати худовандӣ аст, Худованд ба ин сабаб ин муҷозотро муқаррар кард, ки мардум талоқро сабук нашуморанд ва занонро озор нарсонанд. Яъне бидонанд, монанди ҷомае нест, ки мард ҳар соате хост онро бипӯшад ва ҳар соате хост онро биканад.

Акнун шумо дар мавриди талоқ чӣ мегӯед? Ё бояд назари калисои католикро бипазиред, ки чун издивоҷ паймони муқаддасе аст, талоқ ба ҳеч ваҷҳ набояд дар кор бошад ва ё нуқтаи муқобили онро қабул кунед, яъне талоқро он қадр сабук бишуморед, ки дар ҳар шароите ин паймон қобили фасх бошад ва амалан ҳар мард ва ҳар зан дар тӯли умрш даҳҳо бор издивоҷ кунад ва талоқ бидиҳад ва талоқ бигирад ончунонки дар зиндагии ҳунарпешагони Ҳоливуд дида мешавад? Ва ё билохира мепазирад, ки ҷилави талоқро ба куллӣ набояд гирифт ва бо зӯр ҳам наметавон иҷтимоъи хонаводагиро, ки як иҷтимоъи табиӣ ва отифӣ аст ҳифз кард, пас ҳамаи тадобирро чӣ ба сурати ташвиқ ва чӣ ба сурати муҷозот аз тариқи ҳамон авотиф бояд ба кор бурд?

Қонуни муҳаллил чунин тадбире аст. Қонуни муҳаллил дар ҷилавгирӣ аз талоқ таъсири басазое дошта ва ҳамвора ба шакли як таҳдиди дарднок ҷилави чашми мардон будааст. Мардоне, ки як дар сад эҳтимол медодаанд, ки ба суроғи зани аввали худ хоҳанд рафт, аз мубодират ба талоқи севвум худдорӣ кардаанд. Ва ба ҳамин далел аст, ки бисёр кам иттифоқ афтодааст, ки чунин ниёзе пайдо шавад ва кор ба муҳаллил бикашад. Ҳар кадом аз мо, дар тӯли умри худ ё аслан талоқеро, ки ниёз ба муҳаллил пайдо карда бошад суроғ надорад ва ё агар суроғ дошта бошад, ҳатман аз як воқеа ва ду воқеа таҷовуз намекунад. Кадом муҷозот аст, ки ин қадр қудрати ҷилавгирӣ дошта бошад?!

## Митлоқият

Ин нуктаро изофа кунем, ки дар ислом “митлоқият“ ва “завоқият“ яъни ин ки касе мукаррар зан бигирад ва талоқ диҳад ва боз занони дигар ва бихоҳад занони мутаъаддидро бичашад ва таҷриба кунад, сахт наҳй шудааст ва амали мабғузи Худованд муаррифӣ шудааст ва ҳамчунин муҳаллил воқеъ шудан. Пайғамбари Акрам дар ривояте, ки шиъа ва суннӣ нақл кардаанд, ҳар мардеро, ки кори талоқро ба он ҷо мерасонад, ки ниёз ба муҳаллил пайдо шавад, лаънат фармуд, ҳам худи муҳаллилро ва албатта мавриди лаън мавриде нест, ки издивоҷ ва талоқи муҳаллил ба сурати табиӣ ва оддӣ сурат гирифта бошад, мақсуд ҷойе аст, ки шахс ба манзури як лаззати муваққат издивоҷ кунад.

## Нигоҳе ба ҷомеаи худамон

Аммо назари дуввум яъне аз назари ҷараёнот ва воқеиёте, ки дар ҷомеаи мо мегузарад, оё воқеан он чи дар ҷомеа мегузарад, ҳарчанд дар миёни табақаи ба истилоҳ бозорӣ, ҳамон аст, ки дар ин филм ироа дода шудааст, ё ин филм сирфан хоста ифтирое бибандад ва тавҳине ворид кунад? Оё қонуни муҳаллил, ки як муҷозот аст, барои ҷилавгирӣ аз талоқҳои мукаррар амалан аз ӯҳдаи ҷилавгирӣ барнаомада ва дар натиҷа доиман занҳо сеталоқа мешаванд ва ниёз ба муҳаллил пайдо мешавад ва дар натиҷа илова бар афроди оддӣ, гурӯҳе муҳаллили ҳирфаӣ ҳамеша вуҷуд дошта ва доранд, ки корашон ин аст? Ҳатто нархашон ҳам маълум аст, то он ҷо, ки ҳоҷии бозорӣ вақте, ки ба яке аз масоҷид меравад, мебинад ҳамон муҳаллилҳои ҳирфаӣ бо ҳам дар бораи шуғлашон ва даромадашон дар моҳ сӯҳбат мекунанд? Оё ин тавр аст ва ё таҳиякунандаи филм назараш сирфан тавҳин ба ҷомеаи эронӣ аст?

Сониян, оё то кунун касе шунидааст, ки дар дастуроти мазҳабӣ ворид шуда бошад ва ё амалан дар ҷомеаи мо касе дида бошад, ки занон ҳангоми ҳамсухан шудан бо марди бегона, ангушти худро ба даҳони худ кунанд ва вазъи музҳике ба вуҷуд оваранд? Оё ҷуз ин аст, ки таҳиякунандаи филм хостааст, ҷомеаи моро бар хилофи он чи буда ва ҳаст, муаррифӣ намояд? Он чи дар Қуръони Маҷид омада ва занони ботақвои мо амалан ба он рафтор кардаанд ва дастуре аст бисёр маъқул ва мантиқӣ, ин аст, ки занон ҳангоми сухан гуфтан бо бегонагон, бо ъишва ва ноз ва таҳрикомез, ки ҳаваси бемордилонро таҳрик мекунад, сухан нгуианд. Ин куҷо ва он вазъи масхараомез куҷо?

Болотар ин ки дар ин филм он ҷо, ки зани муталлақа ба ақди ҳамсоя дармеояд, шавҳари собиқ барои ин ки монеъи ҳамхобагии онҳо шавад, аз василае истифода мекунад, ки урупоиён онро “камарбанди иффат“ меноманд, яъне як шалвори зиреҳии филизии

қуфлдор. Дар қуруни вусто шаволияҳои Урупо, ки ба занони худ эътимод ва итминон надоштанд, дар ғиёби худ, ки ба сафар мерафтанд, аз ин шалворҳо барои занони худ истифода мекарданд ва калиди онро бо худ мебурданд. Ин адами эътимодҳо ва ин расмҳо ва ин шалворҳо дар ҷомеаи мо ҳаргиз вуҷуд надошта ва ҳатто як нафар аз мардуми мо онро намешиносад, ҳар кас шунида фақат аз қуруни вустои Урупо шунида, аммо таҳиякунандаи филм чунин вонамуд мекунад, ки дар ҷомеаи мо вуҷуд дошта ва дорад ва агар фарангиҳо дар шаш-ҳафт қарн қабл дар миёнашон маъмул будааст, дар ҷомеаи мо ҳанӯз ҳам вуҷуд дорад!

Оё агар як хориҷӣ ин филмро бибинад, ҷуз ин мефаҳмад, ки истифода аз камарбанди иффат, дар Эрон маъмул буда ва ҳанӯз ҳам дар миёни онҳо маъмул аст?

## Ибтизоли ҳунарӣ

Таҳиякунандаи филм аз як тараф иҷрои қонуни муҳаллилро он қадр ҷорӣ ва сорӣ медонад, ки гурӯҳе муҳаллили ҳирфаӣ барояш метарошад ва аз тарафи дигар як фарди бозориро, ки маъмулан беш аз дигарон аз масоили динӣ мутталеъ аст, аз вуҷуди чунин қонуне бехабар эълом мекунад. Таҳиякунанда филм қаҳрамони филми худро як бозорӣ қарор медиҳад ва он гоҳ бидуни таваҷҷӯҳ ба руҳияи синфӣ ва табақаии ӯ, ки муҳофизакорона аст ва монанди ҳар сармоядори дигаре мушкилоти худро зиракона ҳал мекунад, корд ба дасташ медиҳад ва ӯро водор ба арбада кашидан мекунад, ки “лаккаи нангро ҷуз бо хун намешавад пок кард“.

Қаҳрамони филм аз тарафе бозорӣ ва мутадайин аст ва танҳо виҷдонаш ин мушкилотро ба вуҷуд оварда ва дар ҷустуҷӯи роҳи ҳалли виҷдонӣ аст ва агар на аз назари қонунӣ ончунон ки дар филм танзим шуда, ҳеч монеъе дар кораш нест. Аз тарафи дигар монанди фарде, ки ҳеч родеъ ва монеъи виҷдонӣ ва руҳӣ надорад, кӯшиш мекунад, ки амалан аз иҷрои қонуни муҳаллил шона тиҳӣ кунад. Гоҳе ба дунболи касе меравад, ки нотавонии ҷинсӣ дошта бошад ва гоҳе аз камарбанди иффат истифода мекунад.

Дафтардори эронӣ ҳам он қадр бехабар аст, ки намедонад изни талоқ дар ҳоли асабоният кофӣ нест ва намедонад талоқ шароите дорад ва табъан то шароит ҳосил шавад, чанд рӯз ва гоҳе як моҳ ё бештар иҷрои сиға таъхир меафтад ва аҳёнан завҷайн дар ин байн оштӣ мекунанд ва намедонад, ки маънии сеталоқа кардан ин аст, ки талоқ бояд се навбати мутаволӣ, ки байни онҳо ду бор руҷӯъ сурат гирифта бошад ва ё идда мунқазӣ шуда бошад сурат бигирад.

Охири кор ҳам нороҳатии виҷдонии шаръии қаҳрамони филм бо баҳонаи қироат нашудани талоқнома, ки сирфан барои фирор аз қонун метавонад баҳона бошад, на барои роҳатии виҷдон бартараф мешавад.

Наметавон гуфт, ки таҳиякунандаи филм инҳоро намедониста ва ин таноқузотро дарк намекардааст. Вале як филми таблиғотӣ наметавонад аз ин таноқузот, ки камтарин асараш ибтизоли ҳунарӣ аст холӣ бошад.

* * *

*Поёни китоб*